САЙФИДДИН МИРЗОЗОДА

4

ЯҒНОБӢ ЗИВОК

САЙФИДДИН МИРЗОЗОДА

ЯҒНОБӢ
ЗИВОК 4

Забони яғнобӣ

(дастури илмӣ-таълимӣ барои муаллимон)

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст

Нашриёти "Сурушан"
ДУШАНБЕ - 1998

Китоб пурра бо маблағи муассисаи байналмиллалии "Мерси Корпс" нашр гардид.

Муаллиф аз директори муассисаи байналмиллалии "Мерси Корпс" ҷаноби Джеймс Уайт, ки барои ба нашр омода намудани ин китоб кӯмаку дастгирҳои зиёде карданд, сарфароз ва миннатпазир аст.

Муаллиф ба эшон аз самими дил изҳори ташаккур менамояд.

Китобчаи дарсие, ки дар даст доред, аслан барои синфи чоруми аҳолии яғнобнишин пешниҳод шудааст.

Масоили Яғноб ва яғнобшиносӣ масоили умумибашарист, зеро ин гӯшаи дар зоти худ беназири олам, ки танҳо дар ин ҷо забони суғдӣ ҳифз шудааст ва қонуни фарҳанги Суғд фаъолият мекунад. Забони яғнобӣ мувофиқи шароити ҷуғрофӣ тайи асрҳо бо андак тағйир ҳамчунин идома дошта, бисёр хусусиятҳои забонҳои аз байнрафтаи қадимӣ: забонҳои авастоӣ, хоразмӣ, суғдӣ, сакоӣ ва амсоли инҳоро то замони мо маҳфуз медорад. Китобчаи дарсии "Яғнобӣ зивок" яке аз дастовардҳоест, ки дар бахши пажӯҳиши забони яғнобӣ ва ҳамчунин эроншиносӣ.

Китобчаи мазкур на танҳо барои мактаббачагон, балки барои мутахассисони соҳаи филология, эроншиносҳо, кормандони фарҳанг ва барои ҳамаи онҳое, ки ба омӯзиши забонҳои эронӣ машғуланд, дастури муфид хоҳад буд.

САЙФИДДИН МИРЗОЗОДА

ЯҒНОБӢ ЗИВОК

4

Ҳамчунин қисме аз яғнобиҳо тақрибан дар охири қарни гузашта, ё пештар аз он ба деҳаҳои ноҳияи имрӯзаи Ғончӣ кӯчида омадаанд. Мисоли равшани он бошандагони деҳаҳои Қаҷровут, Пушти отахона, Қалъача мебошанд, ки бисёри онҳо худро яғнобӣ меҳисобанд, вале забони модариро фаромӯш кардаанд.

Албатта, сабабҳои мухталиф яғнобиёнро маҷбур сохт, ки Ватани азизи худро тарк бикунанд. Яке аз сабабҳо ин аст: Яғноб кӯҳистони дурдастест, ки роҳи мошингард надорад. Ин ҳол водор сохт, ки мардум барои гузаронидани рӯз ва пайдо кардани ризқу рӯзӣ ихтиёран ба водиҳо кӯч банданд.

Сабаби дигар амри маҷбурӣ аст, ки яғнобиёнро зӯран аз марзу буми хеш ба заминҳои пахтакорӣ муҳоҷир карда буданд.

Бо вуҷуди ин яғнобиёне, ки ҳоло забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳояшонро маҳфуз медоранд, на камтар аз даҳ ҳазор

Ҳарбак шавишт и ғум таскиса ғор,
Яғнобиса тиримишт, нашавишт мохпӣ мадор?
Яғноб шавим, ғамтун кишим, хой хойим,
Рунат санчакти сеним хантивик пойим.

ДАРСИ АВВАЛ

Бо ҳукми Худо тайи ризо дар нагирифт,
Бо халқ ба ҷуз рӯйи риё дар нагирифт.
Ҳар ҳила, ки бо тасарруфи ақл омад,
Кардем, валек бо қазо дар нагирифт.

Рубоии мазкур бо қаламӣ Малик Қалони Яғнобӣ тааллуқ дорад. Малик Қалони Яғнобӣ чаҳорсад сол пеш аз мо умр ба сар бурдааст. Ӯ хаттоти моҳиру чирадаст буда ва ҳам шеър менавиштааст.

Ҳуҷҷатҳои таърихӣ ҳоҳ дар коғаз сабт шуда бошанд, ҳоҳ дар санг шаҳодатномаи халқанд. Рубоии Малик Қалони Яғнобӣ дар рӯйи санг бо хати зебо навишта шудааст, ки асрҳо ин ҷониб наслҳои гузаштаву оянда сари мазмуни он ба андеша хоҳанд рафт. Гӯё хаттоти чирадаст Малик Қалони Яғнобӣ пешомади халқи худро эҳсос намуда, чаҳорсад сол пеш воқеаҳоеро пешгӯйӣ карда бошад, ки қариб буд боиси нест шудани яғнобиҳо гарданд.

Албатта, ҳар халқеро таърихест. Дарёи Яғноб садҳо километр ҷорӣ шуда, баъд ба дарёи Зарафшон ҳамроҳ мешавад. Дар қадим аз ин ҷойҳо корвонҳои тоҷирон мегузаштанд, ки аз водиҳои Суғд ба кӯҳистон бор мебурданд. Аз деҳаи қадимаи Анзоб, ки дар ҳуҷҷатҳои замони Суғдиён ҳам аз он ёдоварӣ шудааст, маҳалле буд барои тоҷирону сайёҳон дастнорас. Баъди Анзоб пайроҳа ба кӯтали /ағбаи/ Латтабанд мебаромад, ки онро яғнобиҳо кӯҳи Қоф низ ном мебаранд. Гӯё бо ин ном кӯҳистониён ба он ишора мекарданд, ки танҳо каси хеле боҷуръат метавонад аз ин ағба гузашта ба назди мардуме бирасад, ки забони нодири қадимаи хешро зинда нигоҳ доштаанд.

Байте низ дар бораи ин ағбаи душворгузар мавҷуд аст:

Яғноб дур аст, раҳаки Яғноб дур аст,
Сар кардани Латтабанд азоби гур аст. /халқ/.

Соли 1870 буд. Қад-қади водиии Зарафшон ба ҷониби Искандаркӯл як гурӯх сайёҳон равон шуданд. Дар ҳайати он ду нафаре буданд, ки бо амри тақдир онҳоро метавон аввалин кашшофони /кашфкунандаи/ Яғнобашон номид. Ин ду нафар - яке шарқшиноси ҷавони рус Александр Кун ва дӯсти ӯ, ёрдамчиву тарҷумонаш Мирзо Мулло Абдурахмони Самарқандӣ буданд. Рӯзномаи ин саёҳати онҳо нахустин ҳуҷҷате буд, ки дар он хусусияти забони мардуми Яғноб ва рӯзгорашон қайд мешуд.

Баъди бозгашт аз Яғноб Александр як мақолаи хурде дар бораи Яғноб ва забони ешон чоп кард. Пас аз ин диққати бисёр мутахассисон ба Яғноб ҷалб шуд ва пайи ҳам дар Урупо мақолаҳои де-Уйфалви ва В. Томашек нашр шуданд. Аз соли 1913 забони яғнобиро олимони франсавӣ Г.Готе ва олмонӣ /немис/ Г.Юнкер низ меомӯхтанд.

Соли 1932 буд. Рӯзе як ҷӯпони Хайрободӣ Ҷӯраалӣ Махмадалӣ дар вайронаи қалъаи Қуми кӯҳи Муғ сабади аз шохчаҳои мақнунбед бофташудаеро пайдо кард. Чунин бозёфтро олимон дер боз интизор буданд, чунки дастнависҳои суғдӣ то он вақт танҳо дар ғарби Чин /Хитой/ ёфт шуда буданд.

Баъди омӯхтани ин дастхати суғдӣ маълум шуд, ки забони яғнобӣ яке аз гӯйишҳои зиндаи забони суғдӣ будааст.

Дар бораи гузаштаи Яғноб маълумоти аз ҳама бештар дар ёдгориҳои таърихии асримиёнагӣ маҳфуз аст ва пеш аз ҳама дар катибаҳо бар лавҳҳои гӯр ва бар танаи харсангҳо. Забоншиносон исбот кардаанд, ки забони форсӣ-тоҷикӣ дар кӯҳистон батадриҷ густариш ёфтааст. То асрҳои XIII-XIV кӯҳистониёни Зарафшон ба гӯйишҳои забони суғдӣ гуфтугӯ мекардаанд.

Солҳои 1969-1970. То ин вақт дар Яғнобдара 32 деҳи ободу зебо мавҷуд буд. Мувофиқи рӯйхати ин солҳо дар Яғноб 3194 нафар мардум мезистааст, аз ин миқдор 1282 нафарашон қувваи қобили меҳнат будаанд.

Аз соли 1969 мардуми Яғнобдараро барои бунёди ноҳияи нави пахтакор ба дашти ташналаб ва тафсони Мирзочӯл /ноҳияи Зафаробод/ муҳоҷир карданд. Дар натиҷа марзу бум ҳусусан забонӣ ешон коста шуд ва қариб буд аз байн биравад.

Яғноби оптиш ширин ор,
Ментиш баландзамин ор.
Фақат чи беросии даст,
Одамтиш пахтачин ор.

/Ҷ. Ҷумъазода/

Баъди гузашти солҳо баъзе аз яғнобиҳо пай бурданд, ки забон, расму русуми бобогӣ дар ин диёри бегона оҳиста-оҳиста аз байн хоҳад рафт. Ин буд, ки соли 1978 як қисми яғнобиҳо ба ватани азизашон бозгаштанд. Сол то сол теъдоди онҳо меафзояд ва соле нест, ки ба Яғноб ду-се кӯч илова нашавад. Ҳамин тавр, диёре, ки мардуми он бо забони яғнобӣ ҳарф мезананд, аз нав эҳё мегардад. Ҳоло беш аз 16 деҳаи Яғнобдара обод аст ва беш аз 600 нафар одамон сукунат доранд, ҳол он ки пеш аз муҳоҷират 3194 нафарро ташкил медоданд.

Дастим аносим қаламим,
Авоим адо куном аламим.
Бекор нанидом чи ғамим,
Ман сар деҳом қаламим...
Шавим чироғт олхашоним,
Тик хутаннот лаксоним.
Яғнобит ҳамашинт ҷам вис!
Й гап деҳс, ӣ кам вис!

/Ҷ.Ҷумъазода/.

Ба даст гирифтам қаламам,
Гуфтам адо кунам аламам.
Бекор нашинам зи ғамам,
Ман сар бизанам қаламам...
Равему чароғҳоро фурузон кунем,
Бори дигар осиёбҳоро гардон кунем.
Ҳамаи яғнобиҳо ҷамъ шавед!
Як ҳарф занеду як қавм шавед!

/Тарҷумаи С. Мирзозода/

ДАРСИ ДУВВУМ

ШИНОСОӢ БО ЯҒНОБ

Яғнобдара аз деҳкадаи Хишортов оғоз мешавад, ки он аз канори рости дарёи Яғноб ҷойгир аст. Муҳоҷиркунонӣ аз ҳамин ҷо ибтидо гирифта буд, ки нақши он то кунун боқист ва солиёни зиёде боқӣ хоҳад монд.

Деҳаи Хишортов чаҳор гузар дорад: Вайрона, Шимен, Варзоб ва Ҷӯйи Боло. Маънии Шимен /**ши** боло; **мен** деҳа/, яъне

деҳи боло, деҳае, ки дар баландӣ ҷой гирифтааст.

Ҳоло дар деҳаи номбурда панҷ оила чароғи аҷдодӣ фурӯзон кардаанд.

Аз тарафи чапи Хишортов роҳи марказӣ қад-қади дарёи Яғноб теппаву пуштаҳоро гузашта ҷониби охирин деҳаи ин дараи зебову афсонавӣ Навобод боло мешавад. Вале то Навобод роҳ ҳанӯз дур аст.

Аз ду тарафи дарё деҳаҳои Ворсовд /Ворсовут/, Марғтимайн, Шахсара, Муштиф, Думзой, Хисоки Дарв /Давр/, Чуккат мукобили ҳам ҷой гирифтаанд. Сақфу деворҳои фурӯрафтаи хонаҳо мазори вайронаро пеши назар меоранд. Дер боз аст, ки дар ин кулбаҳои сангин бо нияти хайр чароғе рӯшан нашудааст. Пайраҳаҳо кӯр шуда, деҳаҳо вайрону валангор ва роҳи рафтуомад хеле душворгузар шудааст. Аз Хишортов се-чор соат роҳ бояд рафт то деҳкадаи Бидев, ки 300-400 метр болотар аз соҳили рости дарё ҷой гирифтааст. Дар ин деҳа як оила зиндагӣ мекунад.

Рӯ ба рӯи Бидев аз ҷониби чапи дарё деҳаи Вағинзой қомат рост кардааст, ки ин ҷо низ як оила /пиру кампир/ сукунат доранд.

Дар қисмати соярӯи дара деҳаи Шовета /Шоввета/ воқеъ аст ва дар ин ҷо ҳам як оила зиндагӣ мекунад. Маънии Шовета /**шов** сиёҳ; вет номи дарахт аст ва он шабеҳи бед мебошад/.

Деҳаи Пулларовут дар бағали як дараи хурдакаке ҷойгир шудааст. Маънии деҳаи мазкур /**пулла** хурд, майда; **ровут** дара/ аст. Ин ҷо ҳам як оила сукунат дорад. Дуртар аз он ба масофаи 300-400 метр деҳкадаи Қаше воқеъ аст, ки ду оила маскун аст.

Дар соҳили чапи дарё дар рӯ ба рӯйи Қаше деҳаи Нумиткон ҷойгир шуда, ки аҳолияш аз ду оила иборат аст.

Аз Қаше як ҳамгашт он тараф деҳаи Таги Чанор воқеъ гаштааст. Дар бораи номи деҳа метавон каме таваққуф кард. Дар гузашта Таги - Чанор Ровут ном доштааст, яъне дара. Ин дара поён то боло, ки ба ағбаи Сурхкати Мастчоҳ мепайвандад, бо чандин ном ёд мешавад /маънии Сурхкат-**сурх** сурх; **кат** хона, яъне хонаи сурх/. Чунончи: Пасаровут, Вегимен /**вег ё веск** миёна; **мен** гузар, деҳа/, Ёрам, Ҷарзой, Ғарзой

/гар кӯҳ; **зой** замини зироат кошта/, Ғарчик, Паст, Ғуди Сар, Ғуданвара /**гудан** номи алафи бутташакл; **вара** суффикси сифатсоз/, Искодарак. Искодарак ҳоло вайронаест, ки шояд пештар деҳаи ободе буда ва гузаре доштааст бо номи Луликуш. Дар деҳаи Таги Чанор панҷ оила зиндагонӣ мекунад.

Наздики Таги Чанор деҳаи Питип ҷойгир шудааст ва як оила маскун аст.

Баъдан деҳаҳо ба ду дара тақсим мешаванд,як дара моро ба ҷониби рост ва дигаре тарафи чап мебарад. Аз ҳар ду тараф ҳам дарё аст. Дарёи яке аз ағбаи Қул сарчашма мегирад ва дигаре аз Ғӯйбоз.

Аз соҳили чапи дарё деҳаҳои Симич, Даҳана, Қули миёна ва боло ҷойгиранд. Аз ҷониби рост деҳаҳои Сокан, Ғармени поён ва боло. Дар деҳаи Қул ҳафт хонавода ва дар Ғармени боло ва поён чор оила зиндагӣ доранд ва боқимонда деҳаҳо беодаманд. Дар деҳаи Сокан мазори муқаддаси яғнобиён-оромгоҳи Ҳатти Мулло бо саҳобааш ҷой дорад.

Деҳаи Ғармени боло аз чунин гузарҳо ташкил ёфтааст: Қойпаст, Ғулзой, Шаҳмури мен, Шимен, Қалъа.

Дараи дуюм аз деҳаи Пискон шурӯъ мешавад, ки аз Ғармен тақрибан 2-3 километр тӯлонӣ дорад. Дар Пискон

ҳафт оила умр ба сар мебарад. Ин деҳа дар самти чапи дарёи Навобод ҷойгир аст. Деҳаҳои Падипаст ва Дебаланд низ дар самти чапанд. Дар Падипаст як оила зиндагӣ мекунад ва Дебаланд беодам аст.

Аз тарафи рости дарё деҳаи Қансе воқеъ гашта, ду-се километр дуртар аз он деҳаи сернуфустарини Яғноб Қирёнте ҷойгир аст. Ин деҳа бист буна дорад.

Баъди Қирёнте деҳаҳои Декалон, Навобод ва Тагоб паси ҳам ҷойгир шудаанд, ки то имрӯз беодаманд.

Мардуми деҳаҳои Хишортов, Қансе, ва Қирёнте бо забони тоҷикӣ ва боқимонда деҳаҳо бо забони яғнобӣ гуфтугӯ мекунанд. Агар деҳаҳои беодамро ҳам ба назар гирем, одамони деҳаҳои Ворсовд, Декалон, Навобод ва Тагоб тоҷикзабонанд.

Ин буд сайри сарзамини афсонавӣ ва бостонии макони суғдзабонҳо.

РУБОИҲОРО АЗ ЁД ҚУНЕД

Дар шӯразамин булбули нолон моем,
Дар гиря мисоли абри борон моем.
Чашми ҳама мардум аст бар сӯйи Ватан,
Дур аз Ватану ҷудо зи ёрон моем.

Офтобаки таҳдаштӣ обам кардай,
Сангойи Ватан ҷигаркабобам кардай.
Сангойи Ватан не хурдану не бурдан,
Ғайр аз ғами Яғнобайу фикри мурдан.

Яғноб-ба мурам, Яғноб гули райҳонай,
Сар то сари ёлаҳош гули торонай.
Мардумон мегун абри сиёҳ боронай,
Сеалаф шудай дар ҳасрати боронай.

Ин рубоиҳо дар дашти тафсони Мирзочӯл гуфта шудаанд. Яғнобиҳо бо ин гуна рубоиҳо дили пурдарду алами худро таскин медоданд, чунки бисёри онҳо пас аз муҳоҷират аз Ватан, аз хешу табор ва ёру ошно фарсахҳо дур афтода буданд. Шӯразамин гуфта ноҳияи Зафарободро дар назар доранд.

ДАРСИ СЕЮМ

ҲУДУДИ ИНТИШОРИ ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Аз таърих ва гардиши айём маълум мешавад, ки толеъ ба мардуми Яғноб чандон мадад накардааст. Онҳо ҳамвора ба душвориҳои зиёди зиндагӣ рӯ ба рӯ шудаанд. Ин ҳол боиси он гардид, ки мардуми Яғнобдара пахну парешон гарданд. Чӣ тавре ёдовар шуда будем, солҳои 1969-1970 бошандагони суғдзабонро, ки дар 32 деҳаи ободу зебо иқомат доштанд, ба заминҳои навкорами Мирзочӯл /ноҳияи Зафаробод/ муҳоҷир карданд. Дар натиҷа забону фарҳанги ешон дар байни забонҳои ғайр рӯ ба инқироз овард. Қисме аз мардум инро ҳис карда, оҳиста-оҳиста ба зодгоҳашон баргаштанд. Ҳамин тариқа, тадриҷан аз нав баъзе деҳаҳо обод гаштанд. Муҳимтар аз ҳама дар кӯҳистони Яғноб лафзи яғнобӣ ва урфу одати ин мардум бозпас эҳё гардида барои инкишофи минбаъда имкон пайдо кард.

Ҳоло дар 16 деҳаи Яғнобдара беш аз 80 хоҷагӣ ва анқариби 600 нафар одамон зиндагӣ доранд. Қисми асосии яғнобиҳо дар шаш совхози ноҳияи Зафарободи вилояти Ленинобод /совхозҳои Айнӣ, Пахтакор, Суғдиён, 40-солагии Тоҷикистон, Комсомол,

Ленинобод/ маскунанд. Миқдоре аз яғнобиён дар маркази шаҳри Душанбе ва гирду атрофи он /кӯчаҳои Заҳматобод, Зайнаббибӣ, Чкалин, Яккачинор, Хуҷамбиё, Варзоб-ГЭС, Алхитой, Навобод, Политехникум, Қабелний.../ сукунат доранд. Дар ноҳияи Варзоб/ дар деҳаҳои Кӯктеппа, Зуманд, Гароб, Сафедорак, Тагоб, Варзоб-Қалъа, Дахана, Аракчин, Дараи фонӣ, Чрмағзакони тоҷику ӯзбек, Дуоба, Чорбоғ, Гураха, Чағатай, Дараи яғнобиҳо, Шехак, Баковули нав ва кӯҳна.../; ноҳияи Ленин деҳаҳои Исанбой, Мисс, Гулбутта, Чоряккорон, Чабалай, Кӯрпай, Лойоб.../; ноҳияи Ҳисор /деҳаҳои Мавлонҷар, Чағатай, Багарак, Наврӯзбулоқ, Қелатош; ноҳияи Шаҳринав; ноҳияи Кофарниҳон /деҳаҳои Ҳоҷиқатаған; Теппаи самарқандӣ.../; ноҳияи Ёвон /дар деҳаҳои Чучу, Ғарав, Сабзазор/ ҳаёт ба сар мебаранд.

Ҳамчунин қисме аз яғнобиҳо тақрибан дар охири қарни гузашта, ё пештар аз он ба деҳаҳои ноҳияи имрӯзаи Ғончӣ кӯчида омадаанд. Мисоли равшани он бошандагони деҳаҳои Қаҷровут, Пушти отахона, Қалъача мебошанд, ки бисёри онҳо худро яғнобӣ меҳисобанд, вале забони модариро фаромӯш кардаанд.

Албатта, сабабҳои мухталиф яғнобиёнро маҷбур сохт, ки Ватани азизи худро тарк бикунанд. Яке аз сабабҳо ин аст; Яғноб кӯҳистони дурдастест, ки роҳи мошингард надорад. Ин ҳол водор сохт, ки мардум барои гузаронидани рӯз ва пайдо кардани ризқу рӯзӣ ихтиёран ба водиҳо кӯч банданд.

Сабаби дигар амри маҷбурӣ аст, ки яғнобиёнро зӯран аз марзу буми хеш ба заминҳои пахтакорӣ муҳоҷир карда буданд.

Бо вуҷуди ин яғнобиёне, ки ҳоло забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳояшонро маҳфуз медоранд, на камтар аз даҳ ҳазор



нафарро ташкил медиҳанд.

Гузашта аз ин бояд донист, ки яғнобиён авлоди кистанд ва забони онҳо аз чи забонест?

Яғнобиён авлоди бевосита ва наздиктарини суғдиён ба ҳисоб мераванд ва забони яғнобӣ ҳам як шохаи забони суғдист.

То асрҳои VI-VII Суғд яке аз давлатҳои калонтарин буд. Пойтахти Суғд шаҳри Мароқанд /Самарқанди имрӯза/ будааст. Бо забони суғдӣ водии Зарафшон, Қашқадарё, Уструшана, /Истаравшан/ ва қисми Фарғона, Чоч/ Тошкенти имрӯза/ ҳарф мезадаанд. Дар ин давра забони суғдӣ забони давлатӣ ва забони илму фарҳанг будааст.

Дар аввалҳои давраи мо забони суғдӣ ба Шарқ, аз Суғд ба Панҷруд ва водиҳои Туркистону Хитой дохил гашта буд. Дар он ҷо суғдиён бо номи "Роҳи бузурги абрешим" қофилаҳои савдо ташкил намуда буданд, ки қисми шарқии баҳри Миёназаминро бо Хитой мепайвст. Паҳн шудани забони судӣ дар асрҳои IV-X дар чунин ҳудуди бузург барои пайдоиши

гӯишҳои зиёди он мусоидат кард. Дар байни онҳо паҳншудатарин гӯиши Самарқанд буд, ки ба забони хаттии суғдӣ асос ёфта, дар тӯли садсолаҳо забони асосии адабиёт, илм, дин ва савдои ҷаҳонӣ дар Осиёи Миёна ва Марказӣ гардид.

Дар асрҳои IX-X, яъне дар давраи ташаккули халқи форсу тоҷик қисми асосии аҳолии шаҳрҳои Осиёи Миёна ба забони форсӣ- тоҷикӣ гузашта буд. Шаҳрҳои Самарқанду Бухоро муҳимтарин маркази тараққиёти хат ва адабиёт ҳисоб меёфтанд. Аммо дар чунин ҳолат ҳам забони суғдӣ дар деҳаҳои нисбатан хурдтар аз шаҳрҳо мавриди истифода буд. Ба гуфти ҷуғрофидони араб ал-Муқаддасӣ дар асри X дар деҳқадаҳои Бухоро бо забони суғдӣ гуфтугӯ мекарданд. Дар вилоятҳои кӯҳии Зарафшони боло забони суғдӣ тақрибан то асрҳои XIII-XIV /13-14/ боқӣ монд. Албатта, ҷараёни танг кардан ва барҳам додани гӯйишҳои забони суғдӣ асрҳои дароз боқӣ монда, пурра ба охир нарасид. Мисоли равшани он забони имрӯзаи яғнобист, ки то кунун зинда аст.

Охир чо куним, ниҳеш вутах тағдирмох!
Охир чо куним, ниҳеш вутах тасвирмох!
/Ҷ.Ҷумъазода/

/Охир чӣ кунем, ҳамин будаст тақдирамон!
Охир чӣ кунем ҳамин будаст сарнавиштамон!/

ДАРСИ ЧОРУМ

ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Беш аз сад сол мешавад, ки Яғноб ва забони яғнобӣ таваҷҷуҳи олимонро ҷониби худ ҷалб кардааст ва доир ба онҳо асару китобҳои зиёде навиштаанд. Ба ин гурӯҳ олимони шинохтаи рус К.Г. Залеман, С.И. Климчицкий, М.С. Андреев, Е.М. Пещерева, В.С. Соколова, М.Н. Боголюбов, А.Л. Хромов, А.К. Писарчик, В.А. Лившиц ва дигаронро дохил кардан мувофиқи матлаб аст.

Соли 1932 буд. Рӯзе Ҷӯраалии чӯпон аз қалъаи Муғ, яъне аз худи хоки Суғд сабадчаеро тасодуфан пайдо кард. Дар сабадча аснодҳои зиёде мавҷуд буд. Баъди бозёфти ин аснодҳои нодир овоза паҳн шуд ва эроншиносон ҳама сахт ба изтироб

афтоданд. Овоза паҳн шуд, ки дар Тоҷикистон ким-чӣ хел дастнависҳои суғдӣ ёфт шудааст. То ба ҳол ғайр аз қаламрави Туркистон дар худи сарзамини Суғд ин гуна чизҳо пайдо нашуда буданд.

Эроншиноси шинохта А.А. Фрейман ба Душанбе омада, бо нусхаи аслии хат шинос шуд. Ба шарофати меҳнати пурмашаққати ӯ кушодани рамзи дастхатҳои суғдӣ оғоз ёфт ва ин амри хайрро шогирдони вай Боголюбов, Лившиц, Смирнова, Хромов, Климчицкий анҷом доданд.

Ин олимони забоншинос аз рӯи он маводи ба дастомада муайян карданд, ки забони мардуми Яғноб яке аз гӯйишҳои забони суғдист.

Бале, забони яғнобӣ боқимондаи бевоситаи забони суғдӣ буда, бо тасодуфи таърих дар мавзеи баландкӯҳу мушкилгузари Яғноб то ба имрӯз мустаъмал аст.

Забони яғнобӣ дар боби дарёфтани мазмун ва хусусияти матнҳое, ки аз Туркистони Шарқӣ ва қалъаи кӯҳи Муғ ба даст омада буданд, хизмати калоне расонид. Чунончи, олими шинохтаи мо-Бобоҷон Ғафуров доир ба ин масъала ибрози ақида карда гуфтааст: "Сохти грамматикии забони яғнобӣ тадқиқ карда шуд. Маълум гардид, ки ин забон забони шарқии эронӣ буда, дар асоси яке аз лаҳҷаҳои забони суғдӣ инкишоф ёфтааст.

Аксари маводи луғавии он ба лексикаи суғдӣ тааллуқ дорад. Дар мавзеи дурдасту мушкилгузари воҳаи Яғноб боқӣ мондани ин забони суғдӣ дар тадқиқи осори хати суғдӣ мадади бебаҳое расонд".

Дар омӯхтан ва манзури аҳли илму адаб гардондани фарҳангу забон, урфу одат ва расму русуми мардумӣ, таъриху этнография /мардумшиносӣ/ ва фолклори суғдзабонҳои Яғноб ҳиссаи олимони рус ва қисман хориҷиён бузург аст.

Шарқшиноси рус А.Л. Кун ва роҳбалади ӯ Мирзо Мулло Абдураҳмон Мустаҷири самарқандӣ аввалин олимоне ба ҳисоб мерав止нд, ки оиди Яғноб ва забони эшон маълумот додаанд. Онҳо соли 1870 ба Яғноб сафар карда аз он сарзамин дидан ба амал овардаанд. Онҳо дар сафари Искандаркӯл ба ҷамъоварии маводи таърихӣ, мардумшиносӣ, фолклор ва забон машғул шуда, тавонистанд, ки маводи зиёде ба даст оранд. А.Л. Кун соли 1881 як қисми маводи хешро, ки марбут ба забони яғнобӣ буд, чоп кард.

Аз замони ба аҳли илму адаб маълум ва ошкор гардидани забони яғнобӣ беш аз сад сол гузашта бошад ҳам, Яғноб то имрӯз "зиёратгоҳи муқаддас"-и таърихшиносон, этнографҳо, забоншиносҳо ва сайёҳони зиёде мебошад.

Чизи аз ҳама муҳим он аст, ки имрӯз Яғноб ва забони яғнобӣ дар маркази диққати ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Дар моддаи сеюми Қонуни забони Тоҷикистон, ки иҷлосияи Х Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, даъвати XI 22-юми июли соли 1989 қабул карда буд, чунин омадааст: "Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишоф ва истифодаи озодонаи забонҳои Бадахшони Кӯҳӣ /забонҳои помирӣ/ ва ҳифзи забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад.

РИВОЯТЕ ОИД БА ПАЙДОИШИ ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Ин ривоятро соли 1870 Мирзо Мулло Абдураҳмон Мустаҷир аз мӯйсафедони яғнобӣ навиштааст. Баъзе аз мӯйсафедони Яғноб нақл мекунанд, ки як варақ коғаз аз Қашмир афтода будааст. Одамон он коғазро гирифта хондаанд ва аз ҳамон вақт ин забонро ёд гирифтаанд.

Баъд аз баъзе мӯйсафедони дигар мепурсанд, ки чаро мардуми як қисми деҳаҳо бо забони тоҷикӣ ва қисми дигари деҳаҳо бо дигар забон сӯҳбат мекунанд. Сабабаш дар чист? Он мӯйсафедон гуфтанд, ду одам дар вақти қадим муддати сесаду чиҳилу панҷ сол мешавад, ки халифа Вафо ва халифа Сафо аз шогирдони Бӯалӣ Синои кашмирӣ як ҳодиса шудааст ва аз вилояти худашон буромадаанд. Онҳо охируламр омада дар ҳамин ҷо, яъне Яғноб зиндагӣ карда мондаанд. Аз он вақт ин гуна забон дар мобайни моён машҳур шудааст.

Албатта, ин ду ривоят аз ҷониби кӯҳансолон гуфта шудааст ва асоси илмие надорад. Асоси илмӣ он аст, ки олимон исбот кардаанд ва забони яғнобиро боқимондаи забони суғдӣ меҳисобанд.

ДАРСИ ПАНҶУМ

ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Дар таркиби луғавии забони яғнобӣ ба ғайр аз калимаҳои хоси яғнобӣ калимаҳои умумиэронӣ ва иктибосӣ низ мавҷуданд.

Инчунин дар таркиби луғавии забони мазкур калимаҳоеро дучор меоем, ки дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ истеъмол мешаванд.

Таркиби луғавии забони яғнобиро аз рӯи муносибат ба забони тоҷикӣ аслан ба се гурӯҳ тақсим кардан лозим аст: 1/. калимаҳои хоси забон; 2/калимаҳои умумиэронӣ; 3/ калимаҳои иктибосӣ.

Калимаҳои хоси забони яғнобӣ дар як мавзеи /территорияи/ мушаххаси ҷуғрофӣ интишор доранд, яъне дар он ҳудуде интишор доранд, ки забони мазкур мавриди истифода аст. Ин хели калимаҳо ба таркиби луғати забонҳои дигар дохил намешаванд.

Калимаҳои умумиэронӣ аз доираи забони яғнобӣ берун мебароянд ва калимаҳои иктибосӣ бошанд, аз як забони дигар ба забони дигар аз рӯи зарурат қабул карда мешавад.

Бояд гуфт, ки забони яғнобӣ дорои таркиби луғавии бое буда, бо вуҷуди дучор гардиданаш ба тағйиротҳои зиёде, бисёр хусусиятҳои хоси худро нигоҳ доштааст. Хусусиятҳои фарккунандаи забони яғнобӣ дар ин бобат, пеш аз ҳама, дар истеъмоли калимаҳои мухталиф, воситаҳои гуногуни калимасозӣ, истилоҳоти хешутаборӣ, истилоҳоти касбу ҳунарҳои гуногун, луғатҳои феълӣ, ҷонишинҳо, ибораҳои рехта, калимаҳои махфӣ ва ғайраҳо зоҳир мегардад. Ғайр аз ин, дар забони яғнобӣ зарбулмасалу мақол, байтҳое низ дучор мешаванд, ки ба ҳаёти этникӣ, меҳнат ва маишати мардуми ин сарзамин вобастагӣ доранд.

КАЛИМАҲОИ ХОСИ ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Бояд зикр кард, ки калимаҳои хоси забони яғнобӣ дар як доираи муайян маҳдуд мемонад. Бо вуҷуди ин низ баъзе калимаҳоеро, пайдо кардан мумкин аст, ки аз доираи забони яғнобӣ берун омада, дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ истеъмол мешаванд.

Аз ин хотир, калимаҳои хоси забони яғнобиро вобаста ба доираи интишорашон ба гурӯҳҳои зайл тақсим кардан мумкин аст: а/. калимаҳое, ки барои ҳамаи мардуми Яғноб /ҷӣ яғнобзабонҳо ва ҷӣ тоҷикзабонҳо/ умумӣ мебошанд. Ба ин гурӯҳ чунин калимаҳоро зикр кардан ҷоиз аст: **кирипч** /нонпар/; **лакка** /як қисми на чандон бузурги замини зироати ғалладона/;

мӯр /ошхона, нонпазхона/; **ортафуза** /василаи осиёб, ки ғалла пас аз орд шудан он ҷо ҷамъ мешавад/; **парча** /пояҳои ду тарафи купрӯк, ки бо сангу чӯб девор баста мешаванд/; **пичик** /ғарами алаф ва ҳезум, ки дар ягон ҷо мураттаб чинда мешавад/; **туғла** /зарфи гилин, ки шабеҳи кӯза буда, барои тайёр кардани маска истифода мешавад/; **писирк** /василаи тӯғла буда, онро аз шикамба ё пӯсти гов тайёр мекунанд ва он ба пӯсти дойра шабоҳат дошта, бо он даҳони /сари/ тӯғларо пӯшида сахт банданд, то ки ҳангоми такон додан ҷурғот нарезад/;**пизза** василаи тӯғла буда, мисли ҷумаки чойник аст ва дохили он сурохӣ аст/. Ба воситаи он сӯрохӣ ҳарорати /фишори/ дохили тӯғла санҷида мешавад. Агар ҳарорати дохили тӯғла паст /хунук, сард/ бошад ба воситаи он сӯрохӣ оби гарм, агар фишор бисёр баланд бошад, оби хунук ё барф резанд/; **воп** /кабзаҳои якҷоя гузоштаи алаф дар рӯи замин, ки аз ду-сетояш банд /**дарза**/ банданд/ ва амсоли инҳо.



б/ калимаҳое, ки дар як ё якчанд гӯйишҳои забони тоҷикӣ мавриди истеъмоланд, албатта, баъзе фаркиятҳои савтӣ ба назар мерасанд, лекин маъно якест: **пароға** /пароха, дар гӯйиши баъзе деҳаҳои ноҳияи Айнӣ/; **ғадда**/ ғада, чӯбҳое, ки пояҳои

ду тарафи купрӯк пайваст карда мешаванд; дар гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ низ бо ҳамин шакл ва маъно истеъмол мешавад/; **зой** /зойак, замини корам /деҳаи Дарғ/, бо ҳамин маъно дар гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ мавриди истифода аст/; **катк**/катк /дар деҳаи Дарғ/ пиёзи худрӯи кӯҳӣ/;**феҳ** /бели чӯбини барфтозакунӣ, фи-дар гӯйишҳои Роғ ва Ғорони Бадахшон/ ва амсоли инҳо.



Чи тавре ки аз таърих маълум аст, забони яғнобӣ маҳсули забони кадимаи суғдӣ буда, вобаста ба шароитҳои таърихиву иктисодӣ ва ҷуғрофӣ нобаробар рушду нумӯъ намудааст. Аз ин хотир,баъзе калимаҳо хусусиятҳои архаистиро /кӯҳнашударо/ соҳиб шуда бошанд, гурӯҳи дигар ходисаҳои нав пайдо кардаанд ва ё бо баъзе фаркиятҳои савтӣ /овозӣ/ имрӯз дар забони яғнобӣ дар истеъмоланд. Забони яғнобӣ дар таркиби луғавии худ калимаҳои кадимаро бештар нигоҳ доштааст, ки як кисми боигарии забони мазкурро ташкил медиҳанд: **веш, нахшир, вуд, варф** ё **вафр** ва амсоли инҳо. Калимаҳои зикрёфта вобаста ба зинаҳои тараккиёти таърихи забон дорои хусусиятҳои мухталифанд ва аз забони яғнобӣ суғдии кадима мерос мондаанд, ки дар забони яғнобӣ ҷойи махсусеро соҳибанд.

Чизи дигареро бояд фаромӯш накард, ки баъзе калимаҳо асбобҳоеро, ифода мекунанд ва он асбобҳо на танҳо аз ҷониби мардуми форсу тоҷик, балки умуман аз тарафи халкҳои дигари Осиёи Миёна низ аз кадимулайём мавриди истифода буданду ҳастанд. Масалан, **сипар** ё **испор** аз кабили ҳамин калимаҳост, ки имрӯз дар забони яғнобӣ мавкеи худро дорад ва дар забони

мардуми Яғноб серистеъмол аст, чунки аз он истифода мекунанд, на аз техникаи ҳозиразамон.



Албатта, микдори калимаҳои хоси забони яғнобӣ басо гуногунранг аст ва ҳамаи онҳоро ин ҷо номбар кардан аз имкон берун мебошад.

ДАРСИ ШАШУМ

ДАВОМИ ДАРСИ ГУЗАШТА

Яке аз паҳлӯҳои дигари калимаҳои хоси забон унсурҳои архаистии он мебошад. Забони яғнобӣ, ки то андозае хусусияти муҳофизакорӣ ва архаистӣ дорад, дар таркиби худ ин қабил калимаҳоро бештар нигоҳ доштааст. Чунин калимаҳо қисми бои гарини заҳираи луғавии забони мазкурро ташкил медиҳанд: **васак, хамирмоя, вирот, хур, коза, фалвор** ва ғ.

Албатта, ҳар як забон сарфи назар аз ин, ки мавқеаш хурд аст, ё калон дорои захираи бойи луғавии худ аст. Он дорои калимаҳое мебошад, ки бо муҳит, тарзи зиндагӣ, маишат, урфу одат, расму русум ва фарҳанги соҳибони худ алоқаи қавӣ доранд. Аз ин рӯ системаи луғавии ҳар як забон рӯҳ ва хусусияти миллии офаридгори худро инъикос мекунад. Чунончи, **пистик** /ганҷурхона, анборхона/; **мӯр** /нонпазхона/; **зиренчак** /оғили хурди махсусест, ки барои бузғолачаву баррачаҳои навзод/; **кулута** /каллапӯши махсуси занхост, ки думча дорад/. Ин навъи каллапӯшро дар Самарқанду Бухоро ба шакли култапӯш истифода мекунанд. **Дуғуша** /навъи кӯзаест, ки аз гил тайёр кунанд ва он ду гӯш-даста дорад ва бояд зикр кард, ки айнан ба ҳамин маънӣ дар шакли дугӯша дар Самарқанд истеъмол меёбад/; **хомак** /пойафзорест, ки аз пӯст тайёр кунанд/ ва амсоли инҳо. Ин хели калимаҳо дар забони имрӯзаи яғнобӣ хеле зиёд аст, ки хусусиятҳои хос этникии мардуми Яғнобро то кунун нигоҳ дошта омадаанд.

Дар солҳои муҳоҷиркунӣ дар забони яғнобӣ як калимаи нав пайдо шуд, ки он калимаи **обгардиш** мебошад. Қалимаи мазкур аз **об** ва **гардиш** сохта шудааст. Маънии калимаи **обгардиш** тағйири боду ҳаво ва об аст, яъне вақте мардуми Яғнобро ба дашти ташналаби Мирзочӯл кӯчонданд одамони зиёде дар солҳои аввал ба ҳалокат расиданд. Аз он хотир, ки Яғноб-ин ҷоест ҳавояш мӯътадил /салқин/, табиати бисёр аҷоибу зебо дорад ва оби дарёву чашмаҳояш зулолу шифобахшанд ва дорои гиёҳу растанӣ ва алафҳои доругин мебошад. Мирзочӯл бошад, дашти васеи тафсон ва обҳои зеризаминии шӯр дорад. Акнун тасаввур, кунед, ки яку якбора ба ин ҳол гирифтор кардани мардум ба чӣ оварда мерасонад. Фарқияти боду ҳавои Яғноб аз Мирзочӯл аз замин то осмон. Боду ҳаво, обҳои намакин ва табиати дашти Мирзочӯл ба мардуми кӯҳистони Яғноб мутобиқ наомад. Аз ин солҳо буд, ки истеъмоли калимаи **обгардиш** мавқеи васеъ пайдо карда, ба захираи луғавии забони яғнобӣ дохил гашт. Қалимаи мазкурро дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ, алалхусус дар гӯйишҳои саргаҳи Зарафшон низ дучор омадан мумкин.

Бояд тазаккур кард, ки яке аз қисматҳои муҳимтарин ва асосиву пурарзиши луғавии захираи забони яғнобиро калимаву истилоҳоти хоси забонӣ ташкил медиҳанд. Аз ин хотир, омӯхтан, гирд овардани ҳар як калимаи хоси забони яғнобӣ аҳамияти илмиву таърихӣ дорад ва барои омӯзиши таърихи забон низ аз манфиат холӣ нест. Ҳар як калимаи хос баробари тилло арзиш дорад, аз ин рӯ мо бояд ҳар як истилоҳи хос забонро чун гаҳвараки чашм нигоҳ дорем.

Чунонки қблан хотирнишон карда будем, забони яғнобӣ яке аз гӯйишҳои забони суғдӣ аст, аз ин хотир, бисёр калимаҳои қадимаи суғдиро ба воситаи забони яғнобии имрӯза шарҳу маънидод кардан имконпазир гардидааст. Масалан, калимаи суғдии **пнанч** ба маънии ду зане, ки мутааллиқи як мард аст.

Ин калима бо баъзе фаркиятҳои овозӣ то ба имрӯз дар истеъмол аст ва дар забони яғнобӣ /дар маънии суғдидоштааш/ дар шакли **пинонч** мавриди истифода аст. Дар забони тоҷикӣ ҳам дар шаклҳои **панонч, палонч** мавриди истеъмол аст. Ё ин ки калимаи дигари суғдӣ **рағ** дар яғнобӣ ва тоҷикӣ **роғ**.

Ташаккули забони адабии тоҷикӣ /форсӣ, дарӣ/, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр ва Хуросон рӯй додааст, аз ин хотир, ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ як микдор калимаҳо аз забонҳои шарқии эронӣ, хусуан аз забони суғдӣ дохил гаштааст. Чунончи, **ааға**з-и суғдӣ дар тоҷикӣ оғоз ва **нгз** дар тоҷикӣ нағз ва ғ. Калимаҳои **оғоз** ва **нағз** дар забони тоҷикӣ фаровон истифода мешаванд, ки аз забони суғдӣ то ба имрӯз мерос мондаанд.

Шеърро аз ёд кунед

ЗИВОКИ БАХША /дар васфи забон/

Ман нипишомишт чи ғами,
Зивокмох апарахс ситами.
Вовс, яғнобӣ зивок рити варим,
Ҷидо виим чи ғами.
Вовс зивокмах ӣ куним,
Вовс, ментмох қатӣ куним...
Майлаш, зивокмах кам вот,
Арвохти дилмох ҷам вот.
Иш гап анипиш Ҷӯрабой,
Дуғуштагиш беғам вот.

/Ҷ.Ҷумъазода/

ДАРСИ ҲАФТУМ

ГӮЙИШҲОИ ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Забони яғнобӣ ҳам чун дигар забонҳо доройи гӯйишҳои хоси хеш мебошад.

Аввалин бор оиди ин масъала олими рус К.Г. Залеман хусни

таваҷҷӯх зоҳир кардааст. Масалан, ӯ дар гузориши худ оиди сафари ба Осиёи Миёна кардааш дар соли 1898 чунин ёдовар мешавад: "2-юми сентябр ба наздам ҷавонеро бо номи Шоҳмаҳмад оварданд, ки ӯ дар аввал тарсид ва баъдан ба ман боварии хешро ҳосил кард. Бо ӯ то 13-уми сентябр аз рӯи барномаи дар Ош буда кор кардам ва оид ба грамматика ва луғат мавод ҷамъ кардам ва чанд матни тарҷумавиро низ навишта гирифтам. Аз ӯ фаҳмидам, ки забони яғнобӣ доройи ду гӯйиш будааст ва ин масъала баройи лаҳҷашиносони пешин номаълум монда будааст.

Баъдан олими фаронсавӣ пиромуни гӯйишҳои забони яғнобӣ маълумот додааст ва ӯ забони мазкурро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: а/ гӯйиши шарқӣ: б/ гӯйиши ғарбӣ. Асосан гӯйишҳои забони яғнобӣ аз рӯйи хусусиятҳои савтӣ /овозӣ. фонетикӣ/ фарк мекунанд:

гӯйиши шарқӣ	гӯйиши ғарбӣ	форсӣ-тоҷикӣ
дарос	дирот	дос
сарай	тирай	се
мен	майн	деха

Бояд тазаккур кард, ки мавҷудияти минтақаи гӯйишҳои гузаранда низ дида мешаванд ва дар як деҳ шакли калимаҳои зикршуда баробар истеъмол меёбанд.

Ба гурӯҳи шарқӣ деҳаҳои Дебаланд, Пискон, Ғармен, Сокан, Симич, Даҳана ва Қӯли миёнаву боло дохил мешаванд. Деҳаҳои боқимонда ба гурӯҳӣ ғарбӣ мутаносибанд.

Бояд гуфт, ки фаркияти асосии гӯйишҳои забони яғнобӣ тафовути савтист ва то андозае фаркиятҳои морфологӣ ва лексикӣ ҳам дида мешавад:

1. Тафовути савтӣ /фонетикӣ/

гӯйиши ғарбӣ	гӯйиши шарқӣ	форсӣ-тоҷикӣ
мет	мес	рӯз
вайш	веш	алаф
хун	хон	чарогоҳи тобистона

гӯйиши ғарбӣ	гӯйиши шарқӣ	форсӣ-тоҷикӣ
дирот	дарос	дос
курта	курса	пироҳан, курта
тирай	сарай	се
момӣ	момо	модарбузург, момо, модаркалон
бобӣ	бобо	бобо, падарбузург

Тавре ки аз мисолҳои фавқуззикр маълум мегардад, тафовути гӯйишҳои ғарбӣ ва шарқӣ дар чунин овозҳост:

гӯйиши ғарбӣ	гӯйиши шарқӣ	тафовути овозҳо	
		ғарбӣ	шарқӣ
мет	мес	т	с
вайш	веш	ай	е
хап	хеп	а	е
хун	хон	у	о
рот	рос	т	с
дирот	дарос	и-т	а-с
курта	курса	т	с
тирай	сарай	т-и	с-а
момӣ	момо		о
бобӣ	бобо		о
дирахт	дарахт	и	а

2. Фарқияти морфологии гӯйишҳои забони яғнобӣ дар ҷамъбандии феълҳо дида мешавад. Чунончи, дар гӯйиши ғарбӣ-**тишт** дар шарқӣ-**чӣ**: шав-тишт, шав-чӣ /меравад/ шахси сеюми муфрад /танҳо/: ах арки шавтишт-ах арки шавчӣ /вай ба кор меравад/; дар гӯйиши ғарбӣ-**ом** дар шарқӣ-**йм**: акун-ом, акун-йм /кардем/ шахси якуми ҷамъ: мох китоб ажойом-мох китоб ажойим /мо китоб хондем/: мох анока арк акуном-мох анока арк акунйм /мо дар ҷойи дигар кор кардем/.

/**ажой-им, акун-им**/ ва аз қабили инҳо дар шакли танҳо ҳам истеъмол мешавад. Дар ин маврид дар гӯйиши ғарбӣ шакл тағйир намеёбад ва дар гӯйиши шарқӣ овози "и" кӯтоҳтар талаффуз меёбад: **агор-им**, /нигоҳ кардам/: **акун-им** /кардам/; **атир-им** /рафтам/; **авен-им** /дидам/; **ажой-им** /хондам/; **ахант-им** /хандидам/ ва ғ.

3. Байни гӯйишҳои шарқӣ ва ғарбӣ баъзе тафовутҳои лексикӣ низ бархӯрдор мегарданд:

гӯйиши ғарбӣ	гӯйиши шарқӣ	форсӣ-тоҷикӣ
фишомак	куселак	ягон чиз ба касе фиристодан; равон кардан чизеро ба касе
тирашк	дивиак	афтидан, ғалтидан

Ман бахша и рағза, тирай куртайи фишом барои ман як шим ва сето курта фиристон; **ах чи ғари сар тираштах** вай аз болои кӯҳ афтидааст; **додоим во ман хотир нахна куселот** ба падарам гӯй, ки барои ман пул фиристонад; **ах чи дирахти сар адивӣ** вай аз болои дарахт афтид.

4. Ба ғайр аз ин, бояд ёдовар шуд, ки тафовути лаҳҷавӣ ба деҳаҳои алоҳида /баъзан байни шахсони алоҳида / ба назар мерасад. Масалан, дар деҳаи Ғармени поён калимаҳои курта /**курта**/ва **тирай** /се/, дар деҳаи Ғармени боло **"курса"** ва **"сарай"** истеъмол мешаванд.

Ин чиз табиист, чунки дар натиҷаи хешу табор шудан /оиладор шудан/ бо деҳаҳои ҳамсоя /аз деҳаҳои ҷониби ғарбӣ ва ё баракс/ баъзе калимаҳо дар гӯйиши ғарбӣ ва баъзе калимаҳо дар гӯйиши шарқӣ мақоми якдигарро соҳиб мешаванд.

Байтҳоро ҳифз кунед.

Нахшир кук шавот, хепи вешш вирчӣ хорт,
Яғнобӣ кук шавот, Ватанисаш гардчӣ вовт.
Кад вичӣ, ӣ ғом Яғнобиса воти рос,
Яғнобӣ чи захри ӣ ғом воти халос.

Яғноб баланд хасти вештиш дору,
Эй ҷураи ҷон, вов, саним офтору.
/Ҷ.Ҷумъазода/

Ба саволҳо посух диҳед.

Дар ин байтҳо калимаҳои лаҳҷавӣ дида мешаванд? Аз ин байтҳо калимаҳои лаҳҷавиро пайдо кунед ва бигӯед, ки он калимаҳо ба кадом гӯрӯҳи лаҳҷавӣ дохил мешаванд /шарқӣ ё ғарбӣ/.

Байтҳоро ба дафтаратон бардоред ва ба зери калимаҳои лаҳҷавӣ хат кашед.

ДАРСИ ҲАШТУМ

ФЕЪЛ ДАР ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Яке аз ҳиссаҳои калонтаринро дар забони яғнобӣ калимаҳои феълӣ ташкил медиҳанд. Дар забони яғнобӣ ба монанди забони тоҷикӣ шаклҳои феълӣ миқдоран зиёд буда, сохтори муайяни устувор доранд.

Феълҳои забони яғнобӣ ба мисоли феълҳои забони форсӣ - тоҷикӣ аз ду асос сарчашма мегирад: а/ асоси замони ҳозира; б/ асоси замони гузашта.

Асоси замони ҳозира амалеро мефаҳмонад, ки ба замони ҳозира ва ё замони оянда тааллуқ дорад. Масалан, жой /хон/; нипиш /навис/; рой /гиря кун/; хант /биханд/; ший /дӯз, бидӯз/; воф /боф, бибоф/; жав/нӯш, бинӯш/; ушт /ист/ ва ғ.

Асоси замони гузашта амали дар гузашта воқеъшударо мефаҳмонад: ажой /хонд/; анипиш /навишт/; адивӣ /афтид/; арой /гиря кард/; ахант /хандид/; аший /дӯхт/; авоф /бофт/; ажав /нӯшид/; аушт /истод/ ва ғ.

Аз мисолҳо бармеояд, ки-а пасванде аст, аз асоси замони ҳозира замони гузашта месозад /аз буни музореъ буни мозӣ созад/:

Асоси замони ҳозира	Асоси замони гузашта	форсӣ—тоҷикӣ
ший	аший	дӯз-дӯхт
пач	апач	бипаз-пухт
вид	авид	рез-рехт
вант	авант	бубанд-баст
гудар	агудар	гузар-гузашт
деҳ	адеҳ	бизан-зад
ғор	ағор	нигар-нигоҳ кун
пен	апен	кушо-кушод
мир	амир	мур-мурд
нуғунт	ануғунт	пӯш-пӯшид
хвар	ахвар	бихӯр-хӯрд
тир	атир	рав-рафт
рант	арант	рӯб-руфт
пиронс	апиронс	фурӯш-фурӯхт
хирин	ахирин	бихар-харид
чах	ачах	хез-хест

вид	авид	рез-рехт
тафар	атафар	бидеҳ-дод
во	аво	гӯй-гуфт
синой	асиной	бишӯй-шуст
вен	авен	бин-дид
чикер	ачикер	битарс-тарсид
гизон	агизон	мез-мезид
тухой	атухой	бикуш-кушт

Шахсҳои феълӣ. Феъл се шахс дорад: 1/ гӯянда /ман, мох/; 2/ шунаванда /ту, шумох/; 3/ ғоиб /ах, ахтит/.

Шумора дар феъл. Феълҳо ду шумора доранд: а/ шумораи танҳо; б/ шумораи ҷамъ.

Феълҳое, ки аз асоси замони ҳозира сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зерин тасриф меёбанд:

шахсҳо	танҳо	ҷамъ
шахси 1-ум	-омишт /ам/	-имишт /-ем/
шахси 2-ум	-ишт /-ӣ/	-сишт /ед/
шахси 3-юм	чӣ /-ад/	-ошт/-анд/

Тасрифи феъли **тирак** /рафтан/ дар шакли замони ҳозира-оянда:

танҳо	ҷамъ
1. ман тиромишт /ман меравам/	мох тиримишт /мо меравем/
2. ту тиришт /ту меравӣ/	шумох тирсишт /шумо меравед/
3. ах тирчӣ /вай меравад/	ахтит тирошт /онҳо мераванд/

Тасрифи феъли **носак** /гирифтан/ дар шакли замони ҳозира-оянда:

танҳо	ҷамъ
1. ман носомишт /ман мегирам/	мох носимишт /мо мегирем/
2. ту носишт /ту мегирӣ/	шумох носсишт /шумо мегиред/
3. ах носчӣ /вай мегирад/	ахтит носошт /онҳо мегиранд/

Феълҳое, ки аз асоси замони гузашта сохта мешаванд, бо бандакҳои феълии зайл тасриф мешаванд:

шахсҳо	танҳо	ҷамъ
шахси 1-ум	-им	-йм
шахси 2-юм	-ӣ	-сӣ /-тӣ/
шахси 3-юм	—	-ор

Бояд гуфт, ки шахси сеюми танҳо бо асоси замони гузашта як аст.

Тасрифи феъли **венак** дар шакли замони гузашта:

танҳо	ҷамъ
ман авеним /ман дидам/	мох авеним /мо дидем/
ту авенӣ /ту дидӣ/	шумох авенсӣ /шумо дидед/
ах авен /вай дид/	ахтит авенор /онҳо диданд/

Тасрифи феъли **жойак** дар шакли замони гузашта:

танҳо	ҷамъ
ман ажойим /ман хондам/	мох ажойим /мо хондем/
ту ажойӣ /ту хондӣ/	шумох ажойсӣ /шумо хондед/
ах ажой /вай хонд/	ахтит ажойор /онҳо хонданд/

Феълҳои забони яғнобӣ дар шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ чунин тасриф мешаванд. Ба тариқи мисол феълҳои **нипишак** ва **ройак** /навиштан ва гиристан-гиря кардан/-ро меорем:

танҳо

ман анипишимишт /ман менавиштам/
ту анипишишт /ту менавиштӣ/
ах анипишишт /ӯ /вай/ менавишт/

ҷамъ

мох анипишимишт /мо менавиштем/
шумох анипишсишт /шумо менавиштед/
ахтит анипишошт /онҳо менавиштанд/

танҳо

ман аройимишт /ман гиря мекардам/

ту аройӣшт /ту гиря мекардӣ/
ах аройишт /ӯ гиря мекард/

чамъ

мох аройимишт /мо гиря мекардем/
шумох аройсишт /шумо гиря мекардед/
ахтит аройошт /онҳо гиря мекарданд/

Тасрифи феълҳо ва бандакҳои хабарӣ

Бандакҳои хабарӣ аз ҷиҳати вазифаи грамматикӣ аз бандакҳои шахсии феъл фарқ доранд. Масалан тасрифи шакли нақлии феъли **хиринак** /харидан/-ро мегирем:

танҳо	ҷамъ
ман хирита /ман харидаам/	мох хирита /мо харидаем/
тав хирита /ту харидаӣ/	шумох хирита /шумо харидаед/
ави хирита /вай харидааст/	автити хирита /онҳо харидаанд/

Аз ин мисолҳо бармеояд, ки феъл бетағйир мемонад ва танҳо шакли ҷонишини шахсҳои 2-юм, 3-юми танҳо ва 3-юми ҷамъ тағйир меёбад /яъне ба ҷои ту-тав, ах-ави ва ахтит-автит/

Ё ин ки тасрифи шакли ҳозираи давомдори феъли **хварак** /хурдан/-ро мегирем:

танҳо

ман хварак аст /ман хурда истодаам/
тав хварак аст /ту хурда истодаӣ/
ави хварак аст /вай хурда истодааст/

ҷамъ

мох хварак аст /мо хурда истодаем/
шумох хварак аст /шумо хурда истодаед/
автити хварак аст /онҳо хурда истодаанд/

Бояд зикр кард, ки хабарҳои номӣ /исм, сифат.../ ҳам бандакҳои хабарӣ қабул карда метавонанд ва тасриф мешаванд. Чунончи, тасрифи исм ва сифати малим, шов (муаллим ва сиёҳ)-ро мегирем:

танҳо	ҷамъ
ман малимим /ман муаллимам/	мох малимом /мо муаллимем/
шовим сиёҳам	шов ом сиёҳем
ту малимишт /ту муаллимӣ/	шумох малимос /шумо муаллимед/
шовишт сиёҳӣ	шов ос сиёҳед
ах малим хаст /вай муаллим аст/	ахтит малим ор /онҳо муаллиманд/
шов хаст сиёҳ аст	шов ор сиёҳанд

Тасрифи феъли хоҳишмандии аз сифати феълии замони оянда гирифташуда:

танҳо	ҷамъ
ман тирнаим /ман рафтаниам/	мох тирна ом /мо рафтанием/
ту тирна йшт /ту рафтаниӣ/	шумох тирна ос /шумо рафтаниед/
ах тирнах /вай рафтанӣ аст/	ахтит тирна ор /онҳо рафтанианд/

Ҳамин тариқа, бандакҳои хабарӣ аз бандакҳои шахсии феъл тафовут доштаанд ва онҳо чунин шакл доранд:

танҳо		ҷамъ	
шахси 1-ум	-им /-ам/	-ом /	-ем/
шахси 2-юм	-ишт/-ӣ/	-ос /-от/	/-ед/
шахси 3-юм	-х /-аст	-ор /	-анд/

Тафовути дигари бандакҳои хабарӣ аз бандакҳои шахсии феълӣ дар он аст, ки бандакҳои хабарӣ /ба ғайр аз шахси сеюми танҳо/ ҷудо навишта мешаванд. Бандаки хабарии шахси сеюми танҳо агар дар шакли кӯтоҳ -х бошад, бо калима якҷоя ва агар дар шакли -хастояд, аз калима ҷудо навишта мешавад: **ах тирнах** вай рафтанӣ аст; **ах жойна хаст** вай хонданӣ аст.

Мисолҳо:

Ман чи мактаб тирна им ман аз мактаб рафтаниам. **Мох кат карна ом** мо хона сохтанием. **Ахтит чи мох мен кучна ор** онҳо аз деҳаи мо кӯчиданианд. **Ту кумока жойна йшт?**

Ту дар куҷо хонданӣ ҳастӣ? **Шумох ком вахтӣ, чидока ҷахна ос** шумо кадом вакт аз ин ҷо хестанией. **Ах шумох ғови хиринна хаст** вай гови шуморо хариданӣ аст. **Шумох ком меттӣ арки от** шумо кадом рӯзҳо дар коред /кор ҳастед/. **Ах ӣ аспиш пиронсна хаст** вай як аспашро фурӯхтанӣ аст.

ДАРСИ НУҲУМ

ҶОНИШИН /замир/ ДАР ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Ҷонишинҳои шахсӣ

Ҷонишинҳои шахсӣ чи тавре ки аз номаш ҳам маълум аст, ба ҷойи шахсҳо ба кор бурда мешаванд. Ҷонишинҳои шахсӣ се хел мешаванд:

1/ шахси якум: ман, мох /мо/;

2/ шахси дуюм: ту /тав/, шумох /шумо/;

3/ шахси сеюм: ах /вай, ӯ/, ахтит /онҳо/.

Ҷонишинҳои шахсӣ ду шакл-танҳо ва ҷамъ-ро доранд:

шахсҳо	танҳо	ҷамъ
шахси 1-ум	ман	мох /мо/
шахси 2-юм	ту, тав /ту/	шумох /шумо/
шахси сеюм	ах /вай,ӯ/	ахтит /онҳо/

Ман ҷонишини шахси якуми танҳо буда-шахси гӯянда аст: **ман арк накуномишт** ман кор намекунам; **ман ниҳедока мактаб ажойим** ман дар ҳамин ҷо мактаб хондам; **ахтит ман бахша кат куношт** онҳо барои ман хона месозанд.

Ту ҷонишини шахси дуюми танҳо-шунаванда мебошад ва ба он муроҷиат мекунанд: **ту нарой, ман тав бахша пучак хириномишт** ту гиря накун, ман барои ту арӯсак мехарам; **ту ниҳедока нипид** ту дар ҳамин ҷо хоб кун.

Ҷонишини **ту** шакли дигар ҳам дорад ва ба ҷойи **ту** дар баъзе маврид шакли **тав** истифода мешавад: **ман тав бахша рувонак ахириним** ман барои ту баррача харидам; **тав додо манпӣ холак вичӣ** падари ту ба ман таго мешавад; **иш катт тав хотир аносим** ин хонаҳоро барои ту гирифтам.

Ах ва **ахтит** ҷонишини шахси сеюми танҳо ва ҷамъ буда, ҳам шахс ва ҳам предметро далолат мекунанд: **ах ман додо** хаст вай падари ман аст; **ах тав китоб анос** ӯ китоби туро гирифт; **ахтит ман ҳамраҳ ор** онҳо ҳамроҳи мананд; **ахтит кайи дафтарат қалам ор** он дафтару қаламҳо аз они кист?

Мох ҷонишини шахси якуми ҷамъ буда, як гурӯҳи одамонро нишон медиҳад: **мох чид мен наом** мо аз ин деҳа нестем; **иш одамт чи мох шаҳр ор** ин одамон аз шаҳри моанд; **мох ҳам нипишимишт ҳам жойим мо** ҳам менависем ва ҳам мехонем.

Ҷонишини шахси дуюми ҷамъи **шумох** низ як гурӯҳи одамонро мефаҳмонад: **шумох иранка арк накунсишт** шумо ин хел корро намекунед; **ман шумох холак вомишт** ман ба шумо таго мешавам.

Инчунин ҷонишини **шумох** ба ҷои ту барои иззату эҳтироми касе ба кор бурда мешавад: **ман пийон вийора шумох кат ойим** ман шаби гузашта дар хонаи шумо /ту/ будам; **шумох чи ман йо ду йо се соли катта ос** шумо /ту/ аз ман ё ду ё се сол калон ҳастӣ.

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ

Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ дар як вакт ҳам соҳибият ва ҳам шахсро нишон медиҳанд. Ин гуна бандакҷонишинҳо ба кӣ ва ё кадом шахс тааллуқ доштани касе ва чизеро мефаҳмонанд ва ба охири исм ҳамроҳ шуда меоянд. Бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ се шахсу ду шумора доранд:

шахсҳо	танҳо	ҷамъ
I	-им	-мох
II	-т	-шинт
III	-ш	-шинт

ДАРСИ ДАҲУМ /давоми дарси гузашта/

Бояд зикр кард, ки агар бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ҳамроҳи исмҳо омада соҳибиятро фаҳмонад, онҳоро бо ҷонишин ва исм иваз намудан мумкин:

Танҳо:

ғовим- ман ғов /говам-гови ман/
ғовт-тав ғов /говат-гови ту/
ғовш-ави ғов /говаш-гови вай/

Ҷамъ:

ғовмох-мох ғов /говамон -гови мо/
ғовшинт-шумох ғов /говатон-гови шумо/
ғовшинт-автити ғов /говашон-гови онҳо/

Мисолҳо: **сутурим инур ё фиронта занчӣ** гӯсфандам ё имрӯз ва ё фардо мезояд; **худим нава хастӣ** тоқиам нав аст; **китобт ман кати хаст** китобат дар хонаи ман аст; **виротш манпи жойчӣ** бародараш ҳамроҳи ман механад; **катмох мени хаст** хонаамон дар деҳа аст; **пуллотшинт мох кати ор** бачаҳоятон дар хонаи моянд; **аркшинт вазмин хаст** корашон вазнин аст.

Хелҳои ҷонишин аз рӯи маъно

Зикр кардан лозим аст, ки ҷонишинҳои забони яғнобӣ аз рӯи маъноҳои худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Ҷонишинҳои шахсӣ: ман /мох/шахси якум/; ту, тав, шумох /шахси дуюм/, ах, ахтит, ави, автити /шахси сеюм/.
2. Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ: хват /хватим, хватт, хватш/.
3. Ҷонишинҳои саволӣ: ках, кахтит, чо, чот, ком, комтит, чоф,чофум, чокара, чути /кӣ, киҳо, чӣ, кадом, кадомҳо, чанд, чандум, чӣ хел, чӣ навъ/.
4. Ҷонишинҳои ишоратӣ: иш, ах, ниҳеш, наҳах /ин, он, ҳамин, ҳамон/.
5. Ҷонишинҳои номуайянӣ: ком, ким-ках, ким-чо/ кадом, ким-кӣ, ким чӣ, ким-кадом/.

Ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ

Ҷонишини нафсӣ-таъкидии **хват** ягон чизро мушаххас намуда маънои онро таъкид мекунад. Он муносибати шахсро нисбат ба худ мефаҳмонад. Лозим ба ёдварист, ки агар бандакҷонишинҳо ба онҳо пайваст шаванд, маънои онҳо муайян мешавад: **хватим ғирифомишт, кайипи маслаҳат куном** /худам медонам, бо кӣ маслиҳат кунам/ **хватт шавишт, очаим хапар нос** /худат рафта, модарамро хабар гир/; **ғалот хватш ворчӣ орта кунт** /ғаллаҳоро худаш бурда орд мекунад/.

Ҷонишинҳои саволӣ

Ба воситаи ҷонишинҳои саволӣ предмет, аломат, микдори ҳар чиз, хислати касе пурсида мешавад. Ба воситаи ҷонишинҳои **ках, кахтит**, танҳо дар пурсидани одамон мавриди истифодаанд. Ба воситаи ҷонишини **чо** бошад, предметҳои дигар пурсида мешаванд.

Ҷонишини саволии **ком** нисбат ба дигар ҷонишинҳои саволӣ майдони васеъ дорад. Ҷонишини мазкур ҳам предметҳо ва ҳам аломати онҳоро далолат мекунад.

Мисолҳо: **ах ках хаст?** /вай кист?/; **ках тӯйи шавчӣ?** /кӣ ба тӯй меравад?; **тав хилитаи чо аст?** /дар халтаи ту чӣ ҳаст?/; **ту чо хваришт?** ту чӣ мехӯрӣ?/; **ком ғайк тавпи маҳқул авӣ?** /кадом духтар ба ту маъкул шуд?/; **ком курсат синойом?** /кадом куртаатро бишӯям?/; **шумохпи чоф ғайки жойчӣ?** /бо шумо чандто духтар механад? **ави сутур чокара хаст?** /гӯсфанди вай чӣ ранг аст?/; **иш чокара веш хаст?** /ин чӣ навъ алаф аст?/.

Ҷонишинҳои ишоратӣ

Ҷонишинҳои ишоратӣ /аз номаш ҳам маълум аст/ ба предмет ва ё аломати исм ишора мекунанд. Ҷонишинҳои ишоратии забони яғнобӣ аз инҳо иборат аст: иш, ах, ниҳеш, наҳах.

Мисолҳо: **иш китоб маник хаст** /ин китоб аз они ман аст/; **иш даровот мох рупимишт** /ин даравгоҳҳоро мо дарав мекунем/; **ах ман вирот хаст** /ӯ бародари /додари/ ман аст/; **иш курсат хашу ах курсат нуғунт** /ин куртаатро кашу он куртаатро бипӯш/; **ниҳеш одам невиишт, ман адеҳошт** /ҳамин кас намешуд, маро мезаданд/; **аввал ниҳеш мен акучонор** /аввал ҳамин деҳаро /мардуми ҳамин деҳаро /кӯчонданд/.

ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

НОМИ ХОНА ВА АНВОЪҲОИ ОН

Калимаҳое, ки вобастаи хона ва хоҷагианд, аз ҷиҳати мазмуну таркиб, қисму ҷузъҳоеро фаро мегиранд, ки ба раванди этникии ҳар як миллату халкият вобаста аст.

Қалима ва истилоҳоти марбути хонаву хоҷагиро аз рӯйи хосияту намуд ба се гурӯҳ тақсим кардем:

1/ кат /хона/ ҷое, ки як оила зиндагӣ мекунад. Қалимаи мазкур дар забонҳои қадимаи авастоӣ ва суғдӣ дорои чунин шаклҳо будааст: ката /авастоӣ/; ктак, кт /суғдӣ/. Бубинед, забони яғнобӣ шакли қадимаи калимаро то ба имрӯз нигоҳ

доштааст, сарфи назар аз он ки баъзе фарқиятҳои савтӣ дида мешавад. 2/ меҳмонхона /меҳмонхона/, хонаест, ки махсуси меҳмонҳо ва мардони деҳа мебошад; 3/кой /оғил/, хонаест барои ҳайвоноти /чорпоёни/ хоҷагӣ.

Қат /хона/барои ҳамаи мардуми Яғноб мафҳуми ягона дорад. Миқдори хонаҳо вобаста ба хоҷагӣ ва имконияти соҳиби он аз 4 то 8 адад ё зиёд шуда метавонад. Бо ҷузъи хона дар забони яғнобӣ як силсила калимаҳои мураккаб ба вуҷуд омадаанд, ки навъҳои мухталифи хонаро ифода менамоянд. Чунончи, меҳмонхона /меҳмонхона, хона барои меҳмонҳо/, измхона /ҳезумхона/, сайнакхона /саргинхона/ ва амсоли инҳо.

Хонаҳо аз рӯи тарзи қонеъкунии талаботи инсон ба навъи истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ ҷудо мешаванд. Хонаҳои истиқоматӣ аз ҷиҳати сохт, таркиб ва қисмҳои дохилӣ нисбат ба хонаҳои ғайриистиқоматӣ мураккабтаранд. Аз ин хотир, фаровониву рангорангии калимаҳои соҳаи мазкурро дар заминаи хонаҳои истиқоматӣ маънидод кардан мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Мӯр нонпазхона, ошхона. Дар мӯр-и хонаҳои Яғноб дуто руча /равзан, рӯҷокӣ/ мавҷуд аст, ки яке барои даромадани рӯшноӣ ба дохили мӯр ва дигаре барои хориҷ кардани дуд хизмат мекунад. **Фарвор** хонаи истиқоматии тобистона. Фарвор ҷойҳои махсус дорад, ки дар фасли зимистон сӯзишворӣ захира кунанд. Хонаи дигаре ҳаст бо номи **канна**, ки асосан дар фасли зимистон соҳибони хона агар дар мӯр ҷой нашаванд, он ҷо мехобанд. Канна дар вақти зимистон ҳамчун захирагоҳи об низ истифода мешавад. Инчунин дар канна ҷойи махсусе ҳаст, барои таҳорат кардан, ки танҳо ҳини сармо кор мефармоянд. Гармӣ ба он ҷо аз мӯр дохил мегардад. Истилоҳи дигаре ҳаст, бо номи **пистик**, яъне ганҷурхона, анборхона. Дар пистик аслан орд, ғалла, мулк, равғанҳои мухталиф /равғани зард, маска, равғани гӯсфанд.../ нигоҳ дошта мешавад. Як қисми пистикро **чора** меноманд, ки дар он орду ғалла нигоҳ доранд. Ба ғайр аз ғаллаву орд гӯштро низ он ҷо нигоҳ медоранд. **Ҳуҷра** ҳам яке аз хонаҳои истиқоматии кӯҳистониён ба ҳисоб меравад ва онро меҳмонхонаи занҳо низ мегӯянд.

Акнун калимаҳои ифодакунандаи қисми дарун ва беруни хонаи истиқоматиро аз назар мегузаронем:

Боми хона, оғал... ро бо забони яғнобӣ **кӯс** гӯянд ва сақфи манзилро **шамп**. Калимаи **шамп** дар забони суғдии миёна дар шаклҳои **ашканп, шканп** мавриди истифода будааст.

Гурӯҳи дигари калимаҳое, ки ба мафҳуми хона алоқамананд, иборат аз инҳоянд: **давар** дар /дари хона/. Шакли дигари калимаи **давар-дивар** мебошад. Олимон исбот кардаанд, ки баромади калимаи мазкур аз забони суғдӣ аст. Шакли суғдии он **двр**, иронии қадим **двар**, дар забони имрӯзаи форсӣ-тоҷикӣ бошад дар: **катти бахша давари хиринак ғавт** барои хонаҳо дар харидан лозим; **иш давар вар койи мун** ин дарро бурда дар оғал мон.

Дар забони яғнобӣ калимаи **давар** ба маънои берун низ истеъмол мешавад: **чах, ниж давари бозӣ кунс хезед**, баромада дар берун бозӣ кунед; **чи кати дивар ғарм хаст** аз хона дида берун гарм аст.

Феъли дарор /даровардан/-ро бо забони яғнобӣ **давар, дивар** гӯянд: **ғайкит ман рити давар** духтаратро ба назди ман дарор; **чойникат пиёлот дивар кати мун** чойнику пиёлаҳоро даровварда дар хона мон.

Калимаҳое, ки навъу намуди дар ва қисматҳои таркибии онро дар бар мегиранд, бештари истилоҳоти ин соҳа аз калимаҳои мураккаб таркиб ёфтаанд: **даварпаҳлуя** паҳлударӣ; **давартака** таҳдарӣ, остона; **даварсара** сардарӣ. Ин калимаҳо

шакли дигари истеъмол ҳам доранд, ки ҳиҷоҳои аввали онҳо тағйир ёфта, ба ҷойи садоноки -а садоноки -и талафуз меёбад: **диварсара, дивартака, диварпаҳлуя.**

ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

/идомаи дарси гузашта/

Лозим ба ёдоварист, ки даварпаҳлуя дар гӯйишҳои саргаҳи Зарафшон дар шакли **паландарӣ** истифода меёбад. Қалимаи мазкур дар осори забонҳои матрук ва муосири ғарбиву шарқии эронӣ дар шаклҳои мухталиф нигоҳ дошта шудааст. Баромади он аз решаи маълуми эронии қадим **пада** асос, бунёд, бун буда, шаклҳои он дар пайдоиши ин калима дар забонҳои эронӣ чунин аст: суғдӣ **пзинд** даргоҳ; хоразмӣ **пзк** хона; эронии қадим **падака.** Дар забони форсии нав /классикӣ/ се шакли савтии он мавриди истеъмол қарор дошта, ки иборатанд аз **палиндин, пилиндин, палинд.**

Қайд кардан лозим аст, ки роҷеъ ба ин масъала Асадии Тӯсӣ дар "Луғати форс" калимаи "палиндин"-ро ба ҷумлаи

вожаҳои кӯҳан ё мансух шомил сохта ва онро чунин ба қалам додааст: "Паландин-пироҳани дар буд ба забони мо чаҳорчӯб хонанд".

Аз ин маълумот ва корбурди он дар забонҳо ва гӯйишҳои шарқии эронӣ метавон хулоса баровард, ки шакли **паландин** марбут ба бахши Хуросону Мовароуннахр мебошад. Дар забони форсии нав аз шакли **палинд** тавассути анҷомаи **-ин** шакли нав сохта шуда, ки он бештар мавриди истеъмол қарор гирифтааст.

Кулумба лукидон, қулфи чӯбин. Дар гузашта, ки қулфҳои оҳанин мавҷуд набуд, аз ин рӯ мардуми кӯҳистон аз қулфу калиди чӯбин истифода мекарданд. **Инкир** оташдон. Қалимаи инкир дар забони суғдӣ-буддоӣ дар шакли **анкайр- анкир** мавриди истифода будааст. Бубинед чӣ қадар наздикӣ байни забони суғдӣ ва яғнобӣ дида мешавад: **иш нунт нахке чи инкир аканор, чав хотир чӯш ор** ин нонҳоро ҳозир аз оташдон канданд, барои ҳамин сӯзонанд; **инкири сари чуван аст** дар болои оташдон дег ҳаст.

Оловхона аловхона. Алавхона аслан дар меҳмонхона сохта мешавад, он шакли конусро дорад ва барои ҷӯшондани об ва гарм кардани меҳмонхона хизмат мекунад. Вақте алови алавхона

сӯхта кӯр мегирад, кӯрро бо белчаҳои махсус гирифта ба сандалӣ меандозанд: **оловхонаи сари оп ешон, чойш бамазза хаст** дар болои аловхона ҷой ҷушон, чойаш бомазза аст; **оловхонаи сари ду-сарай чойҷуши ятчӣ** дар болои аловхона ду-се офтоба ҷой мегирад; **чи оловхона олов нос, сандалии вид, ки подотмох ван куним нидим** аз аловхона алов гиру ба сандалӣ андоз, баъд пойҳоямонро дароз карда шинем.

Сандалӣ дар забони тоҷикӣ ҳам дар ҳамин шакл маъмул аст. Сандалӣ аслан барои мардуми кӯҳистон аст ва ҳоло ҳам аз он фаровон истифода мебаранд: **подотим дахшак аст, сандалийи олов вид,и ғом нидом, дахшотшинт уштошт** пойҳоям дард карда истодааст, ба сандалӣ алов андоз, як бор шинам, дардҳояшон мемонанд; **сандалӣ сорт витах, оловш вид** сандалӣ хунук шудааст, аловаш андоз.

Дар Яғноб орду ғалларо дар як ҷойи махсус нигоҳ медоранд, ки онро **чора** гӯянд. **Чора**-ро дар ганҷурхона созанд. Онро аз сангҳои калони паҳн девор кунанд ва дохили онро андова кунанд ва баъд ба дохили он орд ё ғалла резанд. Яъне **чора** ҷоест, ки он ҷо орду ғалла захира кунанд.

Ногуфта намонад, ки дар Яғноб замини назди ҳавлигӣ мавҷуд нест. Мардуми Яғноб киштзор ва даравгоҳҳои шахсии худро доранд, бо номҳои зайл номбар мешаванд: **зой** замини ғалладона;

дарова ё **дирова** даравгоҳ. Истилоҳи **зой** дар забони суғдӣ ҳам мавҷуд будааст ва он дар шакли **зай** истеъмол меёфтааст.

Коза коза истиқоматгоҳи тобистонаест дар чарогоҳҳои тобистона ва он бо санг сохта шуда, болояш бо хасу хошок пӯшонда мешавад. Калимаи **коза** дар гӯйишҳои ҷанубӣ қариб дар ҳамин шаклу маъно истифода мешавад: **мох козот тим уштор** козаҳои мо ҳоло ҳам истодаанд; **хоник асанимишт, коза дивол акунимишт, саршинт апӯшон** ба чарогоҳи тобистона /айлок/, ки мерафтем, коза месохтему болояшро пӯшонд; **се моҳи анидимишт козоти, ки мени авесимишт** дар козаҳо се моҳ зиндагӣ мекардем, баъд гашта ба деҳа меомадем.

Ҳамин тавр, аз ин бахш маълум гардид, ки калимаҳои қадима ва суғдӣ дар забони яғнобӣ махфуз монда будааст.

ДАРСИ СЕНЗДАҲУМ

ИСТИЛОҲОТИ ОСИЁБ

Осиёб ва осиёбсозӣ яке аз соҳаҳои муҳиму аҳамиятноке барои мардуми кӯҳистон маҳсуб меёбад ва мардуми кӯҳистон аз он фаровон истифода мебурду мебарад. Албатта,осиёбсозӣ кори осон нест. Шахсоне, ки ба ин касб сару кор доранд,

бояд ҳунари дуредгарӣ ва сангтарошиӣро дошта бошанд.

Азбаски Яғноб яке аз кӯҳистонҳои дурдасти ҷумҳуриамон ба ҳисоб меравад, мардуми он ҷо низ ба осиёб эҳтиёҷи калон дошт ва дорад. Аз ин хотир, қариб дар ҳамаи деҳаҳо осиёбҳо мавҷуд буданд ва ҳол ҳам баъзеашон мавҷуданд. То солҳои 70-ум дар водии Яғноб тамоми осиёбҳои деҳаҳо гардон буданду хизмати мардумро ба ҷо меоварданд. Аз аввали солҳои 70-ум то аввали солҳои 80-ум тамоми осиёбҳо аз кор монданд ва баъзеи онҳо ба хок яксон шуданд. Хушбахтона, баъзе касоне пайдо шуданд, ки ба Ватани азизашон баргаштанду осиёбҳоро аз нав ба гардиш дароварданд. Ҳоло дар Яғноб чор осиёи обӣ хизмати сокинони ин водии зебоманзараро ба ҷо меоварад.

Мо ҳоло қисматҳои асосии осиёбро дида мебароем ва бо онҳо ошно мешавем:

Нов чӯб ё тахтаҳои даҳ-понздаҳ метрае, ки шакли ҷӯйро дошта аз баландӣ ба поин ҷойгир карда мешавад ва аз дохили он об бо суръати ниҳоят тез ҷорӣ шуда ба чархи чӯбин омада бармехӯрад:

Мафҳуми осиёбро бо забони яғнобӣ **хутанна** гӯянд ва бояд

қайд кард, ки дар байни ҳуҷҷатҳои суғдии аз кӯҳи Муғ ёфт шуда аснодҳое мавҷуданд, ки дар онҳо сухан роҷеъ ба ин ё он осиёби обӣ меравад. Дар забони суғдӣ дар шакли **ғвтарнк** истеъмол мешудааст.







Дул зарфи чӯбини конусшакл буда ба дохили он ғалла резанд.

Капчак як ҷузъи осиёби обӣ мебошад, ки дар зери дӯл ҷойгир шудааст ва ғалла аз дӯл ба он ва аз капчак ба зери санг мерезад. Истилоҳи **капчак** дар Яғноб дар ду шакл истеъмол меёбад: **капчак** дар деҳаҳои яғнобзабон ва Восровути деҳаи тоҷикзабон ва дар шакли **копчак** деҳаи Навобод /тоҷикзабон/. Бояд қайд кард, ки калимаи **капчак** дар ҳамин шаклу маънӣ дар гӯйиши баъзе деҳаҳои Фалғар низ истеъмол меёбад. Зикр кардан ба маврид аст, ки истилоҳи **капчак** дар дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ низ дар ин ё он шакл ба назар мерасад. Масалан, дар гӯйиши Қаротегин он шакли **кавчок**-ро дорад.

Шакли савтӣ /фонетикӣ/ ва дар осори суғдӣ мавҷуд будани калимаи мазкур ба мансубияти суғдӣ доштани он далолат мекунад. Дар забони суғдӣ калимаи **капчак** дорои чунин шаклҳо будааст: **кпч, кпчакк.**

Чарх як ҷузъи осиёби обӣ буда, он ба чархи ароба шабоҳат дорад. Чарх аз якчанд парраҳои чӯбҳои чортарош кардашуда иборат аст ва оби аз нов меомада рост ба парраҳои он зада, чархро ба гардиш меорад.

Осиёби обӣ ду санг дорад, ки якеро **сарсанка** болосанг ва дувумашро **таксанка** зерсанг гӯянд. Сангҳо доирашакл буда, диаметрашон тақрибан 1,5-2,0 метр ва ғафсиашон 30-35 сантиметр мебошад. Қайд кардан лозим аст, ки ҳар гуна сангро барои санги осиёб тайёр кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ин гуна

сангҳоро аз харсангҳои доирашакл тарошида, суфта намуда ва баъд миёнҷои онро сӯрох мекунанд. Бояд хотирнишон сохт, ки сангҳои осиёбро устоҳо баъзан дар ҷойҳои дур тайёр карда ва пас ба воситаи ҳашар он сангро ба осиёб меоранд.

Орамчӯб фашанг, чӯби махсусест, ки барои таъмири санги осиёб хизмат мекунад. Калимаи мазкур аз ду калимаи содда **орам** ва **чӯб** таркиб ёфтааст. Дар забони яғнобӣ **ором** ё **ороми карак** маънои задан, кӯфтан, лат карданро дорад. Бо ҳамин ваҷҳ, шояд истилоҳи **орам** аз калимаи **ором** бошад.

Таноб арғамчинест, дарозиаш тахминан як метр буда, як нӯги он дар **капчак** ва нӯги дигараш дар **дӯл** баста мешавад, ки барои каму зиёд нарехтани ғалла хизмат мекунад. **Дагдага** мехи чӯбинест, ки дарозиаш 25-30 сантиметр, як нӯги он дар болои санг гузошта шуда, қисми болоии он ба **капчак** баста мешавад ва дар вақти гардиши санг он низ ба ҷунбиш даромада овоз мебарорад. Номи он аз садои тақлидии худаш, ки дагдаг... мекунад, гирифта шудааст.

Метин осиёбчинак, олотест, ки ба воситаи он сангҳои осиёбро чинанд. **Чахник** ҷузъи осиёби обӣ. Калимаи **чахник** дар шакли **чиғник** дар баъзе гӯйиши деҳаҳои Фалғар мавҷуд аст. А.Л. Хромов калимаи чахник-ро ба гурӯҳи калимаҳои суғдӣ дохил кардааст. Гарчанде калимаи мазкурро аз матнҳои суғдӣ пайдо накарда бошем ҳам, ба баромади суғдӣ доштани он ҳеҷ шакку шубҳае нест.

Ортафуза ҳамба, олоти чӯбини новмонанд аст. Истилоҳи **ортафуза** аз калимаи соддаи **орта** орд, **фуз** асоси феъли

замони ҳозираи ғеҷ/ ғеҷидан/ ва суффикси -а таркиб ёфтааст. Маълум аст, ки сангҳо ғалларо орд кунанд ва орд кам-кам ба **ортафуза** рехта ҷамъ шавад ва аз он ҷо ордро ба халтаҳо гиранд.

Рӯбак ордрӯбак, як ҷузъи осиёби обӣ ба ҳисоб рафта, вазифаи ҷорӯбро иҷро мекунад. **Рӯбак**-ро аз мӯйи /пашми/ гӯсфанд тайёр кунанд ва он барои пок /тоза, рӯфтан/ кардани чангу гарди осиёб хизмат мекунад. Қайд кардан лозим, ки истилоҳи **рӯбак** аз феъли **рӯб** руфтан ва суффикси **-ак** таркиб ёфтааст. Инчунин калимаи **рӯбак** маънои маҷозӣ низ гирифтааст, ки одами баднафсро гӯянд.

Себак ҷузъи оҳанин буда, шакли себро дорад ва барои ҳамин номашро себак гузоштаанд. **Тахтак** белчаи ҷӯбини ордбардорӣ. Чи тавре аз номи истилоҳоти **себак ва тахтак** бармеояд, онҳо аз калимаҳои **себ, тахта** ва суффикси **-ак** таркиб ёфтаанд.

Ба ғайр аз ин , осиёб дар таркиби худ боз ҷузъҳои зиёдеро ба монанди: **харак, чунг, ғалтак, ҳалқа, ҷувоз, баркаши дорк, чаллахона, хан, пашанг, нароҳан, ованчӣ, опкунта, пан, турм, ханкуна, хан** ва ғайраҳоро дорад, ки ба ҳар яки он номҳои муносиб гузошта шудааст.



Чи тавре маълум мешавад, осиёб дар таркиби худ олотҳои зиёдеро доштааст. Ҳамаи ҳамин истилоҳот бо як ном, яъне **хутанна** осиёб ёд шуда, ба он дохил мешаванд. Агар ба таври

дигар гӯем, **хутанна** ҷамъи истилоҳоте, ки номи онҳо зикр шуд, мебошад. Ана, ҳамин **хутанна** буд, ки мушкили кӯҳистониёнро осон мегардонду мегардонад. Имрӯз низ бояд осиёбҳо эҳё гарданду мардум аз онҳо истифода кунанд.

Чунонки мебинем, калимаву ибораҳои соҳаи осиёб низ як манбаи боигарии забони яғнобӣ шуда метавонанд ва барои такмили забон масолеҳи муҳим шуда хизмат мерасонанд:

ДАРСИ ЧОРДАҲУМ

ИСТИЛОҲОТИ КУЛОЛӢ /кӯза ва кӯзагарӣ/

Қалима ва ибораҳое, ки ба кӯзаву кӯзагарӣ тааллуқ доранд, яке аз қисматҳои муҳимтарину ҷолибтарини таркиби луғавии забони яғнобӣ ба шумор меравад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар гузаштаи наздик дар кӯҳистон, аз ҷумла дар Яғнобдара касби кулолӣ /кӯзагарӣ/ хеле рушду нумӯъ ёфта буд ва дар ҳамаи хонаводаҳо аз зарфҳои гилин истифода мекарданд.

Фаромӯш набояд кард, ки касби кулолӣ бисёр нозукиҳои хоси худро дорад. Масолеҳи асосии кӯзагарон гил /лой/ мебошад. Дар Яғноб ҳунармандони ин соҳаро дар ҳар як деҳкадаи он, ки аз 32 деҳа иборат буд, дида мешуд. Онҳо аз гил навъҳои мухталифи асбобҳои рӯзгорро месохтанд. Ҳамаи корҳо бо даст, бидуни ягон техника ба сомон мерасид. Қори

кулолон дар Яғноб асосан дар фасли тобистон оғоз ёфта то аввалҳои тирамоҳ идома меёфт. Шумо фикр накунед, ки аз ҳама гуна хок кӯза сохтан мумкин. Не, хоки кӯза хоки махсусест, ки онро кӯзагарон мешиносанд ва ҷойи онро муайян мекунанд.

Хоке, ки аз он кӯзагарон истифода кунанд, аз дигар хокҳо фарқ дорад. Ранги он хок сурхча буда, лойи он тасма /қайиш/ мешавад ва ин гуна хокро бештар дар доманакӯҳҳо пайдо кардан мумкин.

Фасли тобистон давраи ҷушу хурӯши кори кӯзагарон аст. Дар ин вақт барои кулол шабу рӯз фарқ надорад. Ҳар як кулол то як поси шаб латта дар даст, кӯза накафад гуфта, қисми дарун ва беруни онро то хушк шудан молиш медиҳад.

Кӯзаро бо лафзи яғнобӣ **калла** гӯянд. Бояд тазаккур дод, ки то аввали солҳои 70-ум касби кулолгарӣ дар Яғнобдара бисёр ҳам ба дараҷаи баланд нумӯъ ёфта буд. Дар ҳамаи хонаҳои мардуми Яғноб бисёр зарфҳои мухталифи гилинро дидан мумкин буд, ки онҳоро мардум барои анҷоми бисёр чизҳои рӯзғор истифода мекарданд. Дар кӯзаҳои калон гӯшт, равғани зард, маска, масолеҳи ғалладона ва ғайраҳоро анҷом карда нигоҳ медоштанд.

Ҳар як зарфи гилин ба худ номи махсус дорад, ки барои ин ё он соҳаи рӯзгор истифода мешавад. Масалан, **туғла** барои аз ҷурғот ҷудо кардани маска хизмат мекунад. Истилоҳи **туғла** ба ҷуз аз забони яғнобӣ дар гӯйиши деҳаҳои тоҷикзабони Яғнобдара дар шакли **тулға** истеъмол меёбад. Тарзи истифода ва аз он ҷудо кардани маска чунин аст. Ҷурғотро ба дохили **тӯғла** андозанд ва сари онро бо **писирк** банданд. Писирк яке аз қисмҳои асосии туғла мебошад, ки онро аз ишкамба ё пӯсти гов тайёр кунанд ва он ба пӯсти дойра шабоҳат дошта бо он даҳони **туғла**-ро пӯшида сахт банданд, то ки ҳангоми такон додан ҷурғот нарезад. Яке аз қисмҳои муҳими **туғла пизза** ном дорад, ки он ба ҷумаки чойник монанд аст ва сӯрохӣ дорад ва ба воситаи он сӯрохӣ ҳарорати /фишори/ дохили тӯғла-ро санҷанд. Агар ҳарорати дохили туғла паст бошад ба воситаи он сӯрохӣ /яъне ба воситаи пизза/ оби гарм, агар фишор баланд бошад оби хунук ё барфи тарма резанд. Барои туғла болиштчаи махсусе тайёр кунанд, ки онро бо забони яғнобӣ **писор** гӯянд. Вақте ҷурғотро ба туғла рехта даҳони онро бо писирк бастанд, баъдан болои болиштча, яъне **писор** хобонанд. Пас аз ин як нафар нишаста онро то ҷудо шудани маска аз ҷурғот такон медиҳад, яъне меҷунбонад.

Дар бораи туғла байни мардуми Яғноб чистоне ҳам мавҷуд аст, он ин аст:

Сар васта, кун васта,	Сар баставу кун баста.
Момочаи рити ниста.	Пеши бибича нишаста.

Чагна номи як навъ кӯзаест, ки барои дӯшидани чорвои хурд /бузу гӯсфанд/ истифода шавад. **Чагна** аз асоси феъли **чак** дӯш, бидӯш ва суффикси исмсози **-на** таркиб ёфтааст. Лозим ба ёдоварист, ки **чак** дар забони яғнобӣ ба ду маъно истифода мешавад: 1/ **чак** дӯш, бидӯш; яъне ба маънои дӯшидани шир; 2/ **чак** чакидан, ба маънии чакидани об...

Албатта, маънои калимаи мазкурро аз матн ё ҷумла пай бурда метавонем: **очаим ғови чакак аст** модарам гов дӯшидан дорад; **чи сар опи чакак аст** аз боло об чакидан дорад.

Ҳамин тавр, **чагна** аз феъли **чак** ва суффикси **-на** таркиб ёфта, аз феъл исм сохтааст. **Чагна** сарпӯш дорад, ки онро ба забони яғнобӣ **туғуч ё туғучак** гӯянд. Инчунин устухони зонуро низ туғучак бигӯянд.

Бояд қайд кард, ки мардуми Яғноб аз калимаи **туғуч** ибораи аҷибе сохтаанд: **туғучи партовак** маънои таҳтуллафзии ин ибора сарпӯши /чизеро/ партофтан аст. Ин ибора маънои маҷозӣ дорад ва онро ба атфоли хурдсол нигаронидаанд. Яъне вақте ки хурдсолон қаҳр мекунанд калонсолон барои он ки сухани худро рупӯш кунанд, аз ибораи маҷозӣ истифода мебаранд, чунки хурдсолон ба ин ибора сарфаҳм намераванд: **ави пишаки туғуч партовта, чав хотир нун нахорчӣ** вай қаҳр кардааст, вай сарпӯш партофтааст, барои ҳамин нон намехӯрад/.

Навъи кӯзаи дигар ин **дуғӯша** аст. Аз номи калима бармеояд, ки он аз ду калима, яъне аз ду, **ғуш** ва суффикси-а таркиб ёфта, маънои он дуғӯша аст. **Дуғӯша** барои пухтани таом,

гирифтани шир, дӯғ, ҷурғот, об ва амсоли инҳо хизмат мекунад. Дуғӯша дуто даста /дастқапак/ дорад.

Кӯзагарон инчунин барои хурдсолону наврасон бозичаҳои мухталифи гилин месозанд, ба монанди **шақшақа, аспак,уркак, хирсак, нахшир** ва амсоли инҳо.



ДАРСИ ПОНЗДАҲУМ

НОМИ АНВОИ ХӮРОҚВОРӢ

Бояд ёдовар шуд, ки ҳар як миллату халқият дорои таомҳои миллии худ мебошад. Аз ин рӯ, мардуми Яғноб ҳам аз ин қоидаи умумӣ истисно нест. Ба ин ваҷҳ калимаву истилоҳоти анвои хӯрока дар лексикаи забони яғнобӣ мавқеи хосаро ишғол менамояд. Лексикаи анвои хӯрокаро мо ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим кардем:

Номи хелҳои нон ва хӯрокаҳои ордӣ

Нонро бо забони яғнобӣ **нун** мегӯянд. Дар пухтани нон ва дигар анвои хурокҳои хамирӣ аз орди гандум, ҷав, мулк

/мушунг/ ва монанди инҳоро истифода мебаранд. Нон дар маҳалҳои Яғноб ҳам аз орди гандуму ҷави маҳаллӣ ва ҳам аз орди гандуме, ки аз вилояти Ленинобод ва водии Ҳисор меоранд, пухта мешавад.

Барои ҷудо кардани навъҳои хамир дар забони яғнобӣ калимаи **хамирмоя** тоҷикии умумиаш хамиртуруш, яъне мояи хамир истифода мешавад. **Хамирмоя** миқдори муайяни хамири туруш аст, ки ба хамири нав меомезанд, то он зудтар тайёр шавад. Хамирмоя аз ду калима: **хамир ва моя** таркиб ёфтааст.

Худи хамирро бо забони яғнобӣ **умша** гӯянд ва он ҳам навъҳои мухталиф дорад: **чуботийи умша** хамири нони тунук

/чаппотӣ/; **фатирхамири умша** хамири нони муқаррарӣ; **кулчаи умша** -хамири кулча ва ғайра: **фиронтаи бахша ҳам чуботийи умша, ҳам кулчаи умша кун** барои фардо ҳам хамири чапотӣ ва ҳам хамири кулча бикун.

Бояд қайд кард, ки бо орду хамир бисёр хӯрокиҳои дигар алоқаманданд ва ин ҳодиса боз боиси ба вуҷуд омадани калимаву истилоҳоти нав мегардад. Масалан, **бурсоқ** як навъи хӯроки хамиринест, ки шакли секунҷа ё чоркунҷа дошта, дар равған пухта мешавад; **ҳадир** таомест, ки аз ширу орд созанд, ордоб; **ҳалилоб** низ муродифи калимаи ҳадир аст; **чанголӣ** аз фатири гарм ва равғани зард ё маскаву шири пухта тайёр мекунанд. Тарзи тайёр кардани он чунин аст: сараввал кулча ё фатири тафсонро ба табақ реза мекунанд, пасон аз болои он ширу равғани гарм рехта, баъд ба воситаи чумчаи калони чӯбин ё ба воситаи чангол /ангуштон/ омехта месозанд. Ин навъи хӯрокро бештар дар вақти ҷашни Наврӯз /сари сол/ ва кишту кори баҳорӣ омода мекунанд.

Навъи дигари таоме, ки аз нону ширу равғани зард ё маска тайёр карда мешавад-ин **шируғана** /ширруғана/ аст. Аз худи номи таом пай бурдан мумкин, ки ин навъи хӯрокӣ аз ширу равған омода мегардад. **Шируғана** калимаи мураккаб буда, аз исму исм, яъне аз **ши/р/ ва равған** таркиб ёфтааст. Шируғана шабеҳи қурутоб аст, фарқ танҳо дар он аст, ки яке бо шири пухтаву дигаре бо оби қурут ё чаккаву дӯғ омода мешавад.

Дар системаи лексикаи хӯрокиҳои ордӣ ва ғалладонагӣ калимаву истилоҳоте, ки бо навъҳои нон вобастаанд, ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Ин ба он сабаб аст, ки дар байни мардуми Яғноб анъана ва тарзҳои мухталифи нонпазӣ шӯҳрат дорад. Яке аз навъҳои нон, нони **фатирхамир** аст. Бубинед, фатирхамир аз калимаҳои **фатир ва хамир** сохта шудааст, яъне ҳамон нони муқаррарии тоҷикӣ: **и фатирхамир панч-ухш одами сер кунчӣ** бо як фатирхамир панҷ-шаш кас сер мешавад. Ба ғайр аз ин дар забони яғнобӣ дар ифодаи навъҳои нон исмҳои зерин ба кор бурда мешаванд: **синчовак** кулчаи хурд; **гирда** нони муқаррарӣ; **кумоч ё кумочӣ** ноне, ки хамири он бо ширу равған тайёр карда мешавад. Ин хели нонро хеле калон ва ҳунармандона мепазанд. Диаметри **кумочӣ** тақрибан 50 см ва ғафсиаш ба ҳафт-ҳашт сантиметр баробар аст. Вазни нони мазкур то

даҳ-дувоздаҳ кило мешавад, албатта, ин ба ҳунари кадбону вобаста аст.



Бояд хотирнишон сохт, ки кумочиро ҳар вақт намепазанд. Кумочиро асосан дар сари сол ва тӯйҳои арӯсӣ мепазанд. Пухтани ин навъи нон хеле заҳматталаб ва нозук аст, дар ҳар деҳа ду ва ё се нафарро пайдо кардан мумкин аст, ки кумочиро ба тарзи аъло пухта тавонад: **чи мох мен Идимо хушру кумочӣ кунчӣ** аз деҳаи мо Идимо кумочипаз аст; **и кумочӣ и кати одами сер кунчӣ** як кумочӣ як хона одамро сер мекунад.

Қалмол нони варақин, ки хамири онро низ аз ширу равған омода созанд; **қалама** қатлама, ноне, ки дар равған пазанд ва ин нон муродифи худро низ дорад, онро **чалпак** гӯянд; **дивита нун** нони афтида, нони хокистаролуд.

Чи тавре дидем, навъҳои нон дар Яғноб хеле зиёд аст ва яқинан аз истифодаи васеи орд дар ин мавзеъ ва ҳунари пазандагии мардуми он шаҳодат медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки на ҳамаи истилоҳҳои мазкур дар зиндагии ҳаррӯзаи мардум фаъол истеъмол шаванд. Масалан, гунаҳои чуботӣ, кумочӣ, кулча, қалама, қлмол дар вақти ягон маърака /тӯй ё мотам/ ва дигар ҷашнҳои миллӣ пухта мешаванд ва ин исмҳо дар ин асно ранги фаъол пайдо мекунанд: **Яғноб худоити қалама куношт** дар Яғноб дар худоӣ қатлама мекунанд: **чах,и-ду қалмоли кун хварим** хез, як-ду қалмол кун хурем.

ДАРСИ ШОНЗДАҲУМ
НОМИ АНВОИ ХӮРОКҲОЕ, КИ АЗ МАСОЛЕҲИ ҒАЛЛАДОНА ҲОСИЛ МЕШАВАД

Хӯрокҳое, ки аз анвои ғалладона пухта мешавад, хеле гуногун ва ҳар кадоме аз онҳо хусусияти хоси зиндагии мардуми

кӯҳистонро инъикос мекунад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар кӯҳистон, аз ҷумла Яғноб,дар пухтани таом аз навъҳои масолеҳи ғалладона /махсусан гандуму мушунг/ фаровон истифода мебаранд.Инак муҳимтарини онҳо: **дон** гандумбирён. Ин навъи хӯрокро бо роҳи гандумро дар дег таф додан тайёр мекунанд. Одатан **дон**-ро ба кӯзаҳо мекашанд ва як қисми онро дар фасли зимистон истеъмол менамоянд, қисми дигарашро орд мекунанду аз он навъи хуроки дигар, яъне **талқон** месозанд. **Талқон** бо роҳи орди гандумбирёнро омехтан бо равғану шир тайёр мешавд.Хӯроки дигаре, ки аз ғалла /гандум/ пухта мешавад, **кашк** ном дорад. Тарзи тайёр кардани хӯроки мазкур чунин аст:

Аввал ғалларо /гандумро/ ба як карсон /зарфи калон/ мегиранд. Он гандумро бо оби гарм тар мекунанд ва пас он

гандуми намнокро ба уғӯрак андохта мекӯбанд. Вақте ки пӯсти гандум ҷудо мешавад, гандумро ба табақ гирифта бод дода, пуф мекунанд, то ки пӯстҳои ҷудошуда дур гарданд. Ё ин ки онро аз **явра** ғалбер мегузаронанд. Пас аз ин боз гандумро ба уғӯрак андохта то ҷудо шудани пӯсташ мекӯбанд. Вақте ки гандум мисли биринҷ сафед шуд, онро ба дег андохта меҷӯшонанд. Қашкро бо обу гӯшт тақрибан ду-се соат ҷушонда нимпаз мекунанд. Баъдан онро ба ду кӯзаи калон тақсим мекунанд, то ки яки онро бо шир ва дигарашро бо гӯшту об бипазанд. Пас аз ин ки кашкро ба кӯзаҳо кашиданд, алови

чалмагӣ карда, он кӯзаҳоро ба болои кӯри он мегузоранд. Ҳамин тавр хӯроки кӯзаҳо аз шом то субҳ майда-майда ҷӯшида меистад. Вақте ки кашк ба ҷӯш омад, як нафар тираке (чӯбе) гирифта кашки кӯзаҳоро мекобад, то ки таги онҳо насӯзад. Аслан ин кори мушкилро занҳо бар дӯши худ мегиранд ва бо навбат дар назди кӯзаҳо истода назорат мекунанд, ки оби онҳо хушк нашавад ва ё тагаш насӯзад.

Ҳамин тавр, кашк дар вақти ношто тайёр мешавад. Ин навъи хӯрок аслан хӯроки сарисолӣ ба ҳисоб меравад ва ҳини ба табрики ҳар хонадон рафтани кӯдакон, аз он як косагӣ барояшон ҳамчун таоми сарисолӣ тӯҳфа медиҳанд.

Далда низ як навъ таоми солинавист,ки аз гандуми нимкӯфта ва гӯшт тайёр кунанд. Дар тоҷикӣ онро ҳолиса /дар байни халқ чун ҳалиса машҳур шудааст/ меноманд.

Далда қариб дар ҳамаи гӯйишҳои забони тоҷикӣ истеъмол меёбад. Чунончи, гӯйиши Мастчоҳ **далда**, дар гӯйиши Дарвоз **даля**, хуфӣ **далия**. Бояд зикр кард, ки калимаи **далда** дар гӯйиши саргаҳи Зарафшон ва дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ низ шакли далда мустаъмал буда, дар баъзе гӯйишҳо гурӯҳи забонҳои помирӣ шакли **даля**-ро дорад. Чуноне, ки мебинем, дар кӯҳистон ин навъи хӯрок маъмул будааст ва танҳо бо баъзе фарқиятҳои савтӣ /фонетикӣ/истеъмол мешудааст.

Навъи хӯроки дигар, ки аз мушунги /мулки/ тару тоза омода мекунанд, **паллӣ** аст. **Паллӣ** мушунгест, ки бо ҷилдаш дар намакоб ҷӯшонанд ва пас бихуранд.



ДАРСИ ҲАБДАҲУМ

КАЛИМАҲОЕ, КИ БА МАҲСУЛОТИ ШИРӢ АЛОҚАМАНДАНД

Калимаву истилоҳоте, ки ба лексикаи маҳсулоти ширӣ тааллук доранд, дар забони яғнобӣ дорои мақоми хосанд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки кӯҳистониён бештар ба чорводорӣ машғул буда, ба ин мақом хӯроки хешро бидуни маҳсулоти ширӣ тасаввур карда наметавонанд. Беҳуда нест, ки мардуми Яғноб ба ҷои исми **хишифт** ҳаммаънои он **ганҷ**-ро низ истифода мебаранд ва ин шаҳодати он аст, ки онҳо маҳсулоти шириро то чи андоза қадр мекунанд. Аз ин рӯ, агар маҳсулоти орду нон ва об дар ҳаёти инсон ба дараҷаи аввал истад, маҳсулоти ширӣ бешак дараҷаи дуюмро ишғол менамояд.

Бояд қайд кард, ки баъзе хелҳои маҳсулоти шириро ба таври алоҳида, ҳамчун хӯрок истеъмол карда метавонем. Ба ин гурӯҳ худи шир, ки дар яғнобӣ **хишифт /хшифт/** гӯянд. Ин калима дар забони суғдӣ-буддоӣ **ахшивт**, монавӣ **хшивт**, хутанӣ-сакӣ **свӣдо** парфиянӣ **шифт**, авестоӣ **хшвипта** истеъмол мешудааст. Тавре дида мешавад, исми шир истилоҳи забонҳои қадима будааст ва то имрӯз қариб дар ҳамон шаклаш дар

забони яғнобӣ маҳфуз мондааст. Ана аз ҳамин шир, чунин хӯрданиҳо тайёр мешавад: **сафедӣ** ҷурғот; **хиништа**-маска; **мешин/майшин** дӯғ ва амсоли инҳоро метавон дохил кард. Бояд гуфт, ки калимаи **мешин** дар Яғнобдара дар ду шакл мустаъмал аст. Шакли дигари он майшин аст, яъне дар гӯйиши шарқӣ **мешин** ва дар гӯйиши ғарбӣ **майшин**. Ин ҷо бадалшавии овозҳо ба назар мерасад, ки овози "е" бо садои "ай" иваз шудааст. Қалимаи мазкур дар забонҳои осетинӣ **мисен** ва дигорӣ **мешин** истеъмол мешавад.

Ба ғайр аз калимаҳои зикрёфта боз калимаҳои зиёдеро дучор омадан мумкин аст, ки марбут ба ширанд. Масалан, **намодин** моя, микдори сафедист барои хобондани ҷурғот ба шири ҷушонидашуда омехта /ҳамроҳ/ кунанд. Қалимаи **намодин** ҳам дар забони яғнобӣ ду шакли истеъмол дорад, ки шакли дигари он **нимодин** аст. Исми хӯроки дигар **тукут**-дӯғ, ҷолоб, оби қурут ё чаккаи ҳал карда шуда, ки ба оши суюқ ҳамроҳ кунанд. **Фула** фалла, шири аввали гови навзоида; **фулак** як навъи хӯрокест аз омехтаи ширу дӯғ, ки дар ин маврид туршии дӯғ аз байн меравад; **тириппа** шири бурида; **тана** қаймоқ, рӯи ҷурғот.

Бояд қайд кард, ки мардуми Яғноб қаймоқи рӯи ҷурғотро ба тарзи махсус омода месозанд: ширро ҷушонда баъд ба зарфе мегиранд, ки рӯи он васеъ /кушод/ бошад, то қаймоқ ҳаҷман калон шавад. Пас аз он ки ширро ба зарфи калон гирифтанд, ба рӯи он гарди орд ҳамроҳ мекунанд. Вақте ки шир хоб рафт яъне ҷурғот шуд рӯи онро эҳтиёткорона гирифта хушк кунанд. Ин навъ қаймоқ ба нони тунук ё чаппотӣ шабоҳат дорад ва онро бо корд бурида хуранд, ки аз хӯрдани он кас ҳаловат мебарад. Албатта, чунин қаймоқ хоси аҳли кӯҳистон, аз ҷумла хоси мардуми Яғнобдара мебошад.

Номи хӯроки ширии дигар, ки ба ҳамаи тоҷикон маълуму машҳур аст, **ширбиринҷ** аст. Қалимаи мазкур аз шир ва биринҷ таркиб ёфтааст. Аз худи номи таом бармеояд, ки ин навъи хӯрок аз шир ва биринҷ пухта мешавад.

Ҷумлаҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума кунед:

1. Ғунак чагнаи сари амуношт, ки хишифт ачак.2. Киштак акуношт, оҳани нули ғунак аҷахишт. 3. Заифот кишти караки алаксошт ғунак ҷам акун.4. Чи замин вехчаки риша аҷахишт

5. Вехчактиш олов акунимишт, шахшултипиш ворзаат чуван асиной, милиҳимтиш чагнайи сари амун. 6. Ғунак-иш хишифт-полояк хаст.

Луғат

ғунак решаи растанӣ аст, ки ҳамчун ширполо истифода мешавад
чагна кӯзаи ширдӯшӣ
амуношт мемонданд /мегузоштанд/
хишифт шир
ачак душид
кишта кишт
акуношт мекарданд
аҷахишт мехест
кишти карак кишт кардан
алаксошт мегаштанд
вехчак номи як навъ растаниест, ки ҳамчун сӯзишворӣ истифода мешавад
шахшул сахт
милиҳим мулоим

Рубоиро ҳифз кунед

Хишифтат синчовак, ворзай руғмаста,
Далдаят талқун, умочшинт фаста.
Чанголӣ амуллон, Нава сол аво ей,
Чуботиат кумочӣ, Яғнобшинт васта.

ДАРСИ ҲАЖДАҲУМ

НАВЪИ ХӮРОКҲОИ ГӮШТӢ

Хонаи кӯҳистониёнро албатта бидуни гӯшт тасаввур кардан номумкин аст, чунки асоси зиндагии онҳо ҷорво ва ҷорводорист. Аз ин хотир, мардуми кӯҳистон аз маводи гӯштӣ фаровон истифода карда, хурокҳои хоси худро омода месозанд. Гӯштро бо забони яғнобӣ **ёта** гӯянд. **Ёта** дар забонҳои қадима дорои чунин шаклҳо будааст: суғдӣ-буддоӣ **ятак**, хоразмӣ **яттӣ**.

Мардуми маҳалҳои Яғноб ҳам ба ғайр аз хӯрокҳои маъмули гӯштӣ боз баъзе таомҳое мепазанд, ки махсуси онҳост.

Машҳуртарини ин хӯрокҳо **каллапӯхт** ба ҳисоб меравад. Чи тавре аз номи худи калима бармеояд, он аз ду калимаи содда, яъне аз **калла** ба маънои кӯза ва **пӯхт** феъли пухтан таркиб ёфтааст. Маводи асосии таоми мазкур каллаву почаи гову гӯсфанд ё буз буда, онро дар кӯза тайёр мекунанд. Каллапухт дар забони тоҷикони Яғноб низ ба ҳамин шакл ва маънӣ истифода шуда, шакли тайёр кардани он чунин аст:

Аввал каллаву почаро сӯзонда тоза мекунанд. Баъдан каллаву почаҳоро ба як кӯзаи калон меандозанд ва он кӯзаро ба оташдон /дегдони нонпазӣ/ мегузоранд. Он аз шом то субҳ бо равғани /чарбуи/ худ ҷӯшида, тамоми устухонҳо аз рагу пайванд ҷудо мешаванд. Ба дохили кӯза аз баъзе навъҳои махсуси гиёҳу растаниҳои хушбӯй ба мисоли **катк** сирпиёз ҳамроҳ мекунанд, ки лаззати онро дучанд месозад.

НАВЪИ ХӮРОКҲОЕ, КИ АЗ МАСОЛЕҲИ МУХТАЛИФ ОМОДА МЕШАВАД

Ҳоло боз ба якчанд навъи хӯрокҳои дигар ошно мешавем, ки хеле ҷолиби диққатанд. **Тунук** як навъи нони хурди тунуки чаппотишакл буда, онро дар дег бипазанд. Он равғанӣ нест. Тарзи тайёр кардани тунук чунин аст:

Хамирро майд-майда завола мегиранд, пас аз завола гирифтан онро тунук кунанд. Баъдан ба таги дег равған мекунанд, то ки тунук насӯзад. Баъди ин кор нонҳои тунукро ба дохили



дег мегузоранд, агар дег хурд бошад дутогӣ, агар калон бошад чортогӣ. Пас аз пухтан нонҳоро гирифта рӯйи суфро мемонанд то ки хунук шаванд. Баъд аз хунук шудан нонҳои тунукро ба гирди табоқ гузоранд. Аз болои он ду кафлез дӯғи курут ва ду кафлез равғани зард ҳамроҳ кунанд. Ин навъи хӯрокро ба тарзи дигар **ширнуна** низ гӯянд.

Хорчакбириён як навъ хӯрокест, ки аз занбурӯғ /хорч/ омода созанд. Занбурӯғи тару тозаро чида, аввал шуста баъд намак мекунанд. Пас онро реза карда, бо равғани зард дар дег бирён кунанд ва ба он пиёзи анзул низ ҳамроҳ бикунанд. Хорчакбириён калимаи мураккаб буда, аз ду калимаи содда **хорчак** занбурӯғ, **хорч** ва **бирён** асоси феъли бирён кардан таркиб ёфтааст.

Кабоб низ хурокест, ки аз занбурӯғ тайёр кунанд. Занбуруғҳои калон-калон-ро ҷудо карда, тоза бишӯянд ва намак пошида, сипас онҳоро ба болои кӯри алов гузоранд. Вакте ки оби занбурӯғҳо чакида тамом мешавад, онҳоро аз болои кӯри алов гирифта гармогарм хуранд.

ДАРСИ НУЗДАҲУМ

НОМҲОИ САРУЛИБОС

Номҳои марбути сару либос яке аз мавзӯъҳоест, ки дар илми мардумшиносӣ омӯхта мешавад. Мо дар ин бахш баъзеи онҳоро аз назар мегузаронем.

Худ тоқӣ, каллапӯш. Мардуми Яғноб каллапӯши махсус надоранд ва дар ин ҷо низ касе ба ин ҳунари тоқидӯзӣ машғул нест. Тоқиҳое, ки мардуми Яғноб мепӯшанд ва ё истифода мебаранд, маҳсули дасти ҳунармандони Самарқанду Ҳисор ва Уротеппа мебошанд.

Курса курта, пироҳан. Яғнобиён пироҳани фарққунандаи махсус надоранд. Калимаи курса дар забони яғнобӣ дар шакли дигар,яъне дар шакли **кӯрта** низ истеъмол меёбад. Шояд саволе ба миён ояд, ки фарқият байни **кӯрта**-и яғнобӣ аз тоҷикӣ дар чист? Бояд қайд кард, ки тафовут дар он аст, ки зада дар забони яғнобӣ дар ҳиҷои аввал ва дар забони тоҷикӣ дар ҳиҷои охир меафтад.

Рағза шим. Калимаи **рағза** дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ низ истеъмол меёбад. Чунончи, дар гӯйиши ҷанубӣ мавриди истеъмол буда, онро дар шакли зайл тафсир доданд:"... дар баъзе маҳалҳои Қаротегин лаҳҷаҳои вахёӣ-қаротегинӣ ва Кӯлобу Ҳисор калимаи "шорағза, шолворағза" дучор меояд, ки исми як навъи эзори махсус аст. Ин пӯшок бар акси эзори оддӣ аз "рағза,ръгза" матои махсусе, ки аз риштаҳои нисбатан ғафси пашмӣ ё пахтагӣ бофта мешуд, дӯхта мешавад. Аз ин рӯ,

ҷузъи "рағза" дар таркиби калимаи мазкур ба навъи эзор далолат менамояд".

Бояд зикр кард, ки агар **рағза** дар гӯйишҳои ҷанубӣ навъи эзор бошад, дар забони яғнобӣ рағза гуфта тамоми навъҳои шимро мефаҳмонад. Ба маънои эзор дар забони яғнобӣ калимаи дигар поҷома истеъмол меёбад.

Муаллифи китоби "Бурҳони қотеъ" дар шарҳи калимаи **рағза** чунин гуфтааст: "Рағза-як навъи либосе аст, ки аз пашми гӯсфандон бофанд ва бештар мардуми Бадахшон ва баъзе мардуми Қашмир пӯшанд".

Истилоҳи **рағза** ба ҷуз аз гӯйиши саргаҳи Зарафшон дар гӯйишҳои дигари забони тоҷикӣ ва дар забонҳои шуғнонӣ, бартангӣ, рушонӣ низ мавриди истифода аст.

Қайд кардан лозим аст, ки дар аснодҳои аз кӯҳи Муғ ёфташуда калимаҳои зайл ба назар мерасанд: **рғзинак** пашмин; **рзгинакт**, **рзгиниакт**. рғз/рнг, рағ/ исми як навъи либос; Калимаҳои мазкур тавассути анҷомаи **-инак**, ки аз исмҳо сифати нисбӣ месозад, шакл гирифтаанд. Ҳамин анҷома дар осори суғдӣ-**инии** иронии қадим-**аинака** /форсии нав-**ина**. форсии муосир-**ёне**/ низ маълум аст.

Аз ин ҷо метавон тахмин кард, ки **рағза** осори забони суғдӣ мебошад. Чун яғнобиён аз авлодони суғдиён мебошанд, калимаҳои зиёди забонҳои қадима ва суғдиро то имрӯз дар нутқи худ нигоҳ доштаанд.

Шорағза дар гӯйиши дараи Ромит низ ба маънои эзор, тунбон, пойҷомае, ки матои он аз пашм бофта шуда, ҳам занон ва ҳам мардон ё танҳо худи онро мепӯшиданд, ё аз рӯйи эзорҳои тунук.

Ҳоло ин калима ба архаизм /калимаи кӯҳнашуда/ гузаштааст, ҷавонони ҳозираи ромитӣ онро намедонанд.

Поҷома эзор, пойҷома. **Поҷома** аз ду калима **по** пой ва **ҷома** /яъне ҷомаи пой/ таркиб ёфтааст. Ду навъи поҷома мавҷуд аст: 1/ занона; 2/ мардона. Пойҷомаи мардонаро аслан аз сони сафед ё чит ва пойҷомаи занонаро бошад аз матоҳои мухталиф дӯзанд.

Қалимаи поҷома ҳам дар забони яғнобӣ ду шакли истеъмол **"почома"** ва **"почума"** дорад. Мардҳо аз рӯи пойҷома шим пӯшанд. Қалимаи мазкур дар забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он низ дар ин ё он шакл мавриди истеъмол аст. Чунончи, дар забони тоҷикӣ он шакли пойҷомаро дорад. Ин ҷо танҳо фарқияти савтӣ /фонетикӣ/ мавҷуд аст ва задаи забони яғнобӣ дар ҳиҷои дуюм ва дар забони тоҷикӣ бошад, дар ҳиҷои саввум меафтад.

Дар ифодаи калимаи **саллата** мо рӯймоли занонаро мефаҳмем. Дар ифодаи **саллата** ва навъҳои он калимаву истилоҳоти хос мавҷуданд, ки аксаран бо шакли ибора воқеъ мешаванд: **чоргули саллата** рӯймоли чоргул, рӯймоле, ки чор гул дорад: **пашмӣ саллата** рӯймоли пашмин; **гардӣ саллата** рӯймоли навъи матои нафиси пахтагин; **хосаи саллата** рӯймоли докагин ва амсоли инҳо.



Кулута каллапӯши махсуси занҳои Яғноб аст, ки ақибаш думча дорад. Кулута дар гӯйишҳои Бухоро низ дар шакли **култапӯшак** истеъмоли худро доштааст ва чуноне муаллифони луғати гӯйишҳои Бухоро қайд кардаанд: **култапӯшак** каллапӯши абраву астарноки думдори занона аст, ки занон мӯйи худро аз даруни думи он гузаронда ба пушташон мепартоянд. Инчунин дар забони форсӣ ҳам дар шакли **кулута** истифода мешавад.

Боронӣ чакман. Ин навъи либос аслан хоси мардуми кӯҳистон маҳсуб меёбад ва онро аз пашми гӯсфанд тайёр кунанд. **Боронӣ** либоси рӯй буда, онро барои тар нашудан аз барфу борон пӯшанд. Ин ҷо борон решаи калима буда,**-ӣ** ҳамчун суффикси калимасоз ба шумор меравад.

Тарзи тайёр кардани **боронӣ** чунин аст: аввал пашми гӯсфанд ё барраро тоза мешӯянд. Баъд аз ин хушк карда меғозанд.

Пашми ғозидаро бо чарх мересанд. Вақте ки ресида тамом карданд, онро дар дӯкони бофандагӣ мебофанд. Пас аз бофта тамом кардан, онро мемоланд. Вақте ҳамаи ин корҳо ба анҷом мерасад, баъд ба дасти дӯзанда медиҳанд. Аслан ин навъи либосро бештар чӯпонҳо /даҳмардҳо/ фармоиш медиҳанд.

Дар охири ин бахш роҷеъ ба калимаҳои **буғунта, чебак, каштал, сипон** сухане чанд гуфтанием, чунки калимаҳои мазкур ҳам ба лексикаи сарулибос тааллуқ доранд. Қалимаҳои **чебак** ва **каштал** ки дар гӯйишҳои ҷанубӣ маънои "киса" ва "гиребон"-ро доранд, дар забони яғнобӣ ҳам ба ҳамин маъноҳо истифода мешаванд. Истилоҳи **чебак** дар забони яғнобӣ муродифи худро дорад, ки он **буғунта** аст. Зикр кардан ҷоиз аст, ки истилоҳи "чебак"-ро ҳоло танҳо аз забони калонсолон шунидан мумкин, ҷавонҳо онро қариб истифода намебаранд ва ба ҷойи он бештар калимаи "буғунта"-ро истеъмол мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки калимаи "чебак" дар забони яғнобӣ ба гурӯҳи истилоҳоти кӯҳнашуда /архаизм/ гузашта истодааст. Бояд ёдовар шуд, ки кисаро дар забони муосири форсӣ /Эрон/ ҷайб гӯянд.

Истилоҳи **сипон** маънои дарбеҳ /кардан/-ро дорад. Ҳамин тавр аз калима ва истилоҳоти фавқуззикр бармеояд, ки як қисми лексикаи забони яғнобиро маводи номҳои сарулибос ташкил мекардааст.

ДАРСИ БИСТУМ

НОМИ ҲАЙВОНОТ

Силсилаи воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи ҳайвонот дар лексикаи хоси забони яғнобӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Мо дар ин ҷо ҳайвонотҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардем: 1/ ҳайвоноти хонагӣ; 2/ ҳайвоноти ваҳшӣ /саҳроӣ/.

Таносуби калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи ҳайвоноти хонагӣ ва саҳроӣ якхела нест. Азбаски ҳайвоноти хонагӣ дар ҳаёти инсон мавқеи хоссе дорад, оиди онҳо калимаву истилоҳҳои зиёде пайдо шуданд. Инсон, ки ба ҳаёти ҳайвонҳои хонагӣ аз наздик шинос аст, тамоми хислат ва воситаҳои ба онҳо вобастаро ба хубӣ омӯхта, ба ҳар кадом номи мувофиқ дода тавонистааст. Албатта, чунин имконият нисбат ба ҳайвоноти саҳроӣ мавҷуд

нест. Аз ин рӯ, дар забони яғнобӣ калимаҳои хоси ифодакунандаи ҳайвоноти ваҳшӣ хеле каманд.

Чизи дигареро бояд ёдрас шуд, ки дар Яғнобдара на ҳамаи навъу ҳайвоноти ваҳшӣ дучор меоянд, балки танҳо онҳое вомехӯранд, ки ба шароиту иқлими он ҷо мувофиқанд. Масалан, танҳо чанд калимаеро номбар карда метавонем, ки ба ҳайвоноти саҳроӣ вобаста буда, дар забони яғнобӣ мавриди истифодаанд:

Урк дар забони тоҷикӣ маънои гургро дорад. Урк дар забонҳои мухталифи қадима дорои чунин шаклҳо будааст: суғдӣ **"вирк"**, ишкошимӣ **"вирк"**, шуғниву рушонӣ **"вурҷ"** мунҷонӣ **"вург"**.

Нахшир оху, сайд, нахчир, бузи кӯҳӣ. Нахшир дар забони суғдии миёна дар шаклҳои **"нғшаир"**, **"нғшир"** истеъмол мешудааст. Калимаи **нахшир** дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба чунин маъноҳо омадааст: ҷонвари саҳроӣ, ҳайвони шикоршавандаи монанди оҳу ва ғайра. Устод Абӯабдулло Рӯдакӣ калимаи "нахчир"-ро дар ашъори худ фаровон истифода кардааст:

Зории зеру ин мадори шигифт,
Гар зи дашт андароварад нахчир.

Бояд қайд кард, ки "нахшир"-и забони яғнобӣ ва "нахҷир"-и умумиэронӣ дорои як маъноанд ва фарқ танҳо дар табдили овози /ҳамсадои/ ҷарангдори "ҷ" бо ҳамсадои беҷаранги "ш" аст.

Рӯба рубоҳ. Калимаи **рӯба** ҳам шакли қадима дошта, дар забони суғдӣ шакли "рупас"-ро доштааст. Аз калимаҳои **урк**,

нахшир, руба бармеояд, ки ин воҳидҳои луғавӣ хеле қадима буда, то имрӯз дар забони яғнобӣ бо баъзе овозҳои савтӣ шакли қадимаи худро маҳфуз доштаанд.

Дар Яғнобдара як ҳайвони дигаре ҳаст, бо номи **хавк** суғур. **Хавк** мисли муш заминро кофта барои худ хона месозад. Хавк фасли баҳор аз хоб бедор шуда то охирҳои тирамоҳ аз гиёҳи растаниҳо истеъмол мекунад. Вақте ки фарбеҳ шуда равған гирифт, боз ба лонаи худ даромада то баҳори оянда мехобад.

Акнун ба тасниф ва тавзеҳи лексикаи марбути ҳайвоноти хонагӣ шурӯъ намуда, аз силсилаи калимаву истилоҳоте, ки ба ҷинсҳои алоҳидаи ҳайвоноти хонагӣ мансубанд, намунаҳо меорем.

Чунон ки медонем, ба гурӯҳи моли майда бузу гӯсфанд дохил мешаванд. Дар забони яғнобӣ оид ба онҳо чунин калимаҳо истифода мешаванд: **сутур, вуз, рувон /рувонак/,санча /санчак/ ва** амсоли инҳо.

Дар забони яғнобӣ гӯсфандро **сутур** ва бачаи онро **рувон ё рувонак** гӯянд. Дар осори классикӣ "сутур" ба маънои чорпои саворӣ ба монанди маркаб, шутур ва ғайраҳо истифода шудааст. Дар забони суғдӣ ба маънои ҳайвон истеъмол ёфта, чунин шаклро доштааст: **"астаур"**, дар авестоӣ **"стаора"** ба маънои ҳайвони калон; парфиянӣ **"астур"** ба маънои асп; осетинӣ **"стур"**, дигорӣ **"стор"** ба маъноҳои букка, гов; язғуломӣ **"стур стер"**; шуғнонӣ ва рӯшонӣ **"сетур"**; мунҷӣ **"сетур"** ба маънои ҳайвони калони шохдор.

Яғнобиён бузро **вуз** ва бузғоларо **санча ё санчак** гӯянд.









Бубинед фарқи калимаҳои "буз"ва "вуз"-ро . Фарқ дар он аст, ки ҳамсадои "б" бо ҳамсадои "в" бадал шудааст. Қалимаи вуз дар китоби Андреев ва Пещерева дар ду шакл **вуз** ва **вез** омадааст. Мушоҳидаҳои шахсӣ нишон доданд, ки ҳоло дар забони яғнобӣ шакли **вуз** маъмул аст ва шакли дуюм **вез** истифода намешавад. **Вуз** ба маънои буз дар забонҳои бадахшонӣ низ дар шакли яғобӣ доштааш /албатта, каме бо фарқияти савтӣ/ мавриди истеъмол аст. Қалимаи мазкур дар забони афғонӣ /пашту/ ҳам маҳфуз мондааст. Масалан, язғуломӣ, шуғнӣ, рӯшонӣ, **"ваз"**; ишкошимӣ **"вез"**; мунҷӣ веза; афғонӣ **"вуз"** ба маънои бузи мода, **"вуза"** ба маънои бузи нар; авестоӣ **"вуза"**. Муҳаққиқон мансубияти калимаро ба ин ё он забон ишора накардаанд. Ба ҳар ҳол аз калимаҳои **сутур ва вуз** чунин бармеояд, ки ин калимаҳо аз забонҳои қадимаи иронӣ маҳфуз мондааст ва имрӯз дар забони яғнобӣ накши худро гум накардааст.

ДАРСИ БИСТУ ЯКУМ

ЧОРВОИ ҚАЛОН

Дар забони яғнобӣ дар ин соҳа чунин калимаҳо ба кор бурда мешаванд: **ғов, макша, кишок, шикорчӣ, дубуза** ва ғ.

Говро бо забони яғнобӣ **ғов** ва бачаи онро **макша** гӯянд. Истилоҳи **ғов** дар забони суғдӣ шакли **ғав**-ро доштааст. Қалимаи мазкур суғдӣ буда, то имрӯз дар забони яғнобӣ қариб дар ҳамон шакли қадимааш маҳфуз мондааст.

Кишок ин букаи ахтакарда мебошад ва онро барои киштукор

истифода баранд; барзагов гови ҷуфтӣ. Аз худи калимаи **кишок** ҳам чунин бармеояд, ки **"киш"** асоси феълӣ буда, маънои бикор, кишт кунро дорад. Гумон меравад, ки пайдоиши калима ҳам аз ҳамин асоси феълии **"киш"** аст. Дар забонҳои бадахшонӣ низ ин калима қариб бо ҳамин шакл ва маъно мавриди истеъмол аст. Масалан, дар ишкошимӣ **"кишо"** /гов/; **"кежук"** /буққа/.

Дубуза тайлоқ, гӯсолаи дусол ва **шикорчӣ** модагови навзодро гӯянд. Яғнобиён синаи говро **чич** ва нӯги пистонҳои онро **дора** бигӯянд.

Як чизи дигареро бояд дар ин ҷо қайд кард, ки хеле ҷолиб аст. Одате ҳаст, ки агар гӯсолаи гов бимирад, пӯстӣ онро ҷудо карда, ба дохилаш коҳ пур мекунанд ва дар вақти дӯшидани шир онро /пӯсти гӯсолаи коҳ пуркардаро/ ба назди модагов мегузоранд, ки онро бӯй кашида мелесад. Ин чизро дар забони яғнобӣ **васак** мегӯянд.

Қалимаи **васак** дар деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ айнан бо ҳамин шаклу мазмун мавриди истифодааст. **Васак** аз калимаи **"васа"** гӯсола ва суффикси **-к** сохта шудааст. Андреев ва Пещерева дар китоби худ роҷеъ ба калимаи **васа** сухан ронда, шаклҳои онро дар забони осетинӣ, язғуломӣ, ишкошимӣ, вахонӣ оварда, онро аз ҳинди бостонии **васта** меҳисобанд.

Саг низ яке аз ҳайвонҳои вафодори хонагӣ буда, онро бо забони яғнобӣ **кут** гӯянд. Дар Яғноб асосан ду навъи саг маъмул аст: 1/саги гӯшу думбуридаи шӯбонӣ /чӯпонӣ/; 2/ саги тозӣ, ки гӯшу думашро намебуранд ва тездави начандон калон

аст. Калимаи **кутчуча** маънои бачаи сагро дорад. **Кутчуча** калимаи мураккаб буда, аз калимаҳои **кут** ва **чуча** /бача/ таркиб ёфтааст.

Кут дар забони суғдӣ дар шаклҳои "**акут**", "**кут**" бархурдор мегардад. Калимаи **кут** дар забонҳои бадахшонӣ дар шаклҳои зайл шуғнӣ ва рӯшонӣ "**куд**" "**кид**"; ишкошимӣ "**кед**" мавриди истеъмол аст, ки **кут** ҳам калимаи қадима буда, дар забони яғнобӣ ва забонҳои бадахшонӣ боқӣ мондааст.

Модасагро **қанчиқ** мегӯянд. Дар забони яғнобӣ истилоҳи қанчиқ маънои нав низ пайдо кардааст. Калимаи мазкур маҷозан ба маъноҳои хабаркаш, чоплус, шӯрангез, фиребгару маккор ва амсоли инҳо ба кор меравад.

Як қисми лексикаи забони яғнобиро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки ба ахлоти /лали/ ҳайвоноти хонагӣ вобастаанд. Чунончи: дар Яғноб лали /саргини/ бузу гӯсфандро **пурк** пушк, писк; ахлоти чорвои калонро /гову гӯсоларо/ **ғӯс ё ғут** мегӯянд.

Пурк дар шакли "пуск" дар гӯйиши Фалғар ба маънои наҷосати бузу гӯсфанд мустаъмал аст. Дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ ин калима дар шаклҳои "пуск", пишк, пушк" ба мушоҳида мерасад. **Пурк** дар забонҳои бадахшонӣ дорои чунин шаклҳо мебошад: шуғнӣ ва рӯшонӣ "**пахч**"; ишкошимӣ "**пушк**"; вахонӣ "**пошк**"; мунҷӣ "**пешка**".

Чунон ки маълум мегардад, калимаи пурк дар забон ва гӯйишҳои он шаклҳои мухталиф доштааст. Калимаи мазкур танҳо дар забони яғнобӣ бо фонемаи "р" ба назар мерасад, яъне дар шакли **пурк**. Аз ин рӯ чунин хулоса баровардан лозим аст, ки шояд ҳамин шакл шакли қадимаи калима бошад.

Инчунин саргини саҳроии моли калонро дар забони яғнобӣ бо лафзи **чиннак** ном мебаранд. Ба ғайр аз ин калимаҳои **сипа**



саргини тар; **сайнак ё сакн** таппак, таппӣ машҳуранд, ки маводи асосии сӯзишвории мардуми Яғнобдара маҳсуб меёбанд. Бояд ёдовар шуд, ки **сайнак**-ро дар гӯйиши Варзобдара "саргин" гӯянд. Навъи дигари сӯзишвории мардуми Яғноб **чалма** аст. **Чалма** саргини зерхӯрдаи оғили бузу гӯсфанд аст, ки баҳорон қабат-қабат бурида /дар шакли чоркунҷа/ дар офтоб хушк ва чун сӯзишворӣ истифода мекунанд.

Тисса наҷосати маркаб /хар/ ё асп. Истилоҳи тисса айнан дар ҳамин шакл ва маънӣ дар гӯйиши деҳаи Дарғи ноҳияи Айнӣ мавриди истеъмол аст.

ДАРСИ БИСТУ ДУЮМ

ЛЕКСИКАИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Қисми дигари маводи луғавии забони яғнобиро лексикаи соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад. Соҳаи мазкур низ аз соҳаҳое мебошад, ки зиндагии мардуми кӯҳистонро бидуни он тасаввур кардан ғайриимкон аст ва ин соҳа ҳам бешубҳа лексикаи хоси марбут ба худро дорад. Чуноне ки маълум аст, лексикаи соҳаи кишоварзӣ як ҳиссаи калони манбаи луғавии ҳар як забонро ташкил медиҳад ва доираи он хеле васеъ мебошад. Лексикаи соҳаи мазкур номи олотҳои меҳнат, набототу растанӣ, ҳар гуна расму оин ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Баъзе ҷиҳатҳои этнографии /мардумшиносии/ соҳаи кишоварзии мардуми Яғнобдара дар китоби Андреев акс ёфта, хусусиятҳои анъанавӣ ва равандҳои имрӯзаи онҳоро ба қадри имкон нишон дода тавонистааст.

Лексикаи соҳаи кишоварзии мардуми Яғнобро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим аст. а/ унсурҳои лексикаи хос забони



яғнобӣ; б/ унсурҳои лексикии умумихалқӣ.

Пеш аз ҳама калимаҳои **юғ** ва **испор**-ро метавон номбар кард, ки барои ҳамаи мардуми тоҷик фаҳмост ва умумӣ маҳсуб меёбад. Баробари калимаҳои умумихалқӣ, бисёр воҳидҳои луғавие мавҷуданд, ки хоси забони яғнобианд ва баромади онҳо аз забони суғдист. Аз лексикаи марбут ба соҳаи кишоварзӣ баъзе калимаҳоро дорои баромади суғдӣ пиндоштаем ва ба қадри имкон дар бораи онҳо маълумот медиҳем:



Истилоҳи **ғанак** гуфта, ғарам ё бандҳои басташуда /дарзаҳои/болои ҳам бо як тартиби хосса гузошташудаи зироатҳои ғалладонаро фаҳманд. Яъне бандҳои ғалла, ки сари дондорашонро дарун карда мечинанд. Истилоҳи **ғанак** дар гӯйишҳои ноҳияи Айнӣ, Мастчоҳ, тоҷикони ноҳияи Бойсуни ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дигар гӯйишҳои тоҷикӣ мустаъмал аст.

Ғарами алаф ва ҳезумро бо забони яғнобӣ **пичик** гӯянд. Истилоҳи пичик бо ҳамин шаклу мазмун дар деҳаи Рарзи ноҳияи Айнӣ истеъмол мешавад.

А.Л. Хромов калимаи **пичик**-ро ба гурӯҳи калимаҳои суғдиву яғнобӣ дохил кардааст. Ӯ дар Яғноб дар ду шакл **пачик** ва **пичик** мавҷуд будани онро хотирнишон мекунад. Бояд зикр кард, ки доираи истеъмоли **пачик** назар ба **пичик** тангтар аст ва аз нутқи баъзе шахсони алоҳида ин калимаро баррасӣ кардан мумкин аст.

Явра ғалбер. Явра барои бехтани /тоза кардани/ гандуму ҷав истифода мешавад. Истилоҳи явра дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ ба ҳамин маънӣ дар шакли **"ёвра"** ва Мастчоҳ низ бо ҳамин шаклу маънӣ мустаъмал аст. Зикр кардан ҷоиз аст, ки байни **явра**-и забони яғнобӣ ва **ёвара**-и Зарафшон тафовути савтӣ ҳасту халос. Дар лафзи яғнобиён зада дар ҳиҷои аввал меафтад ва дар гӯйишҳои Фалғару Мастчоҳ бошад, дар охири ҳиҷо.

Чингак ҳезуми /чӯбчаи/ хурд ва ё пораҳои ҳезум, ки дар ҳолати шикастан ҷудо мешавад. Истилоҳи **чингак** дар гӯйиши Фалғар дар ҳамин маънӣ дар шакли "чинга" мустаъмал аст. Ё ин ки калимаи **пароға** тароша, порчаҳои хурде, ки пас аз тарошидани чӯб ё тахта боқӣ мемонад. Истилоҳи пароға низ дар гӯйишҳои Фалғару Мастчоҳ доираи истеъмоли худро дошта, дар гӯйиши Фалғар шаклҳои "параха", пароха" ва дар гӯйишҳои Мастчоҳ шакли "параға"-ро дорад. Задаи "пароға"-и яғнобӣ дар ҳиҷои дуюм ва задаи гӯйишҳои Фалғару Мастчоҳ дар ҳиҷои охир меафтад.

Лозим ба ёдоварист, ки пайдоиши калимаи **пароға** рӯшан нест. Хромов калимаи "парағда"-ро ки маънои тарошаро дорад, ба гурӯҳи калимаҳои суғдӣ дохил кардааст.

Номи олотҳои меҳнат

Барои ҳамаи мо маълум аст ва хуб дарк мекунем, ки рӯзгори мо бидуни олотҳои меҳнат ғайриимкон буда, имконияти пешравӣ ҳам надорад. Бинобар ҳамин олотҳои меҳнат дар зиндагиву рӯзгори мо роли муҳимро иҷро мекунанд ва тарзи зисту зиндагии мо низ ба онҳо вобаста аст. Ҳамин олотҳои меҳнат буданд, ки мо тавассути онҳо кору зиндагӣ ва рӯз мегузаронем, албатта, дар ҳар давру замон ҳар хел.

Бояд хотирнишон сохт, ки то ихтирои трактори ҳозиразамон кишткунанда авлодони мо бо ҷуфти гов ва юғу испор кишт мекарданд. Шумо гумон накунед, ки тавассути юғу испор танҳо

халқи тоҷик ва умуман мардумони Осиёи Миёна заҳмат мекашиданд, балки дигар халқҳо низ аз ин ба таври васеъ истифода бурда, ризқи рӯзии хешро аз юғу испор ва замин меёфтанд.



Ҳоло ҳам аз юғу испор дар баъзе кӯҳистонҳои ҷумҳуриамон ба таври васеъ истифода мебаранд, ки мисоли рӯшани он диёри суғдзабонҳо—Яғнобдара мебошад. Имрӯз ҳам мардуми заҳматкаши Яғноб тавассути юғу испор ва ҷуфти гов меҳнат карда ризқу рӯзии хешро дарёфт мекунанд.

Юғу испор олоти дастӣ маҳсуб ёфта, аз қисматҳои мухталиф иборат мебошад. Чунончи: **қаптурға поза, оҳани испор; отанг, мушта, гундушкак, пешчӯба, юғулоқ, юғулоқи вант, юғмак.**



Ба ғайр аз ин олотҳои дигаре мавҷуданд, ки барои зиндагии мардуми кӯҳистон ва рӯзгори онҳо заруранд: **дарос** дос, шакли дигари калимаи **дарос дирот** мебошад. Андреев ва Пещерева

дар китоби худ чор шакли калимаи мазкурро нишон додаанд: **д/и/ рот, дирос, дарос, дирот**. Бояд гуфт, ки ду шакли он, яъне **дирот ва дарос** серистеъмол буда, шаклҳои дигар, шояд дар гуфтугӯйи баъзе шахсони алоҳида истеъмол ёбад.



Хоркан олотест, ки ба пойтеша шабеҳ ва ба воситаи он кулӯхҳои замини кишткардаро /пас аз пошидани тухмӣ/ майда кунанд ва ҳамчунин ба воситаи он ҳезумҳои /буттаҳои хордор-/-ро барои сӯзишворӣ кананд. Аз худи номи калима ҳам чунин ақида пайдо мешавад, ки гӯё ин асбоб барои кандани хор бошад. **Хоркан** аз калимаҳои **хор** ва **кан** таркиб ёфтааст.

Арғамчинро бо лафзи яғнобиён **вита** гӯянд ва он навъҳои гуногунро дорад: **тасмина вита** арғамчине, ки аз пӯсти гардани барзагов тайёр кунанд ва тасмашакл аст; **пашмина вита** арғамчини пашмин; **дорсина вита** арғамчини пашмин, ки аз пашми буз бофанд; **чилбур** арғамчини абрешимин ва ғ.

Дар нӯги арғамчин чӯби душохашаклро васл мекунанд, ки онро бо забони яғнобӣ **чахтак** гӯянд.

Ханк парвизн, ордбезак,элак. Қалимаи **ханк** дар гӯйиши деҳаҳои Фалғар дар шакли "**ханкак**" бо ҳамин маънӣ мустаъмал аст.



ДАРСИ БИСТУСЕЮМ

НОМИ ЗИРОАТ, АЛАФУ ГИЁҲ ВА БУТТА

Тибқи анъанаи зироаткорӣ боиси ба вуҷуд омадани навъҳои мухталифи зироатҳои ғалладона ва аз ин пайдоиши номҳои зиёди соҳаи мазкур гардидааст. Дар Яғнобдара аслан парвариши навъҳои ғалладона ва мулк /мушунг/ ба роҳ монда шудааст. Ғалларо бо забони яғнобӣ **ғала** ва гандумро **ғамтун** гӯянд.



Бояд қайд кард, ки калимаи ғамтун дар забонҳои суғдӣ "**ғнтвм**"; вахонӣ "**ғедим**"; ишкошимӣ "**ғундум**"; мунҷонӣ "**ғондум**"; афғонӣ "**ғанем**", авестоӣ "**гантума**" мавриди истеъмол будааст. Навъи дигари ғалла ҷав буда, бар лафзи яғнобӣ **яв** аст.

Калимаи **яв** дар забонҳои суғдӣ "**йев**"; авестоӣ "**ява**"; мунҷонӣ "**ёу**" ба маънии ғалла истеъмол мешудааст. Зироати ғалладонаро яғнобиён ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо кардаанд, ки маъмултаринашон инҳо мебошанд: 1/ **сафедак ғала** ғаллаи сафед; 2/ **сурха ғалла** ғаллаи донаш пурра ё сердон; 3/ **пустакӣ ғала** ғаллаи аз муқашар /аз ҷилдаш/ ҷудонашуда; 4/ **лучак ғала** 5/ **ҷиллаки ғала** кафа, ҷави нимхом, ки рангаш кабуд аст; 6/ **вотпорак ғала** ғаллаи бадсифат, ки ордаш сиёҳ мешавад.

Истилоҳе низ ба назар мерасад, ки ифодаи парвариш ва аз саракҳо ҷудо кардани зироати ғалладонаро ифода мекунанд: сартахт пухта расидани кишти ғаллаи пеш аз дарав; **заванта**

ё **зиванта** дарзаи ғалла; **хойак** кӯфтан, майда кардан; **хок** коҳ ва амсоли инҳо.

Дар захираи луғавии забони яғнобӣ калимаву истилоҳоти зиёде ба назар мерасад, ки оиди гиёҳҳои мухталиф, алафу растаниҳо иборатанд. Вақте ки сухан аз боби навъҳои мухталифи алафу гиёҳҳои кӯҳӣ меравад, адади калимаҳои хоси забони яғнобӣ меафзояд, чунки сабзиш ва нашъунамои бисёр навъҳои наботот хоси табиати Яғноб аст. Навъҳои алаф, растанӣ ва гиёҳҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан лозим:а/ алафу растаниҳое, ки барои чорво парвариш меёбад ва меруяд; б/ гиёҳу растаниҳое, ки барои истеъмоли инсонанд.

Виғна юған. Калимаи виғна аз феъли замони ҳозираи **виғ** сӯз, бисӯз ва суффикси **-на** таркиб ёфта, маънои "сӯзанда"-ро дорад. Дар ҳақиқат ҳам ин алафи бутташакли сӯзанбарги серғизо бисёр тунд аст ва дар вақти даравидан пӯсти даст ва сару рӯйро месӯзонад, махсусан агар нарасида бошад, хеле хатарнок аст. Қалимаи **виғна** дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ истеъмол меёбад, ки мисоли он гӯйиши баъзе деҳаҳои Фалғар мебошад, ки айнан ба ҳамин шаклу маънӣ мустаъмал аст. **Ғушша** алафи бутташакли паҳнбарг; **мужготила** алафи майдабарги дондор /мевадор/, ки шабеҳ ба мушунг аст; **ситқа** алафи паҳнбарги ба зуф монанд; **марғ** ва амсоли инҳо

Истилоҳи **марғ** дар забонҳои қадима истеъмол мешудааст, вале олимон ба қадом забон тааллуқ доштани онро ишора накардаанд. Масалан, калимаи **марғ** дар забонҳои қадима дорои чунин шаклҳо будааст: суғдӣ-буддоӣ "**мрғҳ**"; афғонӣ "**марға**"; авестоӣ "**мареға**" тоҷикӣ "**марғ, марғзор**".

Теъдоди гиёҳу растаниҳое, ки ба гурӯҳи дуюм дохил мешаванд, назар ба гурӯҳи аввал хеле зиёданд. Албатта, шарҳу эзоҳи ҳамаи онҳо аз имкон берун аст ва мо аз рӯйи имкон баъзеи онҳоро аз назар гузаронида шарҳу эзоҳ медиҳем. Масалан, **катк** пиёзи кӯҳӣ, худрӯӣ. Ин калима дар гӯйиши деҳаҳои Фалғар ба ҳамин шаклу маънӣ мавҷуд аст.

Ревоч /чукурӣ/-ро ба забони яғнобӣ **рена** ва баргашро **раппа** гӯнд; **машшак** торон; **сирвичак /сирвич/** навъи растании баҳорист аз қабили торон, аммо нисбатан кӯтоҳқад буда, нисбати торон хушхӯр аст; **зағалла** бехмева, меваш ба картошка шабеҳ аст /як навъ растаниест, ки дар решааш ҳосил дорад,

таркиб

соҳаи
нчи, **зой**
бештар
има дар
"зойак"
авн" ба
"зойак"
стаъмал

егардад,
яғнобӣ
махсусан
рас аст,
илмиву

тилоҳоти
шутаборӣ
оилавию

о дарбар
мешавад.
/бунёди/
даи хеш
падариву
ола хола
падариро

сол низ
хоҳарони
етавонем.
калонӣ;
ва ғ.

ба картошка монанд/; **калпунта** навъи растаниест, ки барги хокистарранг дорад ва дар замин паҳн шуда, бехи андак борики сабзишакл дорад; **калачча** алафи худрӯи кашничмонанд, ки бӯи гуворову форам дорад; **бидамчак** растании бутташакл буда, аз ширеи он сақич тайёр кунанд ва буттаи он барои алов истифода шавад; **аспхурурак** растании хорноки хӯрданист, он асосан дар ҷойҳои сернам, лаби ҷӯйу чашмаҳо ва марғзорҳо мерӯяд, онро низ мисли ревоч пӯст канда хӯранд. Истилоҳи **аспхурурак** аз калимаҳои **"асп"**, **"хурура"** ва суффикси **"-к"**, ки вазифаи суффикси **-ак**-ро адо мекунад, таркиб ёфтааст. **Вағнич** растании мевадор буда, ранги меваяш сурх аст. Истилоҳи **вағнич,** ки меваи онро истеъмол мекунанд, дар гӯйиши деҳаҳои Фалғар, Мастчоҳ, ноҳияи Китоби Ӯзбекистон ва дар дигар гӯйишҳои забони тоҷикӣ низ мавриди истеъмол аст.



Барои ифодаи мафҳуми банд ё дарза /пояҳои зироати ғалладона ва алаф/ дар забони яғнобӣ истилоҳи **заванта** маъмул мебошад. Шакли дигари он **зиванта** аст. Калимаи **заванта** дар забонҳои қадима чунин шаклҳо доштааст: суғдӣ - буддоӣ **"звант"**, **"азвант"**;ман. **"звнд"**. Истилоҳи **заванта** ё **зиванта** аз **"зи"**, **"вант"** ва **"-а"** таркиб ёфтааст. "Вант" асоси феъли замони ҳозира буда, маънои банд, бубандро дорад.

Бояд зикр кард, ки дар Яғноб алафро дарза намебанданд ва дар вақти даравидан як чанд қабзаро болои ҳам даравида чида мемонанд, ки онро ба забони ешон **воп** гӯянд, яъне **воп** дарза ва ё банди нобастаи алаф дар замини даравидашуда, саҳро. Доираи истеъмоли калимаи мазкур васеъ буда, дар байни мардуми деҳаҳои тоҷикзабони Яғноб низ маъмул аст. Ин калима дар гӯйиши баъзе деҳаҳои ноҳияи Варзоб /алалхусус деҳаҳои Зиддӣ/ мустаъмал аст.

Истилоҳи банди нобастаи ҳезумро бар лафзи яғобӣ **оғушак** гӯянд. Истилоҳи **оғушак** аз калимаи **"оғӯш"** ва суффикси **-ак** таркиб ёфтааст, яъне аз худи номи он бармеояд, ки як оғуш ҳезум -ин як оғушак аст.

Оиди тӯдаи саргин /лал/ бошад, истилоҳи **сайнакдон** мавҷуд

аст. Сайнакдон аз калимаи **"сайнак"** ва суффикси **"дон"** таркиб ёфтааст, **сайнак** саргин;**-дон** суффикси макон.

Гурӯҳи дигари калимаву истилоҳоти лексикаи соҳаи кишоварзиро истилоҳоти замин дар бар мегирад. Чунончи, **зой** гуфта дар забони яғнобӣ танҳо замини корам, ки бештар зироатҳои ғалладона кишт кунанд, мефаҳманд. Ин калима дар гӯйиши деҳаҳои Фалғар ба ҳамин маънӣ дар шакли "зойак" маъмул аст. **Зой** дар забони суғдӣ дар шакли **"заи, завн"** ба маъноҳои замин, ҷой маъмул будааст ва он дар шакли **"зойак"** ба маънии замини корам дар гӯйиши Мастчоҳ низ мустаъмал аст.

Аз баррасии лексикаи соҳаи кишоварзӣ маълум мегардад, ки дар як қатор гӯйишҳои забони тоҷикӣ калимаҳои яғнобӣ ба таври васеъ истеъмол мешудааст. Чунин калимаҳо махсусан дар гӯйишҳои тоҷикони болооби Зарафшон хеле назаррас аст, ки он барои омӯзиши таърихи забон аҳамияти бузурги илмиву таърихӣ дорад.

ДАРСИ БИСТУ ЧОРУМ

ИСТИЛОҲОТИ ХЕШУТАБОРӢ

Як қисми маводи лексикаи забони яғнобиро истилоҳоти хешутаборӣ ташкил медиҳад. Калимаву истилоҳоти хешутаборӣ як ҷузъи асосии захираи луғавии забон буда, номҳои оилавию авлодӣ, қабилавию қавмиро доро мебошанд.

Истилоҳоти хешутаборӣ номҳои оила, қавмҳою авлодро дарбар мегиранд ва бо мурури замон доираи онҳо васеъ мешавад. Зикр кардан ҷоиз аст, ки зану мард сарчашмаи /бунёди/ афзоиши хешу табор ва давомдиҳандаи авлодони ояндаи хеш ба ҳисоб меравацд. Маҳз аз ҳамин ҷо хешутабори падариву модарӣ оғоз меёбад. Чунончи, агар **холак** тағо ё **хола** хола гӯем хешони модар, лекин **амак ё амма** гӯем авлодони падариро мефаҳмем.

Ном бурдани хешу табор ба ҷинсият ва синну сол низ вобастагӣ дорад. Мо ба бародари калонӣ ва хурдӣ ё хоҳарони бузургу кӯчак бо як истилоҳ муроҷиат карда наметавонем. Масалан, **хор** хоҳар, хоҳари хурдӣ; **апа** аппа, хоҳари калонӣ; **вирот** додар, бародари хурдӣ; **ако** бародари калонӣ ва ғ.

Хор маънои хоҳари хурдиро дорад ва дар забонҳои мухталиф дорои чунин шаклҳо мебошад: суғдӣ-буддоӣ **"ғваҳр"**; ман. **"хвар"**; афғонӣ **"хор"** парфиянӣ **"вхар"** ва ғ.

Муҳаққиқони забоншинос мансубияти калимаи **"хор"**-ро ба ин ё он забон ишора накардаанд ва мо ҳам ҳоло гуфта наметавонем, ки ба кадом забон тааллуқ дорад.

Вирот бародари хурдӣ. Истилоҳи **вирот** дар забони суғдӣ мустаъмал будааст ва ба шакли **врат** истеъмол мешудааст.

Аз ин ҷо хулосабардорӣ кардан лозим аст, ки истилоҳи **вирот** калимаи қадима буда ва онро дар забони яғнобии муосир маҳфуз доштаанд.

Истилоҳоти **"падар"** ва **"модар"** дар забони форсӣ-тоҷикӣ хеле қадимӣ ба ҳисоб мераванд. Масалан истилоҳоти дар забони форсии қадим шаклҳои **"матар"** ва **"питар"**, дар забони форсии миёна **"тазар"** ва **"пизар"**-ро доштаанд. Баъдан ин истилоҳот маҳз хоси забони адабӣ шуда, дар шакли **"падар"** ва **"модар"** расиданд.

Дар яғнобӣ бошад, ҷараёни тараққӣ ва инкишофи истилоҳоти "падар" ва "модар" дигар аст. Дар забони яғнобӣ

додо падар ва **оча** модарро гӯянд.

Олими рус А.К. Писарчик қайд мекунад, ки истилоҳҳои "ота" ва "оча" ӯзбакӣ буда, дар Кӯлоб нисбат ба падару модар истифода мешаванд.

Х. Ҳамрокулов дар монографияи худ зикр намудааст, ки дар Бойсун падарро "доде//дода" ва модарро "оча//она" гӯянд.

Мушоҳидаҳои шахсӣ нишон доданд, ки дар гӯйиши ноҳияи Варзоб низ модарро "оча" ва падарро "ота" гӯянд. Тафсири баъзе истилоҳоти хешутабории гӯйишҳои шимолӣ ва Варзобро дар ҷилди 5-уми очеркҳои В.С. Расторгуева дидан мумкин аст. Масалан, ӯ истифодаи истилоҳоти "падар" ва "модар" -ро низ эзоҳ дода, зикр менамояд, ки ба ҷойи калимаи "модар" дар Варзоб "оча"-ро истеъмол кунанд. "Падарро дар Ӯротеппа "додо", дар Кони Бодом "дадо, дада", дар Риштон "дадо, бово" ва дар Суху Шаҳристон "дадо" бигӯянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таркиби лексикаи хешутаборӣ дар тӯли асрҳо ташкил ёфта, баъзе истилоҳоти аслӣ бо мурури замон ба худ силсилаи муродифҳо пайдо кардаанд.

Аз ин хотир, дар забони яғнобӣ низ баробари истилоҳоти аслӣ **/заифа, морти, гайк.../** воҳидҳои луғавии зиёдеро дучор меоем, ки захираи асосии луғати забонро бою ғанӣ гардонида, барои ифодаи маънҳои матлуб истифода мешаванд. Масалан, **заифа, аёл, пошикаста**-ро мегирем, ки мафҳуми занро ифода мекунанд. Ё ин ки **момо, момӣ, катта оча** гуфта модаркалонро фаҳманд; **иш заифа ман оча хаст** ин зан модари ман аст; **ман момо сади тахтах** модаркалони ман ба сад даромадааст; **катта очам ғовчакка хаст** модаркалонам говдӯш /говҷӯш/ аст.

Вир дар забони яғнобӣ шавҳар ва **инч** зан /завҷа/-ро ифода мекунад. **Вир** ва **инч** калимаҳои қадима буда, дар забони суғдӣ истифода мешудаанд. Масалан, **вир** дар забони суғдӣ **"вир"**, авестоӣ **"вира"** ба маънои шавҳар, мард истеъмол меёфтааст. Қалимаи **инч** дар забони суғдӣ дар шакли **"аинч"** ба маънои дар забони яғнобӣ доштааш мустаъмал будааст: **ав заифаи вир нааст** он зан шавҳар надорад; **ман жутаи пиёсо инч нота ой** писари ман порсол зан гирифта буд.

Қалимаҳои **вир** ва **инч** ба ғайр аз маънои аслӣ боз калимаҳои маҷозии худро низ соҳибанд. Масалан **"сарсанка"** ба маънои

"вир" яъне шаҳвар ва **"таксанка"** маънои **"инч"** завҷаро мефаҳмонад.

Як қисми истилоҳоти хешутабории забони яғнобиро калимаҳои тоҷикӣ ташкил медиҳанд: **бобо, хусур, хуштоман/хушдоман/, домод** ва ғ.

Қисми дигари калимаҳои мазкур аз ҳисоби воҳидҳои луғавии арабӣ, ки ба воситаи забони форсӣ-тоҷикӣ ба забони яғнобӣ гузаштаанд, ташкил ёфтааст: **арус, аёл, хола, амма**. Ин ҷо фаркият танҳо дар он аст, ки дар калимаҳои **хола** ва **амма** зада дар забони яғнобӣ дар ҳиҷои аввал ва дар забони форсӣ-тоҷикӣ дар ҳиҷои охир меафтад.

Чунон ки аз таърих маълум аст, тоҷикону ӯзбекҳо аз замонҳои пеш алоқаи зичи фарҳангиву этникӣ доранд, аз ин хотир, бо мурури замон бисёр калимаву ибораҳои форсӣ-тоҷикӣ ба забони ӯзбекӣ ва баъзе истилоҳот ба забони тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба яғнобӣ дохил гаштаанд: **қайсангил, уга, қудо, келин** ва ғ.

Одате низ ҳаст, ки арӯсу домод аз рӯзи аввали ҳамсарӣ аз рӯйи ҳурмату эҳтироми шаркӣ падару модари хеш /ҳамдигар/, яъне "хусур"-ро **холак ё амак** тағо ё амак ва "хушдоман"-ро **хола ё амма** бигӯянд.

Пинонч яке аз истилоҳоти қадимиест, ки то имрӯз дар забони яғнобӣ маҳфуз мондааст. Қалимаи мазкур дар шакли **"пнанч"** дар забони суғдӣ мустаъмал буда, дар забони тоҷикӣ дар шаклҳои "панонҷ, палонҷ, пилонҷ" истеъмол мешавад.

ДАРСИ БИСТУПАНҶУМ

ҚАЛИМА ВА ИБОРАҲОИ МАХФӢ ДАР ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ /ду дарс/

Қалима ва ибораҳои махфӣ дар лексикаи забони яғнобӣ мавқеи муайянеро ишғол мекунанд. Роҷеъ ба ин масъала бори аввал олими рус С.И. Климчитский маълумот дода, як мақолаи хурде навиштааст, ки беш аз чиҳил калимавуибораро ҷой додааст. Климчитский калимаву ибораҳои махфиро забони махфии яғнобиҳо номидааст.

Шояд саволе ба миён ояд, ки ба хотири чӣ яғнобиҳо аз забони махфии хеш истифода мебаранд?

Яғнобиҳо аз ин забон барои он истифода менамоянд, ки мардумони ғайр аз ҳадафи ешон пай набаранд. Чунон ки худи онҳо мегӯянд: **"Ит зивокипи хватмох бозори гап диҳимишт, чуки во ани одамт нағирифант, ки мох чойи борайи гап аст"**. Бо ин забон дар бозор байни худ гуфтугӯ кардан қулай аст, то дигарон нафаҳманд, ки дар бораи чӣ сухан меравад. Чунончи, **ванғуша, ваншоха,рупчдума, шовопа, хорчаксара** ва ғайраҳо.

Бояд қайд кард, ки бештари истилоҳоти махфӣ аз ду калимаи содда таркиб ёфтаанд. Масалан, истилоҳоти **ванғуша** аз калимаҳои **ван** дароз, **ғӯш** гӯш ва суффикси **-а** сохта шудааст ва маънои гӯшдароз /хар/-ро ифода мекунад. Ё ин ки **шовопа** аз калимаҳои **шов** сиёҳ, **оп** об ва суффикси **-а** таркиб ёфта маънои оби сиёҳ /сиёҳоб/-ро дорад, ки яғнобиён **шовопа** гуфта равғани пахтаро дар назар доранд.

Қалимаҳои махфии забони яғнобӣ аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сохта шудаанд. Аз ин хотир, мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки онҳоро ба якчанд гурӯҳ тақсим кунем:

1. Қалимаҳои махфие, ки аз исму исм ва суффикси-а таркиб ёфтаанд: **рупчдума** аз калимаҳои **рупч** ҷоруб, **дум** дум ва суффикси **-а** сохта шуда, ҷорубдум, яъне бо лафзи махфии яғнобиён ҷорубдум гуфта, аспро мефаҳманд. Ё ин ки истилоҳи **хорчаксара** аз **хорчак** занбурӯғ, хорч,**сар** сар, калла ва суффикси **-а** сохта шудааст. **Хорчаксара** гуфта мардуми Яғноб милитсияро дар назар доранд. Барои он ин истилоҳро сохтаанд, ки лапари кепкаи милитсионерҳо ба занбурӯғ шабоҳат дорад: **иранка рупчдума кам аст** аз ин навъи асп кам аст; **тав жута хорчаксара витах** писари ту милитса шудааст; **ман катта вом хорчаксара вомишт** ман калон шавам милитсионер мешавам.

2. Истилоҳоти махфие, ки аз сифату исм ва суффикси -а сохта шудаанд. Қаблан бояд ёдовар шуд, ки теъдоди ин навъи калимаҳо зиёд аст: **ванкама** гардандароз; /**ван** дароз, **кама** гардан/; **ваншоха** шохдароз, /**ван** дароз, **шох**-шох ва суффикси-а/; **ванғуша** гӯшдароз /**ван** дароз, **ғӯш** гӯш ва суффикси-а/; **вандума** думдароз /**ван дароз**, **дум** дум ва суффикси-а/; **шовопа** сиёҳоб, оби сиёҳ/ **шов** сиёҳ, **оп** об ва суффикси -а/ ва ғайраҳо.

Бояд қайд кард, ки калимаи **вандума** дорои ду маъно

мебошад: 1/рӯбоҳ; 2/гӯсфанди думдароз.

Яғнобиён калимаҳои фавқуззикрро фаровон истифода бурда чунин маъниҳоро дар назар доранд: **ванкама** шишиа арақ; **ваншоха** гов; **ванғуша** маркаб; **қурсдума** гӯсфанди дунбакалон; **шовопа** равғани пахта: **ӣ ванкама ур, пеним жавим** як шишаи арақро биёр, кушода нӯшем; **ах одам ваншохаи ёта нахорчӣ** он кас гӯшти гов намехӯрад; **ванғушоти вора вис, тиримишт** ба маркабҳо савор шавед, меравем; **ду қурсдумаиш ой, ийиш мох бахша акуш** дута гӯсфанди парваришкарда дошт, яктоашро барои мо кушт; **Яғноб шовопаипи авқот накунохшт** дар Яғноб бо равғани пахта хӯрок намепазанд; **ман бахша и вандумайи пуст вир** барои ман пӯсти як рӯбоҳ пайдо кун.

3. Калима ва ибораҳои махфии аз исму феъл сохташуда: **ротшавна** аз исми **рот** роҳ, аз асоси феъли замони ҳозираи **шав** рав, бирав ва суффикси **-на** таркиб ёфтааст ва маънои пойро дорад. Ибораҳои **нучи вияк** пойин шудан, нишеб шудан; **ҳарри карак** ғелон кардан, чар кардан дар забони махфии яғнобиён васеъ истеъмол меёбад ва маънии махфии онҳо чунин аст: **нучи вияк** шарманда шудан; **нучи карак** шармандаву шармсор кардан (касеро); **ҳарри карак** дурӯғ гуфтан; **ротшавнотиш ани арк накунохшт** пойҳояш дигар кор намекунанд; **иранка аркипиш ахир нучи вичӣ** бо ин хел кораш охир шарманда мешавад; **ӣ одами нучи карак фойда нааст** касеро шарманда кардан фоида надорад; **чи майдаҳакӣ ҳарри каракипи юхта навис** аз хурдӣ ба дурӯғгӯӣ одат накунед.

4. Аз асоси феъли замони ҳозира ва суффикси -на: **хишойна** газанда; **равчна** аккос мезадагӣ; **рантна** чизи мерӯфтагӣ; **зимакна** чизи мемакидагӣ ва амсоли инҳо. Калимаҳои мазкур аз асоси феълҳои замони ҳозираи **хишой** газ, бигаз; **равч** аккос бизан, бичак; **рант** рӯб, бирӯб; **зимақ** мак, бимак ва суффикси **-на** сохта шудаанд, ки ба маъноҳои мухталифи забони махфӣ соҳибанд. Маънии махфии калимаҳои **хишойна** нон ва **равчна** саг мебошад. Дар забони махфии яғнобӣ калимаи **рантна** ба маъниҳои а/ ҷорӯб; б/ дузд, одами дузд ва истилоҳи **зимакна** ба маъниҳои а/ синамак; б/ пистонак, соска истеъмол меёбанд.: **дастархони даруни хишойна асти ё на?** дар дастурхон нон ҳаст ё не? **и шов равчнам аст, ғови доди хаст** як саги сиёҳ дорам, баробари гов аст; **чи бозор ман бахша ӣ рантна хирин**

аз бозор барои ман як ҷорӯб бихар; **агар рахиш зимакна намун ройчӣ** агар ба даҳонаш пистонак намонӣ гиря мекунад.

5. Истилоҳоти махфии аз ҳиссаҳои мухталифи нутқ сохташуда, ки ба воситаи бандаки изофӣ пайваст шуда, як маънии томро ифода мекунанд: **поди хашна** чизи дар пой мекашиданӣ; **фики хашна** чизи дар китф мекашиданӣ; **сари вантна** чизи дар сар мебастанӣ; **хепи венна** он чизе, ки худро дар он бубинӣ ва ғайраҳо.

Поди хашна маънои пойафзолро дошта, аз **пода** пой, бандаки изофӣ, **хаш** каш, бикаш ва суффикси **-на** таркиб ёфтааст. Истилоҳи **фики хашна** аз **фик** китф, бандаки изофӣ, **хаш** каш ва суффикси **-на** сохта шуда, маънои ҷомаро дорад. **Хепи венна** аз **хеп** худ, бандакӣ изофӣ, **вен** бин ва суффикси **-на** таркиб ёфта, дар забони махфӣ маънои оинаро мефаҳмонад: **поди хашнотиш хушру витор** пойафзолҳояш хушрӯ будааст; **чи Уротебаи бозор хепи бахшам и фики хашна ахириним** аз бозори Ӯротеппа барои худам як ҷома харидам; **и ғом хепит веннаи ғор** як бор худатро дар оина бубин.



Аз рӯи расмҳо бо калимаҳои махфи ҷумла созед.

ДАРСИ БИСТУШАШУМ

ИДОМАИ ДАРСИ ГУЗАШТА

Чи тавре ки маълум шуд калима ва ибораҳои забони махфӣ дорои маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ будаанд. Ба маънии онҳо танҳо соҳиби забон ё донандаи хуби забони яғнобӣ сарфаҳм меравад. Чунончи, ба калимаи **сечи** таваҷҷӯҳ кунед. Маънои аслии калимаи **сечи** боло, баланд аст: **ҷах, чи сечи нид** хез, аз боло бишин. Дар забони махфӣ ин калима маънои дигар /маънои мусбӣ/ гирифтааст ва **сечи** гуфта дар лафзи махфии яғнобиён одами бузург, донишмандро бифаҳманд: **ави додо сечи одам хаст** падари он кас шахси бузург аст. Инчунин калимаи **сечи** маъноҳои зебой ва мақоми баланд /вазифаи баланд-/-ро низ ифода мекунад, мо инро танҳо аз рӯйи матн ё ҷумла пай мебарем, ки бо кадом маъно кор фармуда шудааст: **ах сечи ғайк витах** вай духтари зебо /хушрӯй/ шудааст; **ави холак сечи арки гудартах** тағои вай ба вазифаи баланд гузаштааст.

Ё ин ки мегирем, калимаи маъмули сӯзанро. Сӯзанро бо забони яғобӣ **синчин** гӯянд. Қалимаи **синчин** дар таркиби луғавии забони яғнобӣ ба маъноҳои дигаре ҳам соҳиб гаштааст: 1/ ба атфол, кӯдакони хурдсол нигаронида шудааст, барои он ки хурдсолон аз мақсади калонсолон пай набаранд, дар муроҷиат /калонсолон/ чунин ҷумлаҳоро истифода мекунанд: **синчин уфсот, ки ҷахимишт меҳмони рити шавим** хоби писарбача /ё духтарча/ барад, баъд хеста пеши меҳмонҳо меравем; **синчини макши урки варак аст** хоби духтарча /ё баръакс/ бурдан дорад. Агар ин ҷумларо таҳтуллафзӣ тарҷума кунем, як ҷумлаи бемаънӣ ҳосил мегардад: гӯсолаи сӯзанро гург бурдан дорад. Акнун бубинед, агар ба нозукиҳои забон сарфаҳм наравед, ё аз ин гуна ибораҳо бехабар бошед, маънии аслии ҷумларо пай намебаред ва намефаҳмед, ки сухан дар бораи чист.

2/ ба ашхоси ношинос низ нигаронида мешавад: **синчини небузоним** ин шахсро нашинохтам; **синчин мох зивок нағирифчӣ** ин кас забони моро намедонад; 3/ роҳбарони

корхонаву идораҳо...ро низ бо забони махфӣ **синчин** гӯянд: **иш одам мох районн синчин хаст** ин кас роҳбари ноҳияи мо аст.

Бояд қайд кард, ки аз калимаи байналмиллалии **почта** ва феъли бардор-и забони тоҷикӣ яғнобиён як калимаи нав сохтаанд, яъне **пушидабардор**. Маънои аслии калима хаткашон, номарасон аст. Дар забони махфии яғнобӣ ин калима дорои маънии манфӣ низ ҳаст, ки он маънои хабаркаш, хабарбару хабарбиёрро дорад: **идока пушидабардор бисиёр аст, тик й ноҷо гап надех** дар ин ҷо хабаркашҳо зиёданд, боз ягон сухани ноҷо назан.

Ба ғайр аз калимаҳои мураккаб дар таркиби луғавии забони махфӣ калимаҳои содда низ мақоми хосса доранд: **нахна** маънои калимаи мазкур нохун буда, бо маънои махфӣ низ хеле зиёд истеъмол мёбад ва маънои пул, накдинаро дорад: **ман буғунти нахна нааст** дар кисаи ман пул нест; **агар нахна вотит и барги тифар** агар пул дошта бошӣ, каме ба ман деҳ.

Қалимаи **лехна** аз решаи лехон /лехонак/ аст, яъне лағжонак, бисёр суфтаву ҳамвор: **иш санкт лехонак ор, итити сари пода намун, дивиишт** ин сангҳо лағжонаканд, ба болои онҳо пой намон, меафтӣ. Қалимаи лехна бештар ба маънои маҷозиаш истеъмол мёбад ва бояд ёдовар шуд, ки мавқеи истеъмолаш хеле васеъ аст. **Лехна** гуфта духтар ва ё зани зебову соҳибҷамолро дар назар доранд: **идоки ғайкт ҳамаш лехна ор** духтарҳои ин ҷо ҳамаашон соҳибҷамоланд; **иранка лехна заифайи нахке авеним** ин хел зани соҳибҷамолро акнун дидам.

Албатта, омӯхтан ва баррасӣ намудани лексикаи пурраи калимаҳои махфии забони яғнобӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурии забоншиносист. Ба ин масъала диққати махсус лозим аст, чунки ҳадафи калима ва ё ибораи махфиро пайхас набарем, ба моҳияти асосии истилоҳот сарфаҳм намеравем.

Маводи мо асосан аз сарчашмаҳои илмӣ ва аз нутқи мӯйсафедону пиразанҳо гирд оварда шудааст.

Инак дар зер рӯйхати калимаву ибораҳои махфиро бо тарҷумаи таҳтуллафзиашон пешкаш менамоем.

Забони махфии яғнобӣ	Забони тоҷикӣ-форсӣ	тарҷумаи таҳтуллафзӣ
бидони хашна	корди миён	чизи дар миён мекашидагӣ
ванкама	шишаи арақ	гардандароз
ванпода	одами лингдароз	лингдароз
ваншоха	гов	шохдароз
вандума	рӯбоҳ	думдароз
ванғӯша	хар,маркаб	гӯшдароз
жавна	чой	чизи менӯшидагӣ
деҳна	яроқи оташфишонӣ	чизи мезаданӣ
лехна	зебо, соҳибҷамол	ҳар чизи суфтаву ҳамвор
лехнайи карак	ороиш додан	ҳамвору суфта кардан
нахна	пул, накдина	нохун
нучи	одами пастфитрат	пойин
нучи вияк	шарманда шудан	пойин шудан
нучи карак	шарманда кардан	пойин /нишеб/ кардан
куппайи вияк	хобидан, хоб кардан	
партовак	дуруғ гуфтан	партофтан
поди вантна	пайтоба	чизи дар пой мебастагӣ
поди нуғунтна	мӯза, пойафзол	чизи ба пой мепӯшиданӣ
поди хашна	пойафзол	чизи ба пой мекашиданӣ
равчна	саг	ҷаккок
рантна	1/ҷорӯб;2/дузд	рӯбанда
рупчдума	асп	ҷорубдум
руча	чашм	равзан, рӯҷокӣ
сарсанка	мард, шавҳар	болосанг
сари вантна	салла, рӯймол	чизи дар сар мебастанӣ
сарҳалка	роҳбар, раис...	
сечи///сеча	1/ зебо, соҳибҷамол 2/ одами бузург, обрӯманд	боло, баланд

синчин	1/ одами обрӯманд, роҳбари ягон корхона, ноҳия... 2/ ишора ба атфол; 3/ ишора ба шахси ғайр	сӯзан
таксанка	зан, завҷа	санги пойин, зерсанг
фассак	мурдан, вафот кардан	молидан, молиш додан
фики хашна	ҷома, чаппон	чизи дар китф мекашидагӣ
хепи венна	оина	чизе, ки худро дар он бинӣ
хишойна	нон	газанда
хишортовӣ	пойҷома, езори занона	шахси аз Хишортов буда
хорчаксара	милитсионер	занбуруғ, хорч
шовопа	равғани пахта	сиёҳоб, оби сиёҳ
шуккара	қотил, одамкуш	хомӯшкунанда
мурукна	нон	
курсдума	гӯсфанди гирддумба	гирддумба
чуккатӣ	зуком, грипп	каси аз деҳи Чуккат буда
ғиллонак	дуруғ гуфтан	ғел мезадагӣ
	панҷ	як ангушт
	1/бист; 2/сад	
ду раски	чиҳил	
пулла раски	сад	
катта раски	ҳазор	

ДАРСИ БИСТУҲАФТУМ

ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Яке аз қисматҳои асосии ҳар як забонро ибораҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд. Воҳидҳои фразеологӣ дар системаи луғавии

забон мақоми хоса доранд. Ҳар як забон доройи захираи бойи таъбироти рехта мебошад, ки вай ба муҳит, тарзи зиндагӣ, маишат, урфу одат, расму русум ва фарҳанги халқи худ алоқаи мустаҳкам дорад. Аз ин хотир, иборахои фразеологӣ рӯҳ ва хусусияти миллии халкро инъикос менамояд.

Агар кас ба воҳидҳои фразеологии асосии забон ошно набошад, фикри дар он забон баёншударо дуруст дарк намекунад. Барои ҳамин ҳам барои донандаи /мутахассиси/ забони яғнобӣ шудан як микдори муайяни калимаҳои забони мазкурро аз худ кардан кам аст. Воҳидҳои фразеологӣ дар забони яғнобӣ хеле зиёданд ва ба нутқу баёни забон ҷазобату фасоҳати тоза мебахшанд. Ва чи тавре гуфтаанд: "Забон бидуни ибораҳои фразеологӣ мисли оби бенамакест дар муқобили оби чашмаи гуворо".

То ҳол роҷеъ ба ибораҳои фразеологии забони яғнобӣ тадқиқоти мукаммали илмӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст ва гуфтан лозим аст, ки А.Л. Хромов дар китоби худ /Забони яғнобӣ (бо забони русӣ) маълумоти ниҳоят мухтасаре додааст.

Фразеология хусусияти ҳар як забон буда, ба омӯхтани он донистани рӯҳ ва табиати забон ва худи он забон мумкин нест.

Воҳидҳои фразеологии забони яғнобӣ ҳам дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд ва бо ин хусусиятҳо аз воҳидҳои фразеологии дигар забонҳо фарқ мекунанд. Хусусиятҳои фарққунандаи воҳидҳои фразеологии забони яғнобӣ дар инъикоси ҳаёт ва муҳити зисти мардуми Яғноб мебошад. Онҳо бо тафаккури мардуми Яғноб, забону фарҳанг, таърих ва маданияту маишати он алоқаи қавӣ дорад: **такки дорак** дам кардан, лабу лунҷ овезон кардан; **пашнайи деҳак** хусумат /душманӣ/ доштан нисбат ба касе; аркаи ҷахак хурсанд шудан, шод гаштан; **ғуши довак** ба ҳар гуна суханҳо гӯш надодан; **ғози хварак** гурехтан, думро хода кардан; **гиреҳи карак** ҷамъ /ғун/ кардани молу чиз; **рахи ковак** қаҳри касеро овардан, коҳи кӯҳнаро бод додан ва ғ.

Мисолҳо: **таккаш дорта ниста, ҳичӣ нахорчӣ** лабу лунҷ овезон карда нишастааст, ҳеҷ чиз намехӯрад; **ав одами баланд арки намуношт, пашна деҳна бисёр аст** он касро ба кори баланд намемонанд, хусуматчиҳо зиёд аст: **агар жутам инистут**

тисот, арқам ҷахчӣ агар писарам ба институт дохил шавад, хурсанд мешавам; **ах чи чикеракиш ғоз ахвар ӯ** аз тарс гурехт; **ах одам виёртагиш гиреҳ кунчӣ дариш тим нахорчӣ** он кас ёфтагиашро ҷамъ мекунад, ба ишкамаш ҳам намехӯрад; **ман рах наков, навот, шармандат куномишт** даҳони маро накоб /қаҳри маро набиёр/, набошад, шармандат мекунам.

Бояд гуфт, ки баъзе хусусиятҳои хоси забони яғнобӣ бо ибораҳои фразеологии забони тоҷикӣ умумият доранд: **несш нос, ҷонш санчӣ** аз биниаш доред /гиред/, ҷонаш мебарояд, яъне ба маънои ниҳоят харобу лоғар. Инчунин дар забони форсии муосир ибораи мазкур мавриди истеъмол аст ва дорои чунин шакл аст: "димоғаш бегири ҷонаш дар миояд". **Ғуши опи тисак** ба гӯши касе об даромадан /надаромадан/ гӯш накардан, эътибор надодан ба суханҳои касе; **сари санак** ба болои сари касе баромадан, касеро зери дасти худ кардан; **рахи пашми сенак** даҳони касе мӯй баровардан, яъне ба маънои бисёр гап зада натиҷа нагирифтан; **чи хеп сояи чикерак** аз сояи худ тарсидан, тарсончак, аз ҳама чиз, аз ҳама кас дар ҳазар будан ва амсоли инҳо.

Мисолҳо: **чи арки караки наҳавранка витах, несш нос, ҷонш санчӣ** аз бисёр кор кардан чунон шудааст, ки агар биниашро гиред, ҷонаш мебарояд; **шумох жута одами гап наносчӣ, чи насиҳати кари рахим пашм асен** писари шумо гапи одамро намегирад, аз насиҳат кардан даҳонам мӯй баровард; **Алийи чупонӣ яроҳ накун, ах чи хеп сояиш чикерчӣ** Алиро ба чупонӣ нафиристт, вай аз сояи худаш метарсад; **агар пуллаи ҳичӣ наво, каттак авӣ сарит санчӣ** агар ба кӯдак чизе нагӯӣ, калон шавад, ба сарат савор мешавад.

Баъзе ибораҳои фразеологии забони яғнобӣ ба осори шоирони гузашта низ мувофиқат мекунад. Чунончи, ибораи фразеологии **сартаккӣ чи санки** болишти касе аз санг будан. Ибораи мазкурро дар осори Балъамӣ дар шакли "хишт болин кардан" дучор омадем:

> **Муғ аз нишоти сабатчин, ки маст хоҳад шуд,**
> **Кунад баробари чархиш хишт болино.**

Инчунин ибораи "хишт болин кардан" дар баъзе гӯйишҳои саргаҳи Зарафшон мустаъмал аст ва маънои ранҷи тахсил

кашиданро дорад. Дар забони яғнобӣ ин ибора аслан ба шӯбонҳо /даҳмардаву подабонҳо/ тааллуқ дошта ба онҳо нигаронида шудааст, чунки маҳз онҳо шабу рӯз, солу моҳ дар дашту биёбонҳо аз ақиби чорво мегардаанду ранҷи заҳмат ва азобу машаққат мекашанд: **ави сартакки чи санки хаст, нахот, си-чил сутуриш навот** болишти ӯ аз санг аст, наход сӣ-чиҳил гӯсфанд надошта бошад.

Роҷеъ ба ибораҳои фразеологии номбаршуда дутогӣ ҷумла созед.

ДАРСИ БИСТУҲАШТУМ

ДАВОМИ ДАРСИ ГУЗАШТА

Қисми зиёди ибораҳои фразеологии забони яғнобиро воҳидҳои фразеологии феълӣ ташкил медиҳанд. Ин ибораҳо ба воситаи феълҳои серистеъмоли **карак, вияк, хварак, дорак, хашак, деҳак** ва амсоли инҳо сохта шудаанд: **ками вани карак** гардан дароз кардан, ба маънои ба даст даровардани чизе кӯшиш кардан; **синчи карак** таги /зери/ чашм кардан /касе ва ё чизеро/; **ҳучи карак** бардоштан, дуздидан; **шуки карак** хомӯш кардан, ба маънои куштан, кори касеро тамом кардан. Ин ибора дар забони форсии муосир шакли "кори касеро сохтан"-ро дорад; **ҳирри пасти вияк** ҳавли касе паст шудан; **поди почаки вияк** аз по мондан, монда шудан; **нучи вияк** шармандаву шармсор шудан; **куллайи сари вияк** касали сахт/ барҷомонда шудан/; **мичайи таҳи хварак** тарсидан, ибо кардан /накардан/; **шамоли хварак** шамол хӯрдан;**зивоки хварак** дӯстӣ кардан бо касе; **нами хашак** нам кашидан, яъне шубҳа, гумон кардан; **ғуши хашак** гӯш кашидан, ба маънои парҳез кардан аз чизе ва ё коре; **поди хашак** пой кашидан /аз ҷое/, ба хонаи касе нарафтан ва амсоли инҳо.

Мисолҳо: **момом куллайи сари витах** модаркалонам бемори барҷомонда шудааст; **чи роси шаваки подотим почак авор** аз роҳ гаштан хаста шудам /дар пойҳоям ҷон намонд/; **тав шамол хорта, тис сандалии рити нипид** ту шамол хӯрдаӣ, даромада назди сандалӣ хоб кун; **ту нам нахаш, мох тав борои ҳичӣ навота** ту нам накаш, мо дар бораи ту чизе нагуфтаем; **ман шуша нахваромишт, ғушим хашта** ман шуш намехӯрам, гӯш кашидаам /пархезам/; **ав одами чи холаки катш подаш хашта** он кас аз хонаи тағояш пой кашидааст; **воошт ки: агар шутури оп ғавот, камаш ван кунчӣ** мегӯянд, ки: агар уштур ташна монад, гарданашро дароз мекунад; **ах ман китоби синча акун, ман ағирифим** вай китоби маро зери чашм кард, ман фаҳмидам; **нахнотиш чи буғунташ ҳучшинт иктор нота, хапарш навита** пулҳояшро аз кисааш бардошта гирифтаанд, хабараш нашудааст; **ави чанги соли чоф нимиси шук йкта, ниҳипти бахша аранка бадқаҳр хаст** вай дар солҳои ҷанг ким чи қадар немисро куштааст, барои ҳамин бадҷаҳл аст; **ави мича иранка гаптипи таҳ нахорчӣ** бо ин хел суханҳо мижаи ӯ таҳ намехӯрад /наметарсад/; **тав жута иранка арктипиш ахир нучи вичӣ** писари ту бо ин хел корҳояш ахир шарманда мешавад.

Ибораҳои фразеологӣ дар забони яғнобӣ фаровон истифода мешуданд ва мешаванд ва онҳо дар забони ешон як ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки ҳодисаи қонунӣ ба ҳисоб меравад. Он ибораҳое мебошанд, ки тайи солҳои тӯлонӣ чун як қисми барҷаста ва муҳити лексикаи забон тибқи қонуну қоидаҳои забони яғнобӣ рушду нумӯъ ёфта, то имрӯз омадаанду истеъмоли васеъ доранд.

Ибораҳои фразеологии забони яғнобиро аз рӯи сохташон ба хелҳои зерин ҷудо кардем:

1. Ибораҳои фразеологии феълӣ.

Тавре ки қайд кардем теъдоди бештари ибораҳои фразеологии забони яғнобиро ибораҳои фразеологии феълӣ ташкил мекунанд ва маводи ба даст омада низ аз он шаҳодат медиҳад. Барои равшанӣ андохтани фикру ақидаи худ метавонем, боз якчанд мисоли дигаре аз ибораҳои фразеологии феълӣ пешкаши хонандагон гардонем: **сари чукак** сар кӯфтан, ба маънои намоз хондан /намоз гузоридан/; **туғучи партовак** қаҳр кардан, ибораи мазкур аслан ба атфол нигаронида шудааст; **ташки тошак** бедорхобӣ кардан аз таъсири сардӣ; **зивоки жаварак** забон баровардан; **пароғаи мунак** ҳаво додан ба касе; **лакки опи тафарак** об додан ба чашмҳо, ба маънои гиря кардан; **шохи сенак** шох баровардан; **олови носак** алов гирифтан, оташин шудан; **гапи пиронсак** гап фурӯхтан, лаққидан, лоф задан; **гапи хишойак** гапро хоидан, суханро санҷида ва дониста гуфтан; **арки пухсонак** корро пазондан, масъаларо ҳал кардан; **арки занонак** корро зоёондан, корро хобондан, ба кори касе халал расондан ва амсоли инҳо.

Мисолҳо: **чахс, сармох чукким, ғер авӣ** хезед, намозамонро хонем, дер шуд; **иёдам туғуч апартов, ани гапш надеҳ, навот ройи вичӣ** як кас қаҳр кард, дигар ба ӯ чизе нагӯӣ, набошад гиря мекунад; **ид виёра давари анипидим, неки то саҳариса ташк атошим** имшаб дар берун хоб кардем, лекин то саҳар ситора шуморидем /хунук хӯрдем, то саҳар хобамон набурд/; **ав ғайки чоф вахт аст ҳичим навота, ниҳипти бахша зивокш жағата** чанд вакт аст, ки ба он духтар чизе нагуфтаам барои ҳамин забон баровардааст: **Содиқи пароға муношт, чав хотир ани мактаби навойчӣ** ба Содиқ ҳаво медиҳанд, барои ҳамин дигар ба мактаб намеояд; **ав ғайкаки ғор, лакотиш опи тафаракш аст** ба он духтарак нигар чашмҳояшро об додан дорад /гиря кардан дорад/; **туйи ашавӣ шох асен, ту тим наҳах одам, мох тим наҳах одам** ба тӯй рафта шох баровардӣ, ту ҳам ҳамон одам мо ҳам ҳамон одам; **аввал оста-остаи гап деҳчӣ ки олов ност** аввал оҳиста-оҳиста гап мезанаду баъд оташин мешавад; **шумох жута фақат гап пиронсчӣ, чави даст ани ҳичӣ навовчӣ** писари шумо танҳо гап мефурӯшад, аз дасти ӯ дигар коре намеояд; **ҳар одам бояд аввал гапш хишоёт, ки деҳот** ҳар кас аввал бояд гапашро хояду баъд бигӯяд /ҳар кас бояд суханро дониставу санҷида гӯяд/; **шумох шавс арк пухсонс, ки мох бахша и одам ярах кунс** шумо рафта корро пазонед /масъаларо ҳал кунед/ баъдан барои мо як нафарро равон кунед; **мох нахке арк сар иктой, Холмурод авов аркох азанон** мо акнун ба кор шурӯъ карда будем, ки Холмурод омад ва ба кори мо халал расонд; **шумох Аҳади пароға намунс, мунс хепи ақлипиш арк кунот** шумо ба Аҳад ҳаво надиҳед, монед бо ақли худаш кор кунад; **меҳмонти сари чукак аст, ҳозир авқот нахаш** меҳмонҳо намоз хондан доранд, ҳоло хӯрок накаш.

Барои иборaҳои фразеологии феълӣ дутоӣ ҷумла созед.

ДАРСИ БИСТУНУҲУМ

ИДОМАИ ДАРСИ ГУЗАШТА

Иборaҳои фразеологии номӣ

Теъдоди иборaҳои фразеологии номӣ зиёд нест, ба ҳар ҳол баъзеи онҳо мавриди истифода қарор мегиранд: **пук одам** одами беақл, бемағз; **обдор гап** сухани таъсирнок ва нишонрас.

Мисолҳо: **ав мени одамт пук ор** одамони он деҳа бемағзанд; **ах пук одам хаст, чи рахш чок аниж вои вичӣ** вай одами бемағз аст аз даҳонаш ҳар чи барояд гуфтан мегирад; **и ду обдор гапиш адеҳим, ки шук авӣ** як ду сухани обдораш гуфтам, баъд хомӯш шуд.

Иборaҳои фразеологии феълии пешояндор

Ин хел иборaҳои фразеологӣ нисбат ба иборaҳои фразеолгии номӣ бештар аст: **чи ҳаллоҷӣ гудеронак** аз ҳаллоҷӣ гузаронидан, ба маънои сахт лат кардан, кӯфтан, задан /касеро/; **чи нес сечи гапи деҳак** аз бинӣ боло гап задан, ба касе гапи сахттар задан; **ба туппӣ вовак** ба худ омадан, ба ҳӯш омадан, хушёр шудан; **чи баландӣ ҷогаҳ ғиреки носак** аз ҷойи баландӣ хок гирифтан, чизеро аз касе талаб кун, ки он шахс лоиқи иззату эҳтироми дигарон /умум/ бошад. Ба ҳамин маъно шакли тоҷикии он мавҷуд ҳаст; "Хок гирӣ, аз хоктӯдаи баланд гир".

Ҷумлаҳои фразеологӣ

Қисми дигари воҳидҳои фразеологии забони яғнобиро ҷумлаҳои фразеологӣ ташкил медиҳанд: **сад вочӣ, ӣ ност** сад кас мегӯяд, як кас мегирад. Шакли тоҷикии он "як гулу сад харидор" ва шакли форсиаш бошад "як ангуру сад занбур" аст; **иёдами кат вайрони карак** хонаи касеро вайрон кардан, ба маънои ҳаёти оилавии касеро вайрон кардан; **хепи ғусипи пухсак** аз қаҳр фуромадан, аз суханҳои бади худ баъд аз гуфтан пушаймон шудан; **кунлучак чи опи начикерчӣ** шахси бараҳна аз об наметарсад, ҳар чизе дар бисоташ дошта бошад, рӯйи дастурхон мегузорад; **кулвори чи сарш чак дор, куниш авеск, чош куништ** сариштакор будан, ҷораи кореро дар сари вақташ дидан, илоҷи воқеаро пеш аз рӯй додани он ҷустан ва амсоли инҳо ки дар захираи луғавии забони янғобӣ хеле зиёданд.

Шумора

Аслан то даҳ бо забони яғнобӣ шумурда он тараф бо забони форсӣ-тоҷикӣ ҳисоб карда мешавад. Масалан, **ӣ**-як; **ду**-ду; **сарай /тирай/**-се; **туфор**-чаҳор; **панч**-панҷ; **ухш**-шаш; **авд**-ҳафт; **ашт**-ҳашт, **нав**-нӯҳ, **дас**-даҳ.

Мисолҳо:

1. То Нава солиса ӣ мес апараҳс. 2. Ду метини мактаб сар вичӣ. 3. Ман сарай рувонаки аст. 4. Ави тирай дафтари ғавт.

5. Додом ман бахша туфор қалами ахирин. 6. Мох панч сутури аст. 7. Мох қати ухш ғайки жойчӣ. 8. Автити синфи авд жутайи аст. 9. Мох бахша нав лингчаи орта нос. 10. Туйи дас чувани ошшинт мунта.

Саволҳо

1. Ҷумлаҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума кунед.
2. Ба зери шумораҳо хат кашед.
3. Барои ҳар як шумора дутоӣ ҷумла нависед.

ДАРСИ СИЮМ

СУФФИКСҲО ДАР ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Ба воситаи суффиксҳо сохта шудани калимаҳо-ин яке аз роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии ҳар як забон мебошад. Маҳз бо ин роҳ таркиби луғавии забон бо калимаҳои нав ба нав пурра гардида такмил меёбад. Ҳар як калимае, ки дар натиҷаи дигаргуниҳои сохти иҷтимоию сиёсӣ пайдо мешаванд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд меоянд.

Забони яғнобӣ ҳам, ки яке аз забонҳои қадима ба ҳисоб меравад, тарзҳои гуногуни калимасозии худро дорад.

Бо суффиксҳо сохта шудани калимаҳо:

Суффикси-ак

Суффикси **-ак** яке аз суффиксҳои сермаҳсултарини забони яғнобӣ ба шумор меравад. Суффикси мазкур аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад. Суффикси **-ак** бо исмҳо омада хурдиву навозишро ифода мекунад: **ғайк-ғайкак** духтар-духтарак; **сурх-сурхак** сурх-сурхча; **жута-жутак** писар-писарак; **чуван-чуванак** дег-дегча; **макша-макшак** гӯсола-ғусолача; **одам-одамак** одам-одамак ва ғ.

Суффикси **-ак** инчунин аз феъли замони ҳозира масдар месозад: **тир-тирак** рав-рафтан; **жой-жойак** хон-хондан; **нипид-нипидак** бихоб-хобидан; **хирин-хиринак** бихар-харидан; **синой-синойак** бишӯй-шустан; **пиронс-пиронсак** фурӯш-фурӯхтан ва амсоли инҳо.

Суффикси **-ак** -и масдарсоз ба худ задаро қабул намекунад: **ту хати нипишак тоништ ё на?** ту хат навиштан метавонӣ ё не? **ави китоби жойак аст, гапиш нанос** вай китоб хондан дорад, ҳуши ӯро ба гап нагир; **автити моли хиринак аст** онҳо мол харидан доранд; **гудакит ройак аст, тис чиҷиш тафар** кӯдакат

гиря кардан дорад, даромада синааш деҳ; **ави ғови чакак аст** вай гов дӯшидан дорад.

Суффикси —вара

Суффикси **-вара** дар забони яғнобӣ яке аз суффиксҳои серистеъмол ба ҳисоб рафта, бо исм ҳамроҳ шуда меоянд ва макону фаровониро мефаҳмонад. Роҷеъ ба пайдоиши суффикси **-вара**-и забони яғнобӣ А.Л. Хромов зикр мекунад, ки пайдоиши суффикси **-вара**-и забони яғнобӣ бо **варе** < **варак**-и забони суғдӣ алоқаманд мебошад ва аз исмҳо сифати нисбӣ месозад. Муаллиф қайд мекнад, ки суффикси мазкур дар забони яғнобӣ исмҳое месозад, ки маънои макону фаровонии чизеро доранд ва аслан бо микротопонимҳо /номи мавзеъҳо, ҷой/ меоянд.

Бояд тазаккур дод, ки суффикси **-вара** асосан бо исмҳои ифодакунандаи растаниву наботот меоянд ва суффикси-зор-и забони тоҷикиро монад: **катквара** /пиёззор/; **хуруравара** /хорзор/; **ситқавара** /алафзор, ситқа номи як навъи алафи бутташакли паҳнбарг аст/; **сирвичвара** /торонзор, **сирвич** ё **сирвичак** як навъ гиёҳи истеъмолист аз шабеҳи торон/ ва амсоли инҳо.

Ба ғайр аз ин суффикси **-вара** бо исм омада ҳолату вазъияти шахсро нишон медиҳад: **арқавара** /деванафеъл/: **ах одам арқавара хаст, авипи гап надеҳ, ҳақорат кунчӣ** он шахс девонафеъл аст, бо ӯ гап назан, дашном медиҳад.

Лозим ба ёдоварист, ки суффикси **-вара** дар баъзе гӯйишҳои забони тоҷикӣ /гӯйишҳои Саргаҳи Зарафшон ва гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ/ мавриди истеъмол аст.

Суффикси -дон

Суффикси **-дон** ҳам яке аз суффиксҳои сермаҳсул дар забони яғнобист ва аз исмҳои мушаххас зарфият месозад: **ташкдон** кутти дук, дукдон; **лақдон** зарфест, ки дар он ба саг хӯрок диҳанд; **халабдон** зарфест, ки зиёдатиҳои хӯрокро ба он резанд ё ин ки зарфи хӯроકхӯрии чорпоён; **намакдон** зарфест, ки дар он намак гиранд, намакдон; **чироғдон** шамъ,чароғ; **каҳдон** коҳдон, хонаест, ки он ҷо коҳ ё алаф ҷо кунанд ва ғайра.

Й ташкдони даруни туфор ташки ҷогаҳ носчӣ ба дохили ҳар як кутти дук чорто дук ҷой мегирад; **намакдони намак вид, холӣ витах** ба намакдон намак рез, холӣ шудааст; **чироғдони лампа вид таёр кун, тораи вийак аст** ба чароғ керосин пур

карда тайёр кун, торик шудан дорад"; **ворзоти тиритт вар халабдони вид, ғов хорчишинт** зиёдатии хуроки табакҳоро бурда ба зарф рез, гов мехӯрадашон; **кути лақдони нун видошт, ҳароки на** ба саг дар зарфи махсус хӯрок медиҳанд, на дар ҳар куҷо.

Суффикси-акӣ

Суффикси **-акӣ** аз исм исми нав месозад. Суффикси мазкур шахсро аз рӯи касбу кор ва машғулияташ муайян мекунад: **вешакӣ /вайшакӣ/** касе, ки дар пушт алаф меорад; **аспакӣ** каси савори асп меомада; **тӯйакӣ** шаҳмардҳо, онҳое, ки ба тӯй меоянд; **и вешакӣ одами чи сар весак аст, наҳак тав холак хаст** шахсе, ки дар пушт алаф аз боло омадан дорад, тағои ту аст; **ахтит пиёда на, аспакӣ атирор** онҳо пиёда не, аспсавор рафтанд; **туйакит фиронта вовошт аруси варор** шоҳмардҳо фардо омада арӯсро мебаранд.

Суффикси -ина

Суффикси **-ина** аз исм сифати нисбӣ месозад: **дорк-доркина** чӯб-чӯбин; **лой-лойина** гил-гилин; **пашм-пашмина** пашм-пашмин; **рағза-рағзина** шим-пашмин ва ғ.

Авокаи катт ҳаммаш доркина ор хонаҳои он ҷо ҳамааш чӯбинанд;**подотит пашмина бидован вант, наосирошт** ба пойҳоят пайтобаи пашмин бубанд, хунук намехӯранд; **Яғноб лойина каллотинит Қаллапухт амунимишт** дар Яғноб ба кӯзаҳои лойӣ каллаву почаро мемондем.

Суффикси -она-/-ёна/

Суффикси **-она** бо исмҳои ифодакунандаи ҷинсияти табиӣ омада, таинотро мефаҳмонад ва сифат месозад: **ғайк-ғайкона** духтар-духтарона; **заифа-заифона** зан-занона; **морти-мортиёна** мард-мардона: **ту иш курса нануғунт, ғайкона хаст, хонтоштит** ту ин куртаро напӯш, духтарона аст, механданд; **иш арк заифона арк хаст мортитипи назебчӣ** ин кор кори занона аст, ба мардҳо намезебад; **идоки заифот мортиёна либос нуғунтошт, ки веш рупор** занҳои ин ҷо либосҳои мардона пӯшида, баъд алаф дарав кард.

ДАРСИ СИВУЯКУМ

СИНОНИМҲО ДАР ЗАБОНИ ЯҒНОБӢ

Синоним аз калимаи юнонии "синонимос" гирифта шудааст

ва маънои ҳамномро дорад. Дар забони тоҷикӣ синонимро муродиф ҳам мегӯянд.

Синонимҳо дар муомилоти ҳаррӯзаи шахс дучор меоянд ва дар равшану саҳеҳ ва пуробуранг намудани фикр роли муҳимро мебозанд. Синонимҳо яке аз категорияҳои лексикӣ мебошанд, ки дар қатори дигар категорияҳои забони яғнобӣ аз ҷониби мутахассисони соҳаи яғнобшинос кам омӯхта шудааст.

Дар забони яғнобӣ ҳам мисли забонҳои дигар дар тӯли инкишофи таърихии худ калимаҳои нав ба нав падид омаданд, ки қисме аз онҳо муродифҳои зиёде доранд. Гирем, калимаҳои **виёра-хишап, тора**-ро, ки маънои умумиашон акси равшанӣ; рӯшноӣ, рӯз мебошад. Қалимаҳои мазкур аз рӯйи маъно фарқе надоранд ва ҳамаи онҳо маънои умумии шаби торро ифода мекунанд. Вале фарқи байни онҳо аз ҷиҳати баромад аст; **Виёра** нисбат ба ҳаммаъноҳои худ серистеъмолтар аст: **пиён виёра кати меҳмон ой** дина шаб дар хона меҳмон буд; **ситириён виёра кумока ой?** парер шаб дар куҷо будӣ? **ман китоб ниҳед виёра ур, жойомиштиш** китоби маро ҳамин шаб биёр, мехонамаш. Ба ҷои виёра дар ҷумлаҳои зикршуда метавонем калимаи **хишап**-ро истифода кунем: **пиён хишап кати меҳмон ой; ситириён хишап кумока ой? ман китоб ниҳед хишап ур, жойомиштиш.** Истилоҳи **тора**-ро ба ҷойи ҳаммаъноҳояш гузоштан наметавонем, чунки ҷумлаҳо коҳиш меёбанд.

Гоҳо **тора** ва **хишап** якҷоя истифода мешаванд, ки дар натиҷа ҷуфти синонимӣ пайдо мешавад: **ту тора хишапи идока чо куништ?** ту дар шаби тор дар ин ҷо чи кор мекунӣ? **тора хишапи тим катиса натисошт** дар шаби тор ҳам ба хона намедароянд.

Истифодаи калимаву ибораҳои синонимӣ барои такрор наёфтан дар як ҷумла ва ё матн ва возеҳу пуробуранг баромадани нутқ хизмат мекунанд. Барои равшанӣ андохтани фикру ақидаҳои худ калимаҳои **хилита-кулвор, палтарак**-ро мегирем, ки муродифи якдигаранд. Онҳо номи предмете буда, ҳамчун зарфи борандозӣ дар хоҷагӣ ва ҳангоми сафар истифода мешаванд. Қалимаи **хилита** маънои халтаро дорад. Дар забони яғнобӣ истилоҳи **хилита** нисбат ба **кулвор** ва **палтарак** серистеъмол буда, маънои маҷозӣ ҳам дошта метавонад: **хилитағурда** ба маънои халтачашм.

Кулвор нисбат ба **хилита** камистеъмол аст. **Кулвор**-ро аслан аз пӯсти буз ё гӯсфанд тайёр кунанд ва калимаи мазкурро дар адабиётҳои классикӣ ҳам истифода мебурдаанд.

Палтарак нисбати ҳаммаъноҳои худ камистеъмол буда, нисбатан нав аст ва имрӯз калимаи мазкур як дараҷа хусусияти архаистӣ касб кардааст. Имрӯз ин калимаро танҳо аз забони калонсолон шунидан мумкин аст. Аслан яғнобиён **палтарак** гуфта "весмишок"-ро фаҳманд ва умуман ҳар борхалтае, ки ба пушт бананд.

Афзоиши теъдоди синонимҳо дар ҳар забон, пеш аз ҳама вобастаи заминаи миллист. Тибқи қоида яке аз манбаъҳои асосии ба амал омадани калимаҳои синонимии забони яғнобиро гӯйишҳои забони мазкур ташкил менамоянд. Масалан,**курса-курта** курта; **дивияк-тирашак** афтидан, ғалтидан; **рӯғмаста-обнарта** маска; **вуд-фирон** бӯй; **фиронта-фирок** фардо, пагоҳ; **сарай-тирай** се ва ғ.: **иш курса нанугунт, синоякш ғавт** ин куртаро напӯш, онро шустан лозим; **ман нава курта нааст** ман куртаи нав надорам; **ётаи вуд икта** гӯшт бӯй кардааст; **ит опи фирон аст** ин об бӯй дорад; **чит китоби сарай ахириним** аз ин китоб сето харидам; **тирай ғовиш аст** се сар гов дорад.

Манбаи дигари такмили луғати синонимии забони яғнобӣ забони форсӣ-тоҷикӣ мебошад: **буғунҷак-дуздак** дуздидан; **капуча — кафтар** кабутар; **обадон-хушру** зебо, хушрӯй.

Роҳи дигари афзоиши таркиби луғавии забони яғнобӣ кор фармудани калима ва ибораҳо ба маънои маҷозист: **кут-равчна** саг; **нун-хишойна, мурукна** нон; **гурда-руча** чашм; **ғилонак-ҳарри карак** дурӯғ гуфтан; **ройак -лакки опи тафарак** гиря кардан ва амсоли инҳо. Забони яғнобӣ аз ин хели калима ва ибораҳои маҷозӣ хеле бой аст. Онҳо дар забон бо мақсади пуробуранг намудани фикр истифода мешаванд.

Гузаштаи мардуми Яғноб хеле тӯлониву мураккаб буда, пур аз ҳодисаву воқеаҳост. Бояд зикр кард, ки дар натиҷаи истилои арабҳо ва дар ҳамсоягӣ зистан бо халқи ӯзбек ва дигар халқҳои туркзабони Осиёи Миёна дар таркиби луғавии забони яғнобӣ баъзе калимаҳои арабӣ ва туркӣ дохил шуда бо калимаҳои яғнобӣ ҳаммаъно шудаанд. Албатта, теъдоди ин хел калимаҳо зиёд набошанд ҳам, ба қадри ҳол мавҷуданд. Аз ин рӯ, калима ва ибораҳои зиёди синонимии забони яғнобиро ба гурӯҳҳои зайл ҷудо кардем:

1/ силсилаи калимаҳои синонимии яғнобӣ: **виёра-тора, хишап** ба маънои шаб, шаби тор; **сарай-тирай** се; **вуд-фирон** бӯй; **дивияк-тирашак** афтидан ва ғ.

2/ силсилаи калимаҳои ҳаммаънои яғнобӣ-тоҷикӣ: **кат-кулба** манзил, хона; **гурда-дида** чашм; **ғулӯ-бисиёр** бисёр, зиёд; **шов-сиёҳ** сиёҳ ва ғайра.

3/ силсилаи калимаҳои яғнобӣ-арабӣ: **зивок-лавз** забон.

ДАРСИ СИВУДУЮМ

ИДОМАИ ДАРСИ ГУЗАШТА

Синонимҳо аз рӯйи ҳиссаҳои нутқ

Дар ин қисмат синонимҳоро аз рӯи ба категорияҳои нутқ мансуб буданашон аз назар мегузаронем. Албатта, дар таркиби ҳамаи ҳиссаҳои нутқ калимаву ибораҳои ҳаммаъно мавҷуданд, лекин мо аз рӯи имкон танҳо роҷеъ ба синонимҳои ҳиссаҳои номии нутқ маълумоти мухтасар медиҳем.

1. Синонимҳое, ки аз исмҳо иборатанд.

Дар ташаккул ёфтани синоними исмҳо калимаҳои решагӣ ва калимаҳои содда дорои аҳамияти калон мебошанд: **кат-кулба, манзил, сарпаноҳ, макон, ғотк,ғора, вӯна** хона. Ин калимаҳо исми маконанд ва дар он шахси алоҳида ё гурӯҳи муайяни одамон ва ё ҳайвоноту ҳашарот зиндагӣ мекунанд. Аз синонимҳои зикршуда дар забони яғнобии имрӯза истилоҳи **кат** нисбат ба ҳаммаъноҳои худ серистеъмол буда, доираи истеъмоли он васеъ мебошад. Истеъмоли калимаҳои **кулба, манзил, сарпаноҳ, макон, ғора, вӯна** нисбат ба калимаи **кат** маҳдуд аст.

Калимаи **кат** мафҳуми умумии хона буда, дар забонҳои суғдӣ ва авестоӣ низ қариб дар ҳамин шакл ба маънои хона мустаъмал буда: суғдӣ **ктак, кт**; авестоӣ **ката.**

Истилоҳи **кулба** ҳаммаънои калимаи **кат** буда, нисбат ба макони истиқоматии одамон истифода мешавад. Аз ҷиҳати маъно ва андозаи истеъмол нисбат ба **кат** маҳдуд аст. **Кулба** хонаи оддии фақирона, ки гӯянда аз рӯи камтари /фақирӣ/ гӯяд: **мох кулбайи и виёра меҳмон вис** дар кулбаи мо як шаб меҳмон шавед.

Истилоҳи **ғора** хона, макон бошад, бештар ба макони ҷонварон ва паррандагон тааллуқ дорад: **сичаи ғора** лонаи гунҷишк; **мори ғора** хонаи мор; **зиреки ғора** лонаи кабк ва ғ. Ба ҳамин маънӣ ба ҷои калимаи **ғора** истилоҳи **ғотк**-ро низ истифода кардан мумкин.

Калимаи **вӯна** танҳо нисбат ба макони зисти суғур ва муш истифода мешавад: **хавки вӯна** хонаи сӯғур; **муши вӯна** хонаи муш.

Ҳаммаъноҳои **ғӯрда-дида** чашм дар ифодаи органи биноӣ синоним мешаванд. Калимаи **ғурда** хусусияти умумиистеъмолӣ дорад ва бо бисёр маъноҳои худ аз доираи синонимӣ аз калимаи **дида** фарқ мекунад: **ғурди видак** чашм андохтан; аз назар гузаронидани чизе ё касе; **ғурди вантак** чашм пӯшидан, мурдан, аз дунё гузаштан; **ғӯрди опи тафарак** чашмҳоро об додан, лаззат бурдан ва амсоли инҳо. Дар ин ибораҳо калимаи **ғурда** ҳарчанд маъно ва тобишҳои гуногуни маъноӣ гирфта бошад, ҳам аз маънои аслии /луғавии/ худ тамоман дур нарафтааст.

Истилоҳи **дида** нисбат ба **ғурда** камистеъмол аст: **нун анос дидотиш афас** нонро гирифта ба дидаҳояш, /чашмонаш/ молид.

Ханк-явра, чикетк низ ҳаммаъноанд. **Ханк** парвезан, ордбезак нисбати синонимҳои худ серистеъмол аст ва ба воситаи он орд безанд. **Чикетк** ва **явра** бошанд барои тоза кардани зироатҳои ғалладона истифода мешаванд.

Ё ин ки синонимҳои: **хилитта-кулвор, палтарак** ба маънои халта, борхалта; **курса-курта** ва ғ.

Синоними сифатҳо

Дар захираи луғавии забони яғнобӣ як миқдор калимаҳои синонимии сифатҳо мавҷуд аст, ки ба ин гурӯҳ калимаҳои синонимии зеринро дучор кардан мумкин аст: **катта-барзангӣ** калон; **олами-ғулу, бисиёр** бисёр, зиёд; **обадон-лехна, хушру** зебо, хушрӯй; **сорт-яхча** хунук, сард; **пун-лаболаб, қаба** пур, бисёр, лабрез ва ғ.

Мисолҳо:

Давар вант, кат сорт авӣ дарро пӯш /банд/, хона хунук шуд; **ман яхча оп жавак натономишт** ман оби сард хӯрдан наметавонам; **иранка ман чи тав ду соли каттаим** ман аз ту ду сол калонам; **иранка барзангӣ одами нахке авеним** ин хел одами калонро акнун дидам; **инур олами аркшинт икта** имрӯз хеле кор кардаанд; **дайрои опи ғулуйи вияк аст** оби дарё зиёд шудан дорад; **ту ипти бисиёр науфс, заларш аст** ту ин қадар зиёд хоб накун, зиён дорад; **иш кат пун авӣ, вовтагӣ одамтӣ ав кат давар** ин хона пур шуд, одамҳои омадагиро ба он хона дарор; **каллаи хишифт лаболаб накун, наштономишт варак** шири кӯзаро лабрез накун, бурдан наметавонам; **иранка рағза қабах** аз ин навъ шим бисёр аст;

идокаи ғайкт ҳаммаш лехна ор духтарҳои ин ҷой ҳамааш зебоянд; **ғайктиш обадан ғайкти ор** духтарҳояш духтарҳои бомаъниaнд; **иш асп хушру витах** ин асп хушрӯ /зебо/ будааст.

САВОЛҲО:

1. Ба зери калимаҳои синонимӣ хат кашед.
2. Барои калимаҳои синонимӣ яктогӣ ҷумла нависед.

ДАРСИ СИВУСЕЮМ

Идомаи дарси гузашта

Дар захираи луғавии забони яғнобӣ калима ва ибораҳои феълӣ низ мақоми хоса доранд, **ший-жив; пан-пиз; кусел-фишом; сури карак-нуки карак** ва ғ.

Калимаҳои феълии **ший** ва **жив** маънои дӯз /духтан/-ро доранд. Истилоҳи **ший** нисбат ба синоними худ серистеъмол буда, доираи васеъ дорад: **рағзам ший, дириштах** шимамро дӯз, даридааст; **ман бахша и курса ший** барои ман як курта бидӯз.

Истилоҳи **ший** ба ғайр аз маънои дӯхтан боз маънои дигаре ҳам дорад. Ба маънои сармо задан ҳам истеъмол меёбад: **подотит пашмина бидован вант, навот, ший-ошт** ба пойҳоят пайтобаи пашмин банд, набошад, сармо мезанад.

Калимаи **жив** нисбат ба синоними худ /ший/ доираи истемолаш тангтар аст ва дар баъзе мавридҳо ба кор меравад: **и-ду курпачаи аст, наҳавтити живак ғавт** як-ду кӯрпача ҳаст, онҳоро дӯхтан лозим.

Синонимҳои **пан-пиз** маънои хастанро доранд. Доираи истеъмоли калимаҳои мазкур васеъ аст. Истилоҳи **пан** дорои ду маъю аст: а/хастан, халондан; б/ паррак задан /ба заволаҳои нон/, нонпар, задан: **синчинипи чи поди такш пиз** бо сӯзан аз зери пояш халон; **ман завола носомишт, ту панакшинт деҳ** ман завола мегирам ту нонпар задан гир.

Калимаи **пиз** низ ҳамчун синоними худ дорои ду маънӣ мебошад: а/ хастан, халондан; б/ тар кардан; **коқ нун чойи пиз хвари ви** нони қоқро /хушк/ ба чой тар карда хӯрдан гир.

Синонимҳои **дивӣ-тираш** /дивияк-тирашак/ ба маънои афтидан, ғалтидан истеъмол мешаванд. Чи тавре пештар қайд карда будем, яке аз манбаъҳои асосии пайдоиши калимаҳои синонимии забони яғнобӣ-ин гӯйишҳои он ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ,

дар ин ҷо ҳамномҳои **дивӣ** ва **тираш** истилоҳоти гӯйиши маҳалҳои мухталифи Яғноб мебошанд. Қалимаи **дивӣ** маҳсули гӯйиши шарқии яғнобӣ буда, дар деҳаҳои Қул, Даҳана, Симич, Сокан, Ғармен, Пискон, Дебаланд истеъмол меёбад. Синоними калимаи **дивӣ тираш** маҳсули гӯйиши ғарбии яғнобӣ ба ҳисоб рафта, дар деҳоти Нумиткон, Питип, Пулларовут, Думзой, Вағинзой мавриди истеъмол аст.

Қалимаҳои **дивӣ-тираш** ба ғайр аз афтидан, ғалтидан ва маънои аз имтиҳон нагузаштанро ҳам доранд: **ави жута чи сеюм имтиҳон адивӣ** писари ӯ аз имтиҳони сеюм афтид; **ах чи забони имтиҳон тираштах** ӯ аз имтиҳони забон афтидааст.

Ҳамномҳи **кусел-фишом, ярахи карак** дорои маънoҳои гусел кардан /касеро/, фиристодан /чизеро ба ҷое/ мебошанд. Синонимҳои **кусел** ва **ярахи карак** ба маънoҳои гусел кардан ва фиристодани чизе истеъмол меёбанд ва доираи истеъмоли онҳо аз ҳамноми худ **фишом** васеъ аст. Ҳамномҳои **куселак** ва **ярахи карак** ҳам дар гӯйиши шарқӣ ва ҳам дар гӯйиши ғарбӣ баробар истеъмол меёбанд.

Қалимаи **фишом** /фишомак/ дорои маънои мушаххас буда, доираи истеъмолаш нисбати синонимҳои худ тангтар аст. Қалимаи мазкур хоси гӯйиши ғарбӣ буда, танҳо ба маънои фиристодани чизе аз як ҷо ба ҷои дигарро дорад: **иш либост ғайки бахшам фишом** ин либосҳоро барои духтарам бифирист; **очаим ман бахша и худ, ду куртаи фишомта** модарам барои ман як тоқӣ /каллапӯш/, ду курта фиристодааст; **чи кат ман бахша нахнашинт фишомта** аз хона барои ман пул фиристодаанд.

Дар забони яғнобӣ на танҳо феълҳои содда ба пайвастани силсилаҳои синонимӣ қодиранд, балки феълҳои таркибии номӣ ҳам ба чунин имконият соҳибанд. Дар ҳолати синоним шудани феълҳои таркибӣ, аслан шакли ҷузъи номӣ тағйир меёбад: **сури карак-нуки карак; пуни карак-лаболаби карак; сорти вияк-яхчаи вияк** ва амсоли инҳо.

Феълҳои таркибии **сури карак** ва **нуки карак** маънои рондан, пеш кардан /касе ва ё чизеро/ доранд ва онҳо дар забони имрӯзаи яғнобӣ серистеъмоланд: **вузти чи ҳавлӣ сур кун, дарахтт хишойошт** бузҳоро аз ҳавлӣ пеш кун /берун кун/ ниҳолҳоро мехоянд; **пуллоти чи кат нуки кун** бачаҳоро аз хона пеш кун.

Супориш:

1. Барои калимаҳои синонимии феълӣ дутоӣ ҷумла нависед.

2. Ҷумлаҳоро ба дафтаратон нависед ва ба зери истилоҳоти синонимӣ хат кашед.

ДАРСИ СИВУЧОРУМ

ОМОНИМҲО

Омонимҳо аз ҷиҳати таркиби овозӣ ва талаффуз ба ҳам монанд буда, маънoҳои гуногунро ифода менамоянд. Забони яғнобӣ аз калимаҳои омонимӣ хеле бой буда, дар захираи луғавии забон мавқеи хоса доранд. Истилоҳоти омонимӣ ба мисли синонимҳои забони яғнобӣ бо роҳҳои мухталиф пайдо шудаанд:

1. Омонимҳои хоси забони яғнобӣ: 1/ **панч** панҷ; 2/ **панч** калид; ё ин ки калимаи **рот** 1/**рот** роҳ; 2/ **рот** -тӯёна, ҳадя. Дар ин ҷо интишори яке васеъ ва дигаре маҳдудтар аст. **Рот**-и аввал хоси гӯйиши ғарбии забони яғнобӣ буда, **"рот"**-и дуввум барои тамоми мардуми Яғноб баробар истеъмол меёбад: **иш рот васта вичӣ** ин роҳ баста мешавад; **вироти туйим и сутур рот варомишт** дар тӯйи бародарам як гӯсфанд тӯёна мебарам.

Давар 1/ давар дар: **кати давар** дари хона; 2/ **давар** берун: **давари ниж бозӣ кун** берун баромада бозӣ кун; 3/ **давар** дарор /асоси замони ҳозираи феъли даровардан/: **ах китобт идока давар** он китобҳоро ба ин ҷо дарор.

Қалимаҳои **давар** омонимҳоеанд, ки ба гӯйиши шарқии забони яғнобӣ мансубият доранд. Истилоҳоти фавқуззикр дар гӯйиши ғарбии мардуми Яғноб ба тағйироти овозӣ дучор меоянд. Ба ҷойи садоноки аввали /овози"а"/-и гӯйиши шарқӣ дар гӯйиши ғарбӣ садоноки "и" талаффуз меёбад: **давар-дивар**.

Тав 1/ **тав** ту/ ҷонишини шахси дуввуми танҳо: **ман тав бахша рағза ахириним** ман барои ту шим харидам; **тав чо нум аст?** ту чӣ ном дорӣ?; **тав додо чю арк кунчӣ** падари ту чи кор мекунад? **тав чоф рувонаки аст** ту чандто барраҷа дорӣ? 2/ **тав** болор /болори хона ё чӯбҳои купрук/: **етки тав-ти олиши карак ғавт** чӯбҳои /болорҳои/ кӯпрӯкро иваз кардан даркор.

Роҳи дуюми пайдоиши омонимҳо дар забони яғнобӣ; аз ҳисоби калимаҳои тоҷикист. Ба ин гурӯҳ калимаҳое дохил мешаванд, ки сохт ва тарзи талаффузашон бо баъзе калимаҳои яғнобӣ мувофиқ меояд:

1/ **тана** қаймоқ, рӯйи ҷурғот: **тана чуботийи мета хаст**

қаймоқи рӯйи ҷурғот мисли нони тунук аст; 2/ **тана** тана, танаи ягон чиз: **дарахти тана** танаи дарахт.

1/ **ғор** асоси замони ҳозираи феълӣ, нигоҳ кун: **манса ғор, заминиса на** ба ман нигоҳ кун, ба замин не; **виротит ғор, наройот** бародаратро /додаратро/ нигоҳ кун, гиря накунад; 2/ **ғор** ғор: **ниҳед ғори даруни хирс аст** дар даруни ҳамин ғор хирс аст.

1/ **нос** асоси замони ҳозираи феъл, **нос, нун хвар** гир, нон хӯр; **ман китоб нос жой** китоби маро гирифта хон; 2/ **нос** нос: **ман нос нахашомишт** ман нос намекашам.

АНТОНИМҲО /калимаҳои зидмаъно/

Чунин калимаҳоеро антоним ном мебаранд, ки нисбати ҳамдигар зидмаъно бошанд: **хишап-мес** шаб рӯз; **шов-сафед** сиёҳ-сафед.

Калимаҳои зидмаъно воситаи қадимаи лексикӣ ҳисоб мешаванд. Одамон дар вақти пайдоиши забон бо таъсири муҳит гармро аз сард, некро аз бад ва амсоли инҳоро фарқ карда, ин гуна мафҳумҳоро ба таври муқоиса ба кор бурдаанд. Калимаҳои зидмаъно вобаста ба имконияти воҳидҳои луғавӣ дуаъзогӣ мешаванд, ки аз ду воҳиди зидмаъно иборат буда, дар он як аломати манфӣ ва як аломати мусбат ҷой дорад: **разг-дурӯғ** рост- дурӯғ; **обадон-ғупата** хушрӯй, зебо, боназокат-ифлос, чиркин ва ғ.

Калимаҳои зидмаъно барои ба ҳам муқобил гузоштани ягон чиз, аломат, воқеа ва амсоли инҳо хизмат мекунанд. Аз ин ҷиҳат ин хусуиятҳоро ба назар гирифта, калимаҳои зидмаънои забони яғнобиро ба хелҳои зерин ҷудо кардем:

1.Калимаҳои зидмаъное, ки мафҳуми макон ва масоҳатро дар бар мегиранд: **сар-так** боло-поин; **дур-наздик** ва ғ.

2. Антонимҳое, ки мафҳуми замонро нишон медиҳанд: **мес-виёра** рӯз-шаб.

3. Калимаҳои зидмаъное,ки мафҳуми ҳодисаҳои табиатро дарбар мегиранд: **гарм-сорт** гарм-сард; **рӯшан-тора** равшан-торик ва ғ.

4. Калимаҳои зидмаъное, ки ифодагари мафҳуми ранг, ҳаҷми предметҳо мебошанд: **катта-пулла** калон-хурд; **шов-сафед** сиёҳ-сафед.

Бештари калимаҳои зидмаънои забони яғнобиро калимаҳои феълӣ ташкил медиҳанд: **пен-вант** боз кун-банд; **тис-ниж** даро-буро; **сан-вес** буро-фуро; **хант-рой** биханд-гиря кун; **нид-ҷах** шин-хез ва ғ.

Калимаҳои зидмаъно ҳангоми пай дар пай омадан бо пайвандаки **-ат** бо ҳам пайваст мешаванд: **каттаат пулла** калон ва хурд; **шоват сафед** сиёҳу сафед; **хишапат мес** шабу рӯз: **сарат так** болову поин ва амсоли инҳо.

ЯҒНОБИ МАН

Бурҳониддини Бузургмеҳр

Чун биҳиште байни кӯҳҳои баланд,
Менамояд дар назар Яғноби ман.
Мекашад дилро ба худ беихтиёр,
Чашмаҳои зам-зами Яғноби ман.

Руди Яғноб-шоҳаи Анши[1] калон,
Мекунад туғён чун як шери жаён.
Мешикофад синаи ҳар кӯҳу санг,
Мезанад худро ба руди Зарфишон...

То ба ҳоло бо забони суғдӣ,
Ҳарф гӯяд мардуми Яғноби ман.
Сар ба дор доданду бар шамшери тез,
Баҳри ваҳдат мардуми Яғноби ман.

Пос медоранд ҳама аждоди худ,
Суғдиёни воҳаи Яғноби ман.
Оташи қудсӣ фурӯзон то ба ҳол,
Дар кату[2] дар сандали[3] Яғноби ман.

Аз замини камзаминаш то ба ҳол,
Мехурад нон мардуми Яғноби ман.
Гуфтаҳои он Деваштич то кунун,
Ҳамчу тӯморе дар Яғноби ман...

1. **講шон**-номи қадимаи руди Зарафшон
2. **Кат**-вожаи сӯғдии яғнобист, ба маънии хона.
3. **Сандалӣ**-мизи нишастгоҳ, ки зераш оташ гузоранд ва даври он нишинанд.

С. Мирзозода

ЯҒНОБӢ ЗИВОК

СИНФИ 4

Муҳаррири ороиш **Ғ.Шукурӣ, Ҳ. Сафаров**
Муҳаррири техникӣ **А. Ҳомид.**
Мусаҳҳеҳ **Б. Бузургмеҳр**
Саҳифабанд **Ф. Раҳимов**

Ба матбаа 12.08. 98. супурда шуд. Ба чопаш...... имзо гардид. Андозаи коғаз 60x84 1/16. Қоғази матбаавии N 2. Ҳуруфаш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 7,0.

Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,51. Адади нашр 1000. Супориши № 642

Нашриёти "Сурушан". ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Матбааи аввалини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

СУРУШАН

СУРУШАН

САЙФИДДИН МИРЗОЗОДА

4

ЯҒНОБӢ ЗИВОК